ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

ВБД 338.431.5 (575.3) *Бо ҳуқуқи дастнавис*

САИДМУРОДОВА МАЛИКА АБДУВАҲОБОВНА

ТАШАККУЛ ВА РУШДИ БЕХАТАРИИ ОЗУҚАВОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ШАРОИТИ ДИВЕРСИФИКАТСИЯИ ИҚТИСОДИЁТИ МИЛЛӢ
(НАЗАРИЯ, МЕТОДОЛОГИЯ ВА АМАЛИЯ)

АВТОРЕФЕРАТИ

диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.6. Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ

Душанбе – 2026

Диссертатсия дар кафедраи иқтисодиёти ҷаҳонии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

Мушовири илмӣ: **Қудратов Рустам Раҳматович -** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, профессори кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Муқарризони расмӣ: **Пиризода Ҷалил Сафар -** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, директори институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон

Давлатзода Қудрат Қамбар - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, ректори Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ

Ризозода Тура Раббим – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон

Муассисаи пешбар: **Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ**

Ҳимояи диссертатсия санаи «05» декабри соли 2026, соати 10^{00} дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.KOA-134-и назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур (734003, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 146. E-mail: olimov-1976@mail.ru, телефони котиби илмӣ: (+992) 101-17-90-90) баргузор мегардад.

Бо муҳтавои рисола дар китобхонаи илмӣ ё дар сомонаи расмии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур www.tajagroun.tj шинос шудан мумкин аст.

Автореферат «_____» _____2026 с. фиристода шудааст.

Котиби илмии
шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Олимов А.Х.

МУҚАДДИМА

Мубрамии мавзуи таҳқиқот. Яке аз самтҳои асосии иқтисодӣ-иҷтимоӣ ин таъминоти бехатарии озуқаворӣ, ҳамчун қисми таркибии амнияти миллӣ дар мамлакат ҳисоб меёбад, ҳалли саривақтии он барои Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти аввалиндараҷаро касб менамояд.

Барои таъмини самтҳои аввалиндараҷаи амнияти озуқаворӣ ва таъмини рушди устувори иқтисодиёт амалӣ намудани стратегияҳои рушд лозим аст, ки сатҳу сифати зиндагии мардумро инъикос менамояд ва зарурӣ мебошад.

Дар Паёми худ Пешвои миллат, Эмомалӣ Раҳмон чунин қайд менамоянд: «...Вобаста ба ин мушкилоти озуқавории кишвар аз ҳисоби худтаъминкунии аҳолии кишвар вобаста ба захираҳо ва имкониятҳо бо ташкили хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), хоҷагиҳои наздиҳавлигӣ, кооперативҳо талаботи аҳолии кишварро, ки айни ҳол 10,5 млн. нафарро ва то соли 2030 зиёда аз 11,0 млн. нафарро ташкил ҳоҳад дод» вазифаи аввалиндараҷа мебошад» [32, с 9.].

Таъмини бехатарии озуқаворӣ дар бисёр давлатҳои ҷаҳон қазияи муҳими иқтисодӣ-иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад. Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва тақсимоти нави байналмилалии меҳнат дар бозори ҷаҳонӣ дастгирии давлатии соҳаи кишоварзӣ муҳим мебошад. Аз иқтидори ибтидоии истеҳсолоти кишоварзӣ ва сармоягузорӣ ба соҳаи истеҳсоли маводи озуқаворӣ, аз ҷумла комплекси агросаноатӣ дараҷаи бехатарии озуқавории Ҷумҳурии Тоҷикистон вобастагӣ дорад. Бехатарии озуқаворӣ дар ташаккули худ бояд асосҳои назариявӣ ва методологиро дар назар гирад. Ҳалли қазияҳои бехатарии озуқаворӣ дар давраи ислоҳоти иқтисодии кишоварзӣ самтҳои асосии дастгирии молистеҳсолкунандагон, истифодаи усулҳои дастгирии иҷтимоӣ-иқтисодии соҳаро бояд дар назар гирад.

Ҳалли доираи васеи масъалаҳои баррасишавандаро нокифоя будани омӯзиши ҷанбаҳои алоҳидаи назариявию амалии таъмини бехатарии озуқаворӣ дар шароити диверсификатсияи иқтисодиёти миллӣ ва болобарии самаранокии таъмини кишвар бо маҳсулоти озуқавории хушсифат муайян сохт. Такони зарурӣ ба таҳқиқоти илмӣ вобастагии бозори дохилии маҳсулот аз воридоти маҳсулоти беруна, вобастагии нархҳо ба маҳсулоти асосии озуқа, аз он ҷумла вобастагии соҳаи кишоварзӣ аз омилҳои табиӣ – иқлимӣ медиҳад. Дар ин шароит дар таҳқиқотҳо оид ба ташаккул, рушди сиёсати давлатӣ дар соҳаи бехатарии озуқаворӣ, ки ба мустаҳкам намудани иқтидори истеҳсолот, кам кардани таҳдид ва таъмини мутавозин, рушди соҳаи кишоварзӣ такон медиҳанд.

Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ. Нақши назаррасро дар ташаккули асосҳои назариявии рушди масоили иктисодӣ классикони илми иқтисод ба монанди: Л. Валрас, Д.М. Кейнс, Н.Д. Кондратев, К. Маркс, Ф. Энгелс, К.Р. Макконнелл, С.Л. Брю, А. Маршалл, Д. Рикардо, П.А. Самуэлсон, У.Д. Нордхаус ва дигарон гузоштаанд.

Масоили рафтори субъектони иқтисодӣ дар бозор бо қонунҳои кашф намудаи олимони зерин пайвастагӣ дорад: Роберт Гиффен, Торштейн Бунде

Веблен, Эрнст Энгел, Меррилла Беннет, Ҷастин Тиммер, ки ин қонунҳоро олими машҳури амрикоӣ Алфред Маршалл дар асари худ «Принципы экономической науки» аз нуқтаи назари илмӣ баҳои баланд додааст.

Ба ҳалли масоили танзими давлатӣ, низомҳои иқтисодӣ ва амнияти иктисодӣ олимони зерин: Л. Абалкин, В.А. Богомолов, С.Ю. Глазев, Е. Губин, Б.Н. Кузик, А.М. Латифов, Р.М. Нуреев, Г.В. Тсалов, Р.К. Раҳимов, Ш. Раҳимзода, Ҷ.А. Алиҷонов А.А. Бобоев, Е.Н. Борисенко, Д.Б. Қодирзода таҳқиқотҳои илмии худро бахшидаанд.

Масъалаҳои зиёди ташкилӣ-иқтисодии соҳаи кишоварзӣ ва рушди устувори онро олимони хориҷӣ ва ватанӣ, аз ҷумла М.И. Абдурахманов, А.Я. Аверх, П.А. Столипин, А.М. Алкличев, М.Э. Бадалян, В.Г. Логинов, Н.С. Посунко, В. Суровтсев, Ф.Х. Азизов, Ш.Ш. Базаров, А. Эргашев, Д.Д. Бобоҷонов, В.В. Воҳидов, Х. Ғафуров, Т.Б. Ғаниев, К.К. Давлатов, М.Р. Қурбонзода, Х.Р.Исайнов, З.Р. Шарифов, Ҷ.С.Пиризода, А.А. Мадаминов, А.Б. Мирсаидов, С.А. Мирсаидов, Х.А. Одинаев, А.Х. Олимов, Х.Б. Раҳматзода, Т.Р. Ризоқулов, Н.Т. Садриддинов, И.Х. Самандаров, Н.М. Собирзода, Ҳ.У. Умаров, Қ.Х. Хушвахтзода, Р.С. Шокиров, Б.У. Шукуров, Ҷ.Х. Тағоев таҳқиқ кардаанд.

Таҳқиқот нишон дод, ки ҷанбаҳои мураккаб ва гуногуни бехатарии озуқаворӣ аз ҷониби олимони хориҷӣ ва ватанӣ, аз ҷумла А.И. Алтухов, Т. Агапова, Е.Н. Антамошкина, С.Г. Афанасев, Ҷ. Алстон, С. Картер, В. Смит, В.С. Балабанов, Т.В. Бархатова, Р.А. Бурханов, В. Коровкин, А.Д. Котенев, Н.Ю. Коток, И.П. Лупашко-Сталский, Д. Милкович, В.В. Милосердов, Е.Б. Найданова, А.В. Сачков, С.В. Слива, Н.Л. Смелик, И.Г. Ушачев, Ю.С. Хромов, Б.А. Черняков, Л.С. Чешинский, Р.Р. Қудратов, Ф.С. Абдувосиев, И.С. Ашуров, Т. Баҳромӣ, Н.Қ. Қаюмов, А. Каюмов, В.К. Минтусов, Л.Х. Саидмуродзода, И.С. Фасеҳзода, Х.А. Сайдалиев, А.А. Солехзода, Б.Д. Тағоев ва дигарон мавриди омӯзиш қарор дода шудаанд.

Бояд қайд кард, ки нақши давлат дар таъминоти бехатарии озуқаворӣ бо назардошти дастгирии молистеҳсолкунандагон, беҳтар намудани сифати маҳсулоти озуқаворӣ, ашёи хом ва таҷрибаи хориҷии таъмини масъалаи мазкур дар адабиёти иқтисодӣ таҳқиқ шудаанд, лекин баъзе ҷанбаҳои он дар шароити нави иқтисодӣ пурра таҳлил нагардидаанд. Ҳамин тавр, аҳамияти назариявӣ ва амалии масъалаҳои болозикршуда, инчунин зарурати ҷӯстҷӯи роҳҳои мукаммалгардонии бехатарии озуқаворӣ дар шароити диверсификатсияи иқтисодиёти миллӣ ба интихоби мавзуи диссертатсия ва мақсаду вазифаҳои он сабаб гардид.

Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ, асосан, бо истинод ба ҷанбаҳои назариявӣ-методологӣ ва амалии ҳуҷҷатҳои стратегӣ, барномаҳои миёнамуҳлат, аз ҷумла «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», «Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаҳои илм, технология ва инноватсия барои давраи то соли 2030», «Барномаҳои миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 ва 2021-2025», Қонуни

Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амнияти озуқавории Ҷумҳурии Тоҷикистон» соли 2019, №641», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ (аз 23.12.2021 № 1827, аз 08.06.2022 № 1882), Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 3 марти соли 2014, №144) дар бораи «Консепсияи пешрафти инноватсионии комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Барномаи дастгирии содирот ва воридот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025», «Барномаи амнияти озуқавории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2030» ва дигар барномаҳои соҳавӣ дар КАС-и ҷумҳурӣ собит карда шудааст. Мундариҷа ва муқаррароти диссертатсия ба самтҳои асосии таҳқиқотҳои бунёдӣ ва амалии Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои афзалиятноки таҳқиқотҳои илмӣ ва илмӣ-техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2016-2020 ва 2021-2025», Вохӯрии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кормандони соҳаи маориф аз 30-уми майи соли 2024, инчунин дар доираи мавзуҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи иқтисодиёти ҷаҳонии факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон «Механизми таъмини манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароитҳои рушди равандҳои глобализатсионӣ» (солҳои 2016-2020) ва «Механизми таъмини манфиатҳои берунииқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароитҳои глобализатсия ва интегратсияи иқтисодӣ» (солҳои 2021-2025) иҷро карда шудааст.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

Дар кори дисертатсионии мазкур, ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии таъмини бехатарии озуқаворӣ, махсусан се ҷанбаи он: дастрасии ҷисмонӣ, дастрасии иқтисодӣ ва дастрасӣ ба хӯрокаи хушсифат баррасӣ шудаанд. Дар заминаи он ҷанбаҳои алоҳида оид ба таъмини бехатарии озуқаворӣ дар мамлакат баррасӣ гардидаанд. Дар кори диссертатсионӣ тавсияҳои мушаххас оид ба ҳалли мушкилоти стратегияи воридотивазкунӣ дар шароити диверсификатсияи иқтисодиёти миллӣ пешниҳод шудааст.

Мақсади таҳқиқот. Дар диссертатсияи мазкур бори аввал се ҷанбаи бехатарии озуқаворӣ (дастрасии ҷисмонӣ, дастрасии иқтисодӣ ва дастрасӣ ба хӯрокаи хушсифат) дар шароити диверсификатсияи иқтисоди миллӣ баррасӣ шудаанд.

Вазифаҳои таҳқиқот:

– омӯзиши ҷанбаҳои назариявии бехатарии озуқавории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити диверсификатсияи иқтисоди миллӣ;

– омӯзиши иҷрои талаботи Созмони умумиҷаҳонии савдо дар самти таъминоти бехатарии озуқаворӣ;

– баҳодиҳии мамлакатҳои пешрафта оид ба таъмини бехатарии озуқаворӣ ва истифодаи таҷрибаи онҳо дар мамлакат;

– таҳқиқи самтҳои асосии методӣ-методологӣ оид ба таъмини бехатарии озуқавории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– омӯзиш ва пешниҳоди чорабиниҳо оид ба таъмини бехатарии озуқаворӣ дар соҳаи кишоварзии мамлакат;

–гурӯҳбандии меъёрҳо ва маҳакҳои муайянкунандаи нишондиҳандаҳои сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ вобаста ба истеъмоли маводи озуқаворӣ; таҳлили сифат ва бехатарии маҳсулоти кишоварзӣ, ашёи хом ва озуқаворӣ дар шароити аъзогии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Созмони умумиҷаҳонии савдо;

– омӯзиши самтҳои асосии такмили низоми бехатарии озуқаворӣ ва муайян кардани хусусиятҳои хоси он дар шароити муосири диверсификатсияи иқтисодиёти миллӣ;

– коркарди самтҳои асосии дастгирии давлатии таъмини бехатарии озуқаворӣ дар шароити диверсификатсияи иқтисодиёти миллӣ. Асоснок намудани дурнамои истеъмол ва истеҳсоли намудҳои асосии озуқаворӣ бо дарназардошти равандҳои ҳамгироӣ дар КАС - и ҷумҳурӣ рухдиҳанда.

Объекти таҳқиқот соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва корхонаҳои кишоварзии шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ дар шароити диверсификатсияи иқтисодиёти миллӣ баҳисоб меравад.

Мавзуи (предмет)-и таҳқиқот муносибатҳои иқтисодии байни истеҳсолкунандагону истеъмолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ, ашёи хом ва озуқаворӣ, инчунин масъалаҳои марбут ба фаъолияти иқтисодии хориҷӣ, ки бо содироту воридоти маҳсулоти кишоварзӣ алоқаманданд, дар шароити диверсификатсияи иқтисодиёти миллӣ ба шумор мераванд.

Фарзияи таҳқиқот аз асоснок намудани самтҳои асосии таъмини бехатарии озуқавории Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба алоқамандии бевоситаи рушди КАС ба барномаҳои миёнамуҳлат, консепсияҳои илмӣ ва стратегияҳои давлатӣ бармеояд. Татбиқи амалии ин фарзияи таҳқиқот дар диссертатсия ба воситаи таъмини дастрасии ҷисмонӣ ба озуқаворӣ, имконияти иқтисодии хариди озуқаворӣ аз ҷониби аҳолӣ, бо назардошти сифати маҳсулоти озуқаворӣ шудааст. Бояд қайд кард, ки тамоюлҳои бехатарии озуқаворӣ дар шароити гузаштан ба модели нави иқтисодиёти миллӣ, фарзияи илмӣ асоснок шудааст.

Асосҳои назариявии таҳқиқот. Дар диссертатсияи мазкур таҳқиқоти илмии классикони илми иқтисодӣ ва намояндагони муосири он, асосҳои назариявӣ, консепсияҳо ва таҳқиқотҳои олимони иқтисоддони хориҷӣ ва ватанӣ дар таҷдиди соҳаи кишоварзӣ ва роҳҳои таъмини бехатарии озуқаворӣ дар шароити диверсификатсияи иқтисодиёти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил медиҳанд.

Асосҳои методологии таҳқиқот. Дар таҳқиқот усулҳои маъмули умумии илмӣ, таҳлил ва синтез, усули диалектикӣ ва пешгӯйӣ, оморӣ, минтақавӣ, иқтисодӣ-математикӣ, тавозунӣ, ҳисобҳои дурнамо дар асоси омори расмӣ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шудаанд. Дар таҳияи нуктаҳои илмии диссертатсия усулҳои таҳқиқотие, ки дар назарияи муносибатҳои иқтисодии кишоварзӣ истифода мешаванд, таҳлили системавӣ, таҳлили муқоисавӣ аҳаммияти калон доранд. Истифодаи ин усулҳо имкон доданд, ки роҳҳои таъмини бехатарии озуқаворӣ дар шароити

диверсификатсияи иқтисодиёти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шавад.

Сарчашмаи маълумот. Хулосаҳои назариявӣ-методӣ ва амалии муаллиф, ки ба маводи Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо ва санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумоти расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, барномаҳои давлатию соҳавӣ, стратегияҳои давлатӣ, маводи конференсияҳои илмӣ ва таҳқиқотҳои монографӣ, инчунин асарҳои илмии ИИТУИК (Институти илмӣ-таҳқиқотии умумироссиягии иқтисодиёти кишоварзӣ), ИИТУИМИК (Институти илмӣ-таҳқиқотии умумироссиягии иқтисодиёт, меҳнат ва идоракунии кишоварзӣ), АИКТ (Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон), АКМ (Академияи кишоварзии Москва) ба номи К.А. Тимирязев, ВК ҶТ (Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон), ДАТ (Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон) ба номи Ш. Шоҳтемур, дигар муассисаҳои илмии кишвар, ҳуҷҷатҳои меъёрии мақомоти ҳокимияти ҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ оид ба масъалаҳои бехатарии озуқавории Ҷумҳурии Тоҷикистон, таъмини қонунгузории бехатарии иқтисодӣ ва озуқавории кишвар, фаъолияти бозори озуқа ва таъмини устувори аҳолӣ бо озуқаворӣ асос ёфтаанд, ташкил медиҳанд. Ҳамзамон дар диссертатсия маводҳои конференсияҳои ҷумҳуриявӣ, байналмилалӣ ва матбуоти даврӣ корбурд шудаанд.

Пойгоҳи таҳқиқот. Кори диссертатсионӣ дар кафедраи иқтисодиёти ҷаҳонии факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2012-2025 анҷом дода шудааст. Давраи иҷрои диссертатсия солҳои 2012-2025-ро дар бар гирифта, дар доираи мавзуи корҳои илмию таҳқиқотии кафедраи иқтисодиёти ҷаҳонии факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон «Механизми таъмини манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароитҳои рушди равандҳои глобализатсионӣ» (солҳои 2016-2020) ва «Механизми таъмини манфиатҳои берунииқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароитҳои глобализатсия ва интегратсияи иқтисодӣ» (солҳои 2021-2025), инчунин дар доираи саноатикунонии босуръати кишвар ва ташкили кластерҳои агросаноатӣ, ташаккул ва истифодаи технологияҳои нави истеҳсолӣ дар истеҳсоли маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ, истифодаи самараноки энергияи сабз дар истеҳсолоти кишоварзӣ, истифодаи оқилонаи захираҳо, низоми давлатии дастгирии рушди соҳаи кишоварзӣ, истифодаи технологияҳои муосири инноватсионии рушди комплекси агросаноатӣ, ки дар «Самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» инъикос гардида, бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 сентябри соли 2020, таҳти №503 тасдиқ гардидааст, иҷро шудааст

Навгонии илмии таҳқиқот дар асосноккунии самтҳои асосии бехатарии озуқаворӣ, муайян намудани равишҳои таъминот бо озуқа дар се нишондиҳандаи асосии он:

- Таъмини ҷисмонӣ бо озуқа;
- Таъмини иқтисодӣ бо озуқа;
- Дастрасӣ бо озуқаи хушсифат дар шароити диверсификатсияи иқтисоди миллӣ мебошад.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқот, ки дорои навгони илмӣ мебошанд, аз инҳо иборат аст:

1. Дар асоси омӯзиши асарҳои олимони иқтисоддони ватанӣ ва хориҷӣ пешниҳоди асосҳои назариявии таъминоти бехатарии озуқаворию ҷумҳурӣ (диверсификатсияи соҳаи кишоварзӣ аз водиҳо ба минтақаҳои доманакӯҳӣ ва кӯҳӣ бо мақсади истеҳсоли маҳсулоти фоидаовару ба содирот нигаронидашуда) дар шароити диверсификатсияи иқтисоди миллии мамлакат, дар шароити барзиёдии қуввaҳои корӣ ва камзаминӣ асоснок шудааст;
2. Бо назардошти хусусиятҳои минтақавии мамлакат барзиёдии қуввaҳои истеҳсолӣ, камзаминӣ, фарсудашавии фондҳои асосии истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ, бори гарони андоз, дастрасӣ ба қарзҳои арзон ва ғайра) бо мақсади қонеъгардонии талаботҳои аҳолӣ бо озуқаворӣ ва коҳиш додани вобастагӣ аз кишварҳои дигар асоснок карда шудааст;
3. Таҳқиқи таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ дар ҳалли мушкилоти бехатарии озуқаворию кишварҳои дорои комплекси агросаноатии пешрафта ва истифодаи натиҷаҳои ба даст овардашуда дар шароити дастгирии давлатии соҳа ба воситаҳои дигаргунсозии институтсионалӣ (истифодаи фишангҳои иқтисодӣ, инноватсияҳо, такмили қонунгузорӣ, ҷорӣ намудани усулҳои ҳозиразамон дар соҳа, чорӣ намудани дастовардҳои илмӣ), рушди минтақаҳо, рушди соҳаҳои тухмӣ ва зотпарварӣ бо мақсади таъмини ҷисмонӣ ва иқтисодии аҳолӣ ба ғизо дар мамлакат амалишаванда. Асосноккунии таҷрибаи давлатҳои хориҷии пешрафта оид ба истеҳсоли маҳсулоти озуқаворию худӣ ва коркарди он бо назардошти рушди устувор, ҳамзамон заминаи рушди соҳаҳои тухмӣ, зотпарварӣ ва худӣ то дар таъмини бехатарии озуқаворию ватанӣ базаи мустаҳкам гузошта шавад;
4. Се блоки ҷанбаҳои методию методологии таъмини бехатарии озуқаворию Ҷумҳурии Тоҷикистон дар дурнамои наздик ҷудо карда шуда, ҷиҳати татбиқи онҳо тадбирҳо пешниҳод шуданд. Иқтисодӣ (блоки якум, ки асоси онро дигаргунсозии шаклҳои асосии истеҳсолӣ, кооператсияи истеҳсолӣ ва хизматрасонии молиявию қарзӣ) дар соҳа тибқи амалигардонии барномаҳои мақсадноки рушди соҳаи кишоварзӣ. Блоки дуюм – тиҷоратӣ (ҳамгироӣ ба низоми ҷаҳонии озуқаворӣ, ҳифзи бозори миллии озуқаворӣ, эҷоди занҷираи арзиши иловашуда ва муҳити рақобатии рушдёфта ҳангоми захирасозӣ, коркард ва фурӯши маҳсулоти озуқаворию заминавӣ). Блоки сеюм – иҷтимоӣ (амалисозии барномаҳои махсуси рушди минтақаҳои деҳотии ноком, ҳифзи ҳуқуқии деҳқонон, коҳиш додани сарбории андозию бюрократӣ ва ғайра);
5. Тамоюлҳои муосир ва хусусиятҳои рушди истеҳсолоти кишоварзӣ

омӯхта, асоснок карда шуданд, ки онҳо бо назардошти гузариш ба иқтисоди индустралӣ, кооператсия, механиконии истеҳсолот, ки таъмини бехатарии озуқавориро дар шароити диверсификатсияи иқтисодиёти миллӣ таъмин менамоянд;

6. Методологияи ташкили низоми устувори таъминоти озуқавории минтақаҳои кишвар бо назардошти гурӯҳбандии меъёрҳои сифати зиндагии аҳолӣ ва таъминот бо маҳсулоти озуқаворӣ асоснок карда шудааст, таҳия карда шудааст. Бо истифода аз роҳу усулҳои фаъол методикаи ташаккули заминаи устувори озуқавории мамлакат дар минтақаҳои он пешниҳод карда шудааст. Тавсияҳо оид ба баланд бардоштани сифат ва бехатарии маҳсулоти кишоварзӣ, ашёи хому маҳсулот дар шароити диверсификатсияи иқтисодиёти миллӣ дар асоси талаботҳои СУС асоснок шудаанд; Таъмини бехатарии озуқаворӣ ва минтақаҳои мамлакат дар шароити ислоҳоти иқтисодиёти миллӣ ва такмили низоми таъминоти он, ки бо афзоиши захираҳои молии озуқавории истеҳсоли худӣ бо дарназардошти шароити иқлимӣ, ҳамгироии байналмилалӣ дар асоси ташкили механизҳои нави ҳамкории беруниқтисодии ҷумҳурӣ аз ҷиҳати илмӣ асоснок шудаанд;

7. Самтҳои асосии нокифоягии фишангҳои идораи бозор бо назардошти пурзур намудани танзими давлатии истеҳсолоти кишоварзӣ асоснок шудаанд, аз он ҷумла исбот шудааст, ки самтҳои асосии рушди кишоварзӣ дар саноатикунонии соҳа бо назардошти ҷорӣ намудани технологияҳои муосир, ки бехатарии озуқавории мамлакатро таъмин мекунанд, пешниҳод гардидаанд;

8. Нишондиҳандаҳои дурнамои истеъмол ва истеҳсоли намудҳои асосии озуқа вобаста ба равандҳои диверсификатсияи иқтисодиёти миллӣ, ки ба воситаи истифодаи фишангҳои зерин:

- амалӣ намудани стратегияҳои рушд дар соҳаи кишоварзӣ;
- таҷдиди муносибатҳои заминистифодабарӣ;
- ҷорӣ намудани механизмҳои нави ташкилӣ-иқтисодӣ дар соҳа;
- баланд бардоштани самаранокии соҳа;
- рушди шаклҳои истеҳсолот;
- ташаккул ва рушди кластерҳои аграсаноатӣ ва тақсимоти оқилонаи захираҳои меҳнатӣ дар минтақаҳо, такмили равандҳои ҳамгироӣ дар соҳа асоснок шудаанд, тақсимоти оқилонаи захираҳои меҳнатӣ дар минтақаҳо, такмили равандҳои ҳамгироӣ дар соҳа асоснок шудаанд.

Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда:

– асоснок шудааст, ки дар шароити диверсификатсияи иқтисодиёти миллӣ ҷанбаҳои назариявии таъмини бехатарии озуқавории мамлакат дар минтақаҳои он бо назардошти ташаккули соҳаи кишоварзии ба содирот нигаронида амалӣ шудаанд;

– пешниҳод карда шудааст, ки барои беҳтар намудани сатҳи бехатарии озуқаворӣ, андешидани чораҳо ва воситаҳои дастгирии давлатӣ барои ба сатҳи баланди худтаъминкунии озуқаворӣ расидани ҷумҳурӣ пешниҳод зарур мебошанд;

– асоснок карда шуд, ки блоки ҷанбаҳои методӣ ва методологии таъмини бехатарии озуқавории Ҷумҳурии Тоҷикистон – иқтисодӣ, тиҷоратӣ ва иҷтимоӣ дар шароити диверсификатсияи иқтисодиёти миллӣ муносиб мебошад;

– исбот гардидааст, ки тамоюлҳои муосир ва хусусиятҳои рушди истеҳсолоти кишоварзӣ дар давраи гузариш бо дарназардошти ҷорӣ намудани технологияҳои индустриалӣ ва рушди муносибатҳои кооператсионӣ дар шароити диверсификатсияи иқтисодиёти миллӣ зарур мебошанд;

– дар шароити гузариш ба модели нави рушди иқтисодӣ, асосноккунии методии он пешниҳод гардидааст;

– самтҳои баланд бардоштани сифати маҳсулоти озуқаворӣ бо назардошти талаботи Созмони умумиҷаҳонии савдо (таъмини аҳолӣ бо озуқа, ҷорӣ намудани механизми нави ташкилӣ-иқтисодии таъминот бо озуқа) пешниҳод гардидаанд. Аз он ҷумла, самтҳои асосии дастгирии давлатии соҳа муайян гардидаанд, бо мақсади таъмини бехатарии озуқавории ҷумҳурӣ, самтҳои асосии дастгирии истеҳсолоти соҳаи кишоварзӣ аз тарафи давлат илман асоснок шудаанд;

– дурнамои минтақавии таъминоти бехатарии озуқавории мамлакат дар шароити нав ҳисоб карда шудаанд;

– бо назардошти диверсификатсияи иқтисоди миллӣ гузариш ба модели саноатии рушд, дурнамои истеҳсоли маҳсулоти асосии озуқаворӣ пешниҳод шудаанд.

Нуктаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалии дар диссертатсия пешниҳод гардида имкон медиҳанд, ки вазифаҳои таъмини устувори кишвар бо озуқаворӣ ва ашёи хом барои истеҳсоли он дар шароити диверсификатсияи иқтисодиёти миллӣ ва ташаккули муносибатҳои бозорӣ дар сатҳи баландтари илмӣ-методӣ ҳал карда шаванд.

Аҳаммияти назариявии таҳқиқот дар он аст, ки муқаррароти назариявӣ, методологӣ, хулосаҳо, тавсияҳо ва натиҷаҳои дар таҳқиқоти диссертатсионӣ оварда шударо метавонанд ҳам мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва ҳам сохторҳои минтақавии худидоракунии маҳаллӣ дар раванди такмилу таҳияи сиёсати аграрӣ ва стратегияи ҳалли мушкилоти таъминоти озуқаворӣ бо дарназардошти таъмини амнияти озуқаворӣ ба кор баранд.

Дар диссертатсия тавсияҳо оид ба беҳтар намудани раванди таъминоти озуқаворӣ вобаста ба такмили механизми такрористеҳсоли иқтидори захираҳои табиӣ дар шароити диверсификатсияи иқтисодиёти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудаанд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот. Натиҷаҳои амалии таҳқиқотро метавонанд дар раванди омӯзиш ва таълими фанҳои зерин: «Назарияи иқтисодӣ», «Иқтисодиёти минтақавӣ», «Иқтисодиёти миллӣ» «Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ», «Рушди устувори КАС», «Сиёсати кишоварзии ҷаҳонӣ» «Бехатарии иқтисодӣ» ва «Иқтисодиёти рушди устувор» дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ, инчунин аз ҷониби мақомоти минтақавӣ ҳангоми таҳияи стратегия ва барномаҳои таъмини бехатарии озуқаворӣ истифода шаванд.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо интихоб, коркарди сарчашмаҳои гуногуни илмӣ, гузаронидани таҷрибаҳо, дақиқии маълумот, кифоягии ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот ва интишорот тасдиқ мегардад. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаи тадқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ таъмин карда мешавад.

Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Мундариҷаи диссертатсия ва навгониҳои илмии таҳқиқот ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 5.2.6. Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ мувофиқанд:

1. Назарияи муносибатҳои аграрӣ, аз ҷумла замин, об; рушди шаклу муносибатҳои моликият дар кишоварзӣ ва дигар соҳаҳои КАС. 3. Танзими давлатии кишоварзӣ ва дигар соҳаҳои КАС. 4. Хусусиятҳои хоси равандҳои такрористеҳсолкунӣ дар кишоварзӣ, аз он ҷумла фондҳои асосӣ, захираҳои меҳнатӣ ва заминӣ, фаъолияти сармоягузорӣ, маблағгузорӣ ва қарздиҳӣ. 6. Хусусиятҳои ташаккул ва истифодаи сармояи инсонӣ дар бахши аграрӣ, шуғл ва даромади аҳолии деҳот. 8. Таҷдиди сохтори институтсионалӣ дар КАС. Масъалаҳои иқтисодии ташаккул ва амалкарди сохторҳои ҳамгирошуда дар КАС ва кишоварзӣ. 21. Бехатарии озуқавории кишвар, оқибатҳои буҳрони озуқавории ҷаҳонӣ, ҷанбаҳои аграрии шомилшавии Тоҷикистон ба Созмони умумиҷаҳонии савдо (СУС).

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот. Ҳамаи марҳилаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ бо иштироки бевоситаи муаллиф, аз ҷумла ҳангоми асоснок кардани мавзуъ, далелноксозии мубрам будани он, гузоштани мақсаду вазифаҳои таҳқиқот амалӣ карда шуданд. Ҳамчунин саҳми шахсии довталаб дар таҳияи нуктаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ ва тавсияҳои дахлдор ифода мегардад. Тавсияҳои мазкур ҳангоми татбиқи ислоҳоти аграрӣ бо мақсади таъмини амнияти озуқаворӣ дар шароити диверсификатсияи иқтисодиёти миллӣ дар минтақаҳои гуногуни кишвар истифода шуданд.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот. Маводҳои диссертатсия аз ҷониби Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ассотсиатсияи хоҷагиҳои деҳқонии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Тоҷикстандарт» ҳангоми таҳияи низоми тадбирҳо оид ба таъмини кишвар ва минтақаҳои он бо намудҳои асосии озуқаворӣ истифода гаштаанд. Натиҷаҳои алоҳидаи таҳқиқот, ки ба таъминоти устувори кишвар бо озуқаворӣ равона карда шудаанд, ба ҳисоботи илмии АИКТ шомил карда шуданд. Онҳо асоси маърузаю гузоришҳои муаллифро дар конференсияҳо, семинарҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявии илмӣ ва илмӣ-амалӣ ташкил доданд.

Интишороти натиҷаҳои таҳқиқот. Мазмуни асосии диссертатсия дар 57 корҳои илмии нашршуда, аз ҷумла 4 монография, 3 мақолаи Scopus ва 27 мақола дар маҷаллаҳое, ки ба феҳрасти нашрияҳои илмии КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА назди вазорати маориф ва илми

Федератсияи Россия ва бо ҳаҷми умумии 41,6 ҷ.ч. шомил карда шудаанд, инъикос ёфтааст.

Ҳаҷм ва сохтори таҳқиқот. Диссертатсия аз муқаддима, панҷ боб, 14 зербоб хулосаю пешниҳодҳо иборат аст. Он дар 409 саҳифаи чопи компютерӣ баён гашта, 71 ҷадвал, 72 расм ва 19 диаграммаро дар бар мегирад. Рӯйхати адабиёти истифодашуда фарогири 344 номгӯй мебошад.

ҚИСМҲОИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ

Дар **муқаддима** баррасии мубраммият ва зарурати баргузории таҳқиқот, дараҷаи азхудшудаи масъалаи илмӣ ва заминаҳои назариявию методологии таҳқиқот, объект, мавзуъ, масъалаҳо, усулҳо, соҳа, марҳилаҳо, пойгоҳи асосии иттилоотӣ ва озмоишӣ, эътимоднокии натиҷаҳо, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот мебошад. Аз он ҷумла, дар он манбаи иттилоот, хулоса ва пешниҳодҳо ва чопи он дар воситаҳои асосии илмӣ нишон дода шудаанд.

Дар **боби якум «Асосҳои назариявии бехатарии озуқаворӣ»** асосноккунии назариявии таъмини аҳолӣ бо озуқаворӣ, ошкорнамоии моҳият ва ташаккули механизми институтсионалии таъмини бехатарии озуқаворӣ, иистифодаи таҷрибаи мамлакатҳои пешрафтаи иқтисодии дорои комплекси агросаноатии рушдкарда, оид ба таъмини бехатарии озуқаворӣ, самтҳои асосии амалии системаи таъминот бо озуқа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити диверсификсатсияи иқтисодиёти миллӣ таҳлил карда шудааст.

Дар илми назарияи иқтисодӣ «...талаботи одам эҳтиёҷоти бо маблағ таъминбудаи ӯ мебошад, ки барои қонеъ гардониданаш истеъмолоти ҷамъиятӣ лозим аст» [43, с 88.]. Шароити пайдоишу рушди талаботи иқтисодиро истеҳсолот ташаккул медиҳад, ки дар навбати худ аз талаботҳои иқтисодӣ ҳамчун самти фаъолияти такрористеҳсолӣ таъсирпазир мебошад. Шакли иҷтимоии зоҳиршавӣ ва қонеъгардонии талаботҳои иқтисодӣ вобаста ба сохти иҷтимоӣ- иқтисодӣ муайян карда мешавад.

Талаботҳои иқтисодӣ муносибатҳои байни одамон дар бобати истеҳсолот ва баҳрамандӣ аз неъмату хизматрасониҳои фароҳамшударо инъикос мекунад.

Робитаи мутақобилаи байни талаботи иқтисодӣ ва истеҳсолот хусусияти диалектикӣ дорад. Аз як тараф «...Шароити асосӣ ин рушди ҳавасмандӣ, ҳамчун шароити асосӣ» аз тарафи дигар, истеҳсолот тариқи эҷоди намудҳои мушаххаси неъматҳои моддию маънавӣ, талаботи мушаххасро нисбат ба онҳо ба миён меорад» [30, с 35.]. Соддатар карда гӯем, талабот ин молу хизматҳоест, ки одамон ба онҳо эҳтиёҷ доранд ва ҳамеша кӯшиши истеъмолу истифода бурдани онҳоро доранд. Талаботи одамон дар баробари эҳтиёҷ доштан ба маҳсулоти фоиданок, метавонад ба молҳое бошад, ки барои ҳаёт зараррасонанд, лекин тариқи одати пайдошуда ва лаззатбаранда истеъмол мегарданд, мансуб дониста мешаванд, қонеъгардонии талабот ба навъҳои биологӣ ва иҷтимоӣ ҷудо карда мешаванд. Қонеъгардонии талаботҳои иҷтимоӣ ба табиати ҷамъияти инсонӣ вобаста аст.

Раванди истеъмоли маҳсулоти хӯрокворӣ аз ҷониби одамон берун аз

доираи истеҳсолот, яъне дар соҳаи маишӣ сурат мегирад. Аз ин рӯ, ғизо яке аз шартҳои зарурии ҳаёти инсон аст. Ҳангоми ба воситаи маводи озуқа ба ҷисми одам ворид гаштани сафедаҳо, равғанҳо, карбогидратҳо, витаминҳо ва намакҳои маъданӣ дар вақти зарурӣ рушди бемайлони организми инсон таъмин карда, сабаби хушнудии ӯ мегардад.

Мувофиқи таърифи Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ (СУТ): «...Саломатӣ на танҳо набудани бемориҳо ва нуқсонҳои ҷисмонӣ, балки ҳолати беҳбудии пурраи ҷисмонӣ, руҳӣ ва иҷтимоӣ ба шумор меравад» [9, с 40.].

Сатҳи нокифояи саломатӣ ба фаъолияти иҷтимоӣ, меҳнатӣ ва иқтисодии одамон, ҳосилнокию шиддатнокии меҳнати онҳо таъсири манфӣ мерасонад. Баробари рушди тамаддун хусусияти ғизои аҳолӣ низ тағйир меёфт.

Барои фаъолияти ҳаётии маъмули инсоният маҷмуи маҳсулоти хӯрокворӣ зарур аст. Барои қонеъгардонии талаботҳои аҳолӣ на танҳо маҷмуи маҳсулоти хӯрокворӣ, балки захираи муайяни воситаҳои зиндагӣ низ доштан зарур аст. Ноилшавии он дар сурати оптималӣ будани шумораи аҳолии кишвар ва дар ҳадди аксар қарор доштани ҳаҷми миёнаи истеҳсолот ба ҳар сари аҳолӣ зимни ҳозир будани технологияҳои мавҷуда, таҷҳизоти асосӣ ва имкониятҳои тиҷорати хориҷӣ муассар хоҳад гашт. Миқдори зиёди маҳсулоти хӯрокаи дорандаи маводи истеъмолии осонҳазм аз тарафи аҳолии мамлакатҳои рушдкардаи иқтисодиёти ҷаҳон истеъмол карда мешавад, лекин дар таркиби онҳо ҳиссаи панидан (клетчатка), витаминҳо ва микроэлементҳо ба маротиб кам шуда истодааст, ки сабаби косташавии вазъи сиҳатии аҳолии ин минтақаҳо шуда метавонад.

Профессор Мадаминов А.А., қазияи таъминоти бехатарии озуқавориро таҳлил намуда чунин мешуморанд «... Ҳамоҳангсоз намудани истифодаи минтақаҳои куҳӣ бо муҳити зист хело муҳим мебошад». Истифодаи оқилонаи қаламравҳои зикршуда (қаламравҳои куҳӣ - муаллиф) саҳми сазоворе дар ҳалли масъалаҳои истиқлолияти озуқаворӣ хоҳад буд» [28, с 115.].

Дар ин раванд профессор Қудратов Р.Р., (Рахматзода Р.Р.) ҳалли казияҳои «...Бехатарии озуқавориро дар ташаккули иқтисоди аграрӣ рақобатпазир мешуморад. Ҳангоми ҳалли масъалаи зикрёфта бояд нақшу аҳамияти ҳудудҳои кӯҳии кишвар ба назар гирифта шавад. Таҳқиқотҳо аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки дар шароити муосир ташаккули бехатарии озуқавории Тоҷикистон бештар аз рӯйи фаъолияти сохторҳои давлатӣ, ки чи тавре таҷрибаи солҳои охир нишон медиҳад, дар мутобиқшавӣ ба шароити бозор бобарортар буда, барои ҷалби сармоягузорӣ ба соҳаи кишоварзӣ мусоидат мекунанд», муайян мегардад [35, с 7.].

Академик Қаюмов Н.Қ., ва профессор Умаров Ҳ.У., ҳам бехатар кардани ҳолати «...Рақобатпазарии соҳаи кишоварзиро дастгирӣ менамоянд, бахусус аз он ҷиҳат, ки дар шароити гуногунии шаклҳои моликият ва самтгирӣ ба талаботи бозор, зимни дастгирии давлатии кишоварзӣ қодир аст, самаранокии худро баланд бардошта, барои коҳиш додани дараҷаи

вобастагии озуқавории Тоҷикистон аз кишварҳои таҳвилгарон имкон фароҳам оварад» [11, с 240.].

Профессор Ашуров И.С., исбот намудааст, ки «...Таъмини бехатарии озуқаворӣ асосан аз маҳсулоти воридоти таъмин мегардад, ва ҳалли ин қазия аз самарнок истифода бурдани захираҳои замин ва обӣ, бо истифодаи технологияҳои муосир дар соҳа ба баланд бардоштани самаранокии як воҳиди замин вобастагии калон дорад» [7, с 291.].

Бо ақидаи академик Пиризода Ҷ.С дар оянда «...Таъмини бехатарии озуқавории мамлакат, бояд пеш аз ҳама ба рушди ғаллакории ватанӣ ва рушди комплекси агросаноатӣ такя кунад, ба даст оварда шавад» [34, с 24].

Профессор Мирсаидов А.Б., муқаррароти консептуалии «...Бехатарии озуқавориро қабл аз ҳама ба устувории рушди иҷтимоӣ-иқтисодии соҳаи кишоварзӣ ҳамчун соҳаи афзалиятноки иқтисодиёти кишвар асос меёбад» [29, с 61.].

Профессор Л.Ҳ. Саидмуродзода қайд менамояд, ки «...Тибқи нишондод-ҳои таҳқиқотҳо расидан ба таъмини маҳсулоти озуқаворӣ дар ҳолати рушди истеҳсоли худӣ дар ҳаҷми кофӣ имконпазир аст. Кафолат ба таъмини маҳсулоти озуқаворӣ дар натиҷаи воридот танҳо дар ҳолати мавҷуд будани захираҳои молиявӣ ва сарчашмаҳои устувор имконпазир мебошад. Воридоти зиёди маҳсулоти хориҷӣ таъсири манфӣ ба истеҳсол ва захираи маҳсулоти худӣ мерасонад, ки он суръати рушди истеҳсолро суст менамояд» [36, с 12.].

Олими дигари тоҷик А.А. Солеҳзода дар ин самт таҳқиқ гузаронида чунин мешуморад «...Истеҳсоли дохилии озуқаворӣ асоси таъмини бехатарии озуқаворӣ мебошад» [38, с 3.].

Ба фикри мо бехатарии озуқавории кишварро дар шароити дивесрсификатсияи иқтисодиёти миллӣ муносибатҳои иқтисодии байни истеҳсолкунандагон ва истеъмолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ, ашёи хом ва озуқаворӣ, инчунин масъалаҳои фаъолияти иқтисодии хориҷии марбут ба содирот ва воридоти маҳсулоти КАС таъмин мекунад.

Таъмини механизми бехатарии иқтисодӣ, пеш аз ҳама, ҳамкории бисёртарафаи самараноки байнидавлатӣ, ҳамкориҳо дар системаи асъорӣ, молиявӣ, тиҷоратӣ ва қарзӣ бехатарии иқтисодиро ташаккул медиҳанд.

Бехатарии иқтисодиро нишондиҳандандаҳо (индикатор)-ҳои зерин баҳодиҳӣ мекунанд:

- инфлятсия (беқурбшавии пул);
- сатҳи таъминот бо кор;
- сатҳи камбизоатӣ;
- сифати зиндагӣ;
- рушди устувори иқтисодиёт;
- захираҳои асъорӣ (тилло);
- сатҳи иқтисодиёти пушида;

Ин нишондиҳандаҳо ба сохтори сиёсӣ ва иҷтимоӣ, ҳам ба сатҳи зиндагии мардум таъсири калон мерасонанд.

Дар марҳилаи гуногунии рушди мамлакат бо назардошти омилҳои беруна, ки ба бехатарии иқтисодии давлат, омилҳои ба он таъсиркунандаи асъорӣ, қарзӣ ва озуқаворӣ ба ҳисоб мераванд, ба назар гирифтан зарур аст.

«...Зарурияти шомилшавии мамлакат ба низоми тақсимоти байналхалқии меҳнат ва пайдо кардани мавқеи муҳим дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ аҳаммияти масъалаҳои бехатарии асъорию қарзиро боло мебарад» [43, с 93.]. Дар ташаккули муносибатҳои берунииқтисодии асъорию-қарзӣ бо давлатҳои хориҷӣ, пеш аз ҳама манфиатҳои давлат дар ҷойи аввал меистад.

Қазияи асосии мамлакат таъмини бехатарии энергетикӣ, таъмин набудани иқтисоди миллӣ бо сузишвории истеҳсоли худӣ, аз она ҷумла бо «энергияи сабз» рушди устуворро боз медорад, ки ҷоннок намудани истифодаи захираҳои табию-иқлимиро тақозо мекунад.

Бори аввал мафҳуми «Бехатарии озуқаворӣ» дар шаҳри Рим дар Конференсияи умумиҷаҳонии озуқаворӣ соли 1974 ва баъдан соли 1996 истифода шудааст.

Мафҳуми бехатарии озуқаворӣ дар ин консепсия, ҳамчун «...Ҳолате, ки давлат сокинони худро бо озуқаи хушсифат ва серғизо бо меъёрҳои қабулшудаи мамлакат дар ҳаҷмҳои лозима, барои фаъолияти солим таъмин карда метавонад»
[9 , с 40.].

Ин мафҳум аввалин маротиба аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ дар «Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи бехатарии озуқаворӣ- соли 2004» ва баъдан дар Барномаи ислоҳоти соҳаи кишоварзӣ барои солҳои 2012-2020 истифода гардидааст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи нав соли 2015 дар «...Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, ҳамчун ҳадафи сеюм таъмини бехатарии озуқаворӣ ва дастрасӣ ба озуқаи хушсифат масъалагузорӣ шудааст» [15.].

Дар нимаи дуюми солҳои навадум маҳфуми «Бехатарии озуқаворӣ» пурра таҳлил шудаю ҳоло ин масъала самти асосии таъмини бехатарии иқтисодии мамлакат ба ҳисоб меравад.

Ҳама ҳуҷҷатҳои стратегӣ, барномаҳои соҳаи кишоварзӣ, пеш аз ҳама, барои таъмини бехатарии озуқаворӣ равона шудаанд. Ҳамасола дар ҳуҷҷатҳои расмӣ «Бехатарии озуқаворӣ» ҳамчун таъмини талаботҳои аҳолӣ бо озуқа нишон дода шудааст.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амнияти озуқаворӣ» таҳрири нав соли 2019 ин мафҳум «...ҳамчун қонеъкунии талаботи аҳолӣ бо озуқа дар тамоми минтақаҳои мамлакат шарҳ дода шудааст» [17.].

Иқтисоддони тоҷик доктори илм, профессор Қудратов Р.Р., дар асарҳои худ «Бехатарии озуқаворӣ»-ро «...ҳамчун манбаи таъмини аҳолии ҷумҳурӣ бо маҳсулоти зарурии озуқа ва дастрасии он дар ҳаҷму сифате, ки талаботҳои манфиатнокро таъмин менамояд » [25, с 23.], маънидод кардааст.

Се нишондиҳандаро дар шарҳи бехатарии озуқаворӣ Қудратов Р.Р., ҷудо намудааст:

- дастгирии давлатӣ;
- даври амалинамоии чорабиниҳо;
- фазои фавқулоддаи бехатарии озуқаворӣ.

Инчунин қайд кардааст «...Барои таъмини ҳолати тансиҳатии ҷисмонӣ ба воситаи таъмини бехатарии озуқаворӣ бо назардошти фароҳам овардани шароити мусоид дар соҳаи кишоварзӣ таъмин карда мешавад» [25, с 44.]. Худтаъминкунии мамлакат бо маҳсулоти хӯрока, ташкили устувори истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, дастгирии давлатиро дар ҳама мамлакатҳои ҷаҳон омӯхта ба чунин хулоса омадем, бехатарии озуқаворӣ низомест, ки чунин намудҳоро дар бар мегирад:

- глобалӣ;
- зерминтақавӣ;
- ҷумҳуриявӣ;
- минтақавӣ;
- байнидавлатӣ ва миллӣ.

Дастрасии ҷисмонӣ ва иқтисодии маҳсулоти озуқаворӣ самтҳои асосии он ба ҳисоб рафта, андешаи бисёр олимон оиди дастгирии ҷисмонӣ ва иқтисодиро чунин шаҳр додан мумкин аст. «...Таъминот дар ҳаҷми зарурӣ бо меъёрҳои тасдиқшудаи дастрасонии ҷисмонӣ ва дастёфти манбаъҳои аз даромади умумии хонаводаҳо барои харидории озуқаворӣ сарфшаванда - ин дастрасии иқтисодӣ ба хӯрока мебошад» [42, с 58.].

Ба ин гуруҳи истеъмолкунандагон онҳое низ дохил мегарданд, ки имконияти «...Истеҳсол намудани маҳсулоти хӯрокворирo дар хоҷагиҳои шахсии ёрирасон ва дар заминҳои боғу полези худ (бустонсаройҳо) барои истеъмоли хонаводагӣ доранд» [12, с 1.].

Ворид гаштани доимии маводи озуқаворӣ ба ҳудудҳои истеъмолӣ бо ҳаҷм ва намудҳои ба талабот ҷавобгӯи аҳолиро дастрасии ҷисмонӣ меноманд, ки дар мувофиқати маҳсулоти озуқавории бозорҳо ва нуқтаҳои савдо бо ҳаҷм ва сохтори таҳаввули озуқаворӣ ба истеъмолкунандагони махсус аз рӯйи меъёрҳои илман асосноки барои онҳо қабулшуда, тавсиф карда мешавад.

Таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки олимони соҳаи кишоварзӣ тарафдори такмил додани маҳфуми «Бехатарии озуқаворӣ» ҳастанд.

«...Самтҳои асосии таъмини бехатарии озуқаворӣ инҳоянд:

- татбиқи талаботҳои манфиатдор дар асоси таҳқиқотҳои илмӣ;
- нигоҳдории саломатии шаҳрвандон;
- баланд бардоштани масъулияти давлат;
- таъмини дастрасии ҷисмонӣ ва иқтисодӣ;

Беҳтар намудани сифати хӯрока, ашёи хом ва озуқаворӣ ба таври доимӣ бояд нишон дода шаванд» [8, с 11.]. Сарчашмаҳои асосии қонеъ кардани талабот, ҳамчун нишондиҳандаи зарурӣ ба таърифи бехатарии озуқаворӣ аз ҳуҷҷатҳои расмӣ бармеояд, ки «...таносуби маҳсулоти воридотӣ ва истеҳсолии худӣ «Истиқлолияти озуқаворӣ»-и мамлакатро инъикос менамояд, ки «...Истиқлолияти озуқаворӣ танҳо дар ҳолате қобили қабул ва зарурӣ аст, ки он аз ҷиҳати иқтисодӣ асоснок бошад» [10, с 5.]. Ба фикри мо ин ақида дар ҳамин шакл қобили дастгирӣ аст. Ҷойгир намудани истеҳсолот дар миқёси як давлат, мисол Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бехатарии озуқавории субъекти алоҳидаи хоҷагидории онро ҷудо кардан мумкин нест, аз он лиҳоз, ки рушди алокаҳои байналмилалӣ, дар асоси тақсимоти ҳудудии меҳнат бехатарии озуқавории мамлакатро таъмин мекунанд.

Таҳқиқотҳо нишон доданд, ки баҳри таъмини аҳолии мамлакат бо озуқа амалисозии чорабиниҳои Ҳукумат оид ба таъмини он бояд риоя шавад. Қонеъ гардонии талаботи асосии аҳолӣ бо озуқа нишондиҳандаҳои худтаъминкунии

кишвар ва бехатарии озуқаворӣ, нишондиҳандаи асосии рушди устувори соҳаи кишоварзӣ мебошад.

Дар мазмуни «Истиқлолияти озуқаворӣ» дар адабиёти иқтисодии ватанӣ фаҳмишҳои ҳархела мавҷуд аст. Истеҳсоли пурраи худии (ватанӣ) ақидаи гуруҳи якуми олимон аст, ва мо гуруҳи дуюми олимонро ҷонибдорӣ менамоем, ки воридоти озуқаро аз мамлакатҳои хориҷӣ, ҳамчун рушди робитаҳои берунииқтисодии қазияи таъмини «бехатарии озуқаворӣ» медонанд. Албатта дар ин раванд таъминоти аҳолӣ бо озуқа дар асоси меъёрҳои илман асоснокшуда хело муҳим мебошад. Консепсияи таъмини бехатарии озуқаворӣ аз таъмини озуқаи босифат ба ҳар як шаҳрванд ва дастрас бояд иборат бошад.

Нигоҳ доштани генофонди миллат яке аз вазифаҳои давлат оиди фароҳам овардани шароит барои вазъи мусбии саломатӣ мебошад. Таъминоти ҷисмонӣ ва иқтисодӣ ба озуқаи хушсифати истеҳсолоти худии илман асоснокшуда, мақсади таъмини бехатарии озуқавории мамлакат мебошад, ки дар ин раванд таърифи «Истеҳсоли худӣ», калидӣ мебошад.

Бояд қайд намуд, ки маҳфумҳои «Бехатарии озуқаворӣ» ва «Истиқлолияти озуқаворӣ» маънои ҳархела доранд, аз он ҷумла, дар доктаринаи бехатарии озуқавории мамлакат ҳам нодуруст маънидод мешаванд. Истиқлолияти озуқаворӣ таъмини ҳама намуди озуқавориро дар назар дорад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон номумкин аст. Вобаста ба нуқтаи назари олими тоҷик Қудратов Р.Р. «...нишондиҳандаи асосии рушди устувори соҳаи кишоварзӣ -ин дараҷаи илман асоснокшудаи истеҳсоли маҳсулоти хӯрока дар асоси муносибгардонии иқтисодии байни истеҳсолкунандагон мебошад» [25, с 20.].

Таҳқиқотҳо нишон доданд, ки «...раванди татбиқи санадҳои меъёрӣ - ҳуқуқӣ, ин аз ташаккули фаъолияти давлат дар ташаккули ҷанбаҳои иститутсионалӣ иборат мебошад, зеро таъмини «Бехатарии озуқаворӣ» аз коркарди санадҳои меъёрӣ оид ба баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум»[8, с 16.], баланд бардоштани самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ ва таъмини аҳолии мамлакат бо озуқа иборат мебошад.

Раванди мазкур ҳангоми таҳияи стратегияҳо, барномаҳои давлатӣ, ҷалби сармоягузорӣ низ ба эътибор гирифта мешавад, ки танҳо дорои хусусияти тавсиявианд. Солҳои 40-уми асри XX бо пешниҳоди мамлакатҳои Аврупоии ҷанги дуюми ҷаҳонро азсар гузаронида муассисаи махсус бо номи ФАО (Муассисаи СММ оид ба кишоварзӣ ва озуқаворӣ) таъсис дода шуд, ки мақсадҳои асосии ин ташкилот чунинанд:

- мусоидат ба зиёд намудани ҳаҷми истеҳсолот;
- баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ;
- фароҳам овардани шароит ба озуқа.

Омӯзиши вазъи истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар мамлакатҳои ҷаҳон, иҷрои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар соҳа ва ҳалли мушкилоти бехатарии озуқаворӣ самтҳои асосии Созмони байналмилалии озуқаворӣ мебошад.

Чор самти афзалиятноки зерин барои татбиқнамоӣ муайян карда шуд:

Расми 1. - Консепсияи бехатарии озуқавории ҷаҳонӣ.

***Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси [9, с 40.]

Рух додани буҳрони ҷаҳонии ғалла солҳои 1972 - 1974 дар Рим конференсияи байналмилалӣ оид ба ҳалли масъалаҳои озуқавориро дар ҳолати болоравии нархи ғалла зиёда аз се маротиба, душвории иқтисодии воридоти озуқаро дар бисёр мамлакатҳои ҷаҳон ташкил намуд, дар он мафҳуми «Бехатарии озуқаворӣ» қабул карда шуда, Органи идоракунӣ Комитети иҷроия таъсис дода шуд.

Дар ин конференсия уҳдадориҳои байналмилалии Созмон дар самти ҳалли масъалаҳои бехатарии озуқавории мамлакатҳо ба таври расмӣ тасдиқ карда шуд, ки самтҳои афзалиятноки он дар расми 1. нишон дода шудаанд.

Консепсияи нави бехатарии озуқавории ҷаҳонӣ дар таҳрири нав аз тарафи ФАО коркард ва қабул шуд, ки самтҳои асосии он чунинанд:

- ташкили фонди захиравии озуқа;
- ба расмиёт даровардани созишномаҳо байни давлатҳо.

Қонеъ гардонидани аҳолӣ бо озуқа дар ҳар як мамлакат, ки дар конференсияи ФАО соли 1996 дар Рим баргузор гардид, ба инобат гирифтани омилҳои беруна ва дохиларо, ҳамчун асоси сиёсати Ҳукумат эълон намуд, ки самтҳои асосии он ҷалби сармоягузорӣ ба соҳаи кишоварзӣ, ташаккули бозори озоди ашёи хом ва озуқаворӣ, ки самтҳои мазкур ақидаи ҳал кардани норасоии озуқавориро дар ҷаҳон ба куллӣ дигар карданд, ки аксаран хосияти тавсиявӣ доштанд.

Баъдтар ФАО «Стратегия оиди масъалаҳои таъмини бехатарии озуқаворӣ дар ҷаҳон барои солҳои 2025–2030»-ро, ки аз шаш самт иборат аст, дар асоси такмил додани ҳуҷҷатҳои вуҷуддошта қабул намуд.

Самтҳои асосии таъмини бехатарии озуқаворӣ чунинанд:
• Таъмини бехатарии озуқаворӣ ба воситаҳои кумаки марказонидашуда;
• Ташаккули рушди устувори ҳама соҳаҳои кишоварзӣ (растанипарварӣ, чорводорӣ, мурғпарварӣ, моҳипарварӣ, ҷангалдорӣ);
• Ташкили самаранок истифодабарии ҳама захираҳои табиӣ;
• Рушди муносибатҳои байналмилалӣ, ҷорӣ намудани стандартҳо, амалӣ намудани чорабиниҳо оид ба рушди устувори соҳаи кишоварзӣ;
• Ояндбинии таъмини бехатарии озуқаворӣ бо назардошти имкониятҳо;
• Амалинамоии чорабиниҳо дар давлатҳои рӯ ба тараққӣ, мувофиқи талаботҳои Созмони умумиҷаҳонии кишоварзӣ ва озуқаворӣ.

Расми 2. -Масъалаҳои таъмини бехатарии озуқавории ҷаҳонӣ.

***Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси [9, с 43.].

Дастгирии давлатҳои аз нигоҳи иқтисодӣ қафомонда: «ҳангоми ҳолатҳои фавкулодда аз тарафи Барномаи ҷаҳонии озуқаворӣ ҳар ду сол маблағҳои лозима, барои хариди маҳсулот ва хизматрасонии нақлиётӣ аз захираҳои барнома ҷудо карда мешаванд. Созмони мазкур маҳсулоти

хӯрокворирo харидорӣ намуда, ба мамлакатҳои ниёзманд, дар асоси принсип ва меъёрҳои Созмон дастрас менамояд» [47.].

Барои таъмини бехатарии озуқавории мамлакатҳо меъёрҳои ҷисмонии истеъмолӣ бо назардошти гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ коркард шудаанд, ки онҳо хислати тавсиявӣ доранд. Солҳои охир Созмонҳои байналмилалӣ ба сифати хӯрока аҳаммияти махсус медиҳанд, ки барои таъмини он стандартҳои байналмилалӣ коркард шудаанд, масалан дар Аврупо низоми назорати сифат (НААСР- таҳлили хатар ва нуқтаҳои назорати интиқодӣ) ба роҳ монда шудааст.

Дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон стратегияҳо, барномаҳо аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хоҷагиҳои (фермерӣ) деҳқонӣ» асосҳои ҳуқуқии таъсис ва фаъолияти хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)-ро муайян намуда, ва ба фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди фаъолияти хоҷагидории мазкур равона шудааст. Дар Қонуни мазкур «...мақоми ҳуқуқии хоҷагиҳои (фермерӣ) деҳқонӣ, ки дар баробари кооперативҳои истеҳсолӣ таъминкунандагони асосии маҳсулоти ширӣ ба бозори дохилӣ мебошанд, муайян карда шудааст» [21.]. Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи чорогоҳҳо аз 20.06. с. 2019» самтҳои зерин муаяйн гардидаанд:

- ❖ рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ;
- ❖ присипҳои истифодаи чорогоҳҳо;
- ❖ намуди чорогоҳҳо;
- ❖ истифодаи оқилонаи чорогоҳҳо;
- ❖ ҳуқуқи истифодабарӣ;
- ❖ муносибатҳои шартномавӣ;
- ❖ ҳуқуқи истифодабарандагони чорогоҳ.

Асосҳои қатъии ҳуқуқи истифодаи чорогоҳҳо, пардохти ҳақ барои истифодаи чорогоҳҳоро танзим менамояд. «...Нархи чорогоҳҳои ба иҷора гирифташуда ва ҳосилхезии ин қитъаҳо, бевосита ба сифату арзиши маҳсулоти ширӣ таъсир мерасонад» [22.]. инҳоянд:

- ➢ Муносибатҳои ҷамъиятӣ оид ба ташкили зотпарварӣ, идоракунии фонди миллӣ генетикии чорводориро Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи зотпарварӣ» танзим менамояд.
- ➢ Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар барои хоҷагидорӣ ва истеҳсолоти биологӣ» «...асосҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии фаъолияти хоҷагидорӣ биологиро муқаррар намуда, ба истеҳсол, коркард, нигоҳдорӣ, ҳамлу нақл, бастабандӣ, тамғагузорӣ ва фурӯши маҳсулоти биологӣ равона карда шудааст» [20.].
- ➢ Асосҳои ҳуқуқии соҳаи ветенариро Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бойторӣ» ба танзим медарорад, «...ки ба бехатарии маҳсулоти ҳайвонот ва растаниҳо, маводди байторӣ, хӯрок ва иловаҳои хӯроки ҳайвонот равона шудааст» [18.].

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ» (аз 23.12.2021с. №1827, таҳрири нав аз 08.06.2022с. №1881) «...бо мақсади ҳифзи ҳаёт ва саломатии одамон, манфиатҳои истеъмолкунандагон, муносибатҳои ҷамъиятии байни онҳоро дар соҳаи таъмини бехатарии

маҳсулоти хӯрокворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон олами набототу ҳайвонот ва муҳити зист танзим менамояд» [19.]. «...Баланд бардоштани иқтидори содиротии кишвар, таъмини заминаи ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва молиявӣ, бо мақсади рушди соҳаҳои агросаноатӣ, таъмини бозори дохилӣ бо озуқаворӣ ва корхонаҳои коркард бо ашёи хомро Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дастгирии давлатии соҳаҳои КАС-и Ҷумҳурии Тоҷикистон» танзим менамояд»[24.]. Бо мақсади «...рушди соҳаҳои комплекси агросаноатӣ, таъмини бозори дохилӣ бо озуқаворию саноати коркарди ашёи хом, инчунин баланд бардоштани иқтидори содиротии кишвар заминаи ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва молиявии дастгирии соҳаҳои комплекси агросаноатӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистону мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатиро муқаррар менамояд»[24.].

Асоси қонунгузории ҷангал дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро Кодекси ҷангал, ки соли 2011 қабул шудааст, ташкил медиҳад. Дар даҳсолаҳои охир дар қонунгузории замин ва ҳифзи муҳити зист тағйироти зиёде ба амал омадааст. Илова бар ин, дар қонунгузорӣ зиддиятҳо мавҷуданд, ки барои қабули санадҳои зерқонунии пешбининамудаи Кодекси ҷангал мамониат эҷод мекунанд. Вобаста ба ихтилофоти дар қонунгузорӣ ҷойдошта, зарурати ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷангал (шояд дар таҳрири нав қабул карда шавад), ба Кодекси замин дар қисмҳои танзимкунандаи масъалаҳои заминҳои фонди давлатии ҷангал (категорияи ҷангал, тартиби аз истифода баровардани онҳо ва ғайра), инчунин ба қонунгузорӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист, низоми иҷозатдиҳӣ ва ғайра ба миён меояд.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи муҳити зист» моддаҳоеро, ки ба ҳифзи сарватҳои зеризаминӣ ва истифодаи самараноки захираҳои замин дахл доранд, дар бар мегирад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифз ва истифодаи олами набототи» (аз 30.07.2007, №29, аз 05.01.2008, №353) принсипҳои сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар соҳаи ҳифз ва истифодаи оқилонаи олами набототи собит намуда, асосҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоиро дар ин соҳа муайян сохта, ба ҳифзу таҷдиди захираҳои олами набототи нигаронида шудааст.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи олами ҳайвонот» (19 декабри соли 2007, №433), муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи ҳифз, барқарорсозӣ ва истифодаи оқилонаи олами ҳайвонотро танзим намуда, асосҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии соҳаро муқаррар сохта, ба ҳифзу барқарорсозии захираҳои олами ҳайвонот равона карда шудааст.

Кодекси ҷангали Ҷумҳурии Тоҷикистон (21 июли соли 2011, №209) муносибатҳои давлатӣ ва ҷамъиятии вобаста ба идоракунӣ, истифода ва ҳифзи ҷангалҳоро танзим мекунад. Омилҳои асосии ба таназзулу нобудсозии ҷангалҳо боисшаванда ин буридани ғайриқонунии дарахтон ва чаронидани шадид ва босуръати чорво мебошанд. Ба омилҳои дигар дастрасии озод ба ҷангалзор, талаботи зиёд ба ҳезумворӣ ва набудани сӯзишвории алтернативӣ, ки бо истифодаи оташдонҳои бесамар, чаҳорчӯбаи новозеҳи ҳуқуқӣ дар

бобати уҳдадориию салоҳиятҳои ҳуқуқӣ, набудани маълумоте, ки дар он сиёсатро асоснок намудан мумкин бошад ва иқтидори заифи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дохил мешаванд. Мушкилоти талабот ба чӯби сӯзишворӣ ва аз ҳад зиёд чаронидани чорво низомманд буда, дар он дарахтбурии ғайриқонунӣ дар ҷойи аввал аст. Кӯшиши ҳалли ин мушкилот дар Кодекси ҷангали маротибаи охир, соли 2011 қабулшуда сурат гирифтааст

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда» (27.11.2014, №1159) асосҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва иқтисодии ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшавандаро муайян намуда, вазифаҳо, тартиби фаъолият ва минтақабандии онҳоро муқаррар менамояд.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи чарогоҳҳо» (26 апрели соли 2019, №1324) муносибатҳои ҷамъиятиро вобаста ба идоракунӣ, истифода ва ҳифзи чарогоҳҳоро танзим менамояд. Мувофиқи низомномаи Кумитаи ҳифзи муҳити зисти Ҳукумат ба ҳар як ташкилоти зертобеъ мақоми махсус ва вазифаҳои мушаххас муайян шудаанд.

Мақомоти давлатии идоракунии захираҳои об дар Ҷумҳурии Тоҷикистон инҳоянд.



Расми 3. - Татбиқи сиёсати об ба манфиати иқтисоди миллӣ
***Сарчашма:** таҳияи муаллиф мувофиқи [33, с 21.].

Таҳқиқотҳо нишон доданд, ки асосҳои ҳуқуқӣ ва институтсионалии идоракунии захираҳои об дар қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии солҳои охир, ки Парлумони Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул кардааст ба танзим дароварда мешаванд.

Дастгирӣ барои дастрас намудани (тухмиҳо, нуриҳо, захираҳои пулӣ) ба соҳаи кишоварзӣ ҷалби сармоягузориҳоро амалӣ мегардонад; ташкилотҳои вобастаи ҳукуматӣ, молистеҳсолкунандагони соҳаи кишоварзӣ ва тарафҳои манфиатдорро бо ахбороти зарурии кишоварзӣ таъмин менамояд, бехатарии озуқаворӣ ва рушди истеҳсолоти кишоварзиро таъмин менамояд; фаъолияти раёсатҳои вилоятию ноҳиявии кишоварзӣ, МД «Трести чарогоҳу мелиоративӣ» -и Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳамоҳанг месозад.

Мувофиқи консепсияи нави идоракунии захираҳои обӣ, ҳангоми зарурат дар сатҳи ҳавзаҳо, зерҳавзаҳо Ассосиатсияҳои истифодабарандагони об барои идоракунии байнихоҷагӣ таъсис дода мешавад. Гузариш ба идоракунии ҳавзаи об метавонад ислоҳоти зерсоҳаи объёрӣ ва беҳдошти заминро таъмин намояд, ки ба стратегияи нав пурра мувофиқат мекунад. **Мақсад ва вазифаҳои зерин дар истилоҳоти соҳаи обу бехдошти замин амалӣ мегардад:**
- амалигардонии вазифаҳои стратегӣ оид ба самаранок истифодабарии об, коркарди механизмҳои ҳифзи саломатӣ;
- коркарди модели истифодаи потенсиали гидроэнергетикӣ;
- амалигардонии чорабиниҳо оид ба устувории муҳити зист;
- татбиқи стратегияи гузаштан ба модели ҳавзавии идоракунии об;
- дигаргунсозии институтсионалӣ оид ба соҳаи обёрӣ;
- иштирок ва саҳмгузорӣ дар рушду татбиқи Кодекси об ва дигар қонунҳои дахлдор, бахусус, вобаста ба зербахши обёрӣ.

Расми 4. -Ташкилотҳои ҳавзаҳои дарёҳо.

***Сарчашма:** таҳияи муаллиф мувофиқи [33, с 18.].

Ташкилотҳои ҳавзаҳои дарёҳо ташкилотҳои ҳавзавӣ буда, сохтори идоракунии он– Агентии об ва захираҳои замин буда, сиёсати соҳаро пеш мебаранд, ки дар он чор муассиса ташкил дода шуд:

- ❖ Ташкилоти ҳудуди дарёи «Сирдарё»;
- ❖ Ташкилоти ҳудуди дарёи «Кофрниҳон»;
- ❖ Ташкилоти ҳудуди дарёи «Вахш»;
- ❖ Ташкилоти ҳудуди дарёи «Панҷ».

Вазорати кишоварзӣ мақоми асосии масъули банақшагирии рушд ва идоракунии соҳаи кишоварзӣ дар Тоҷикистон буда, чун дигар муассисаҳои ҳукуматӣ, вазорату раёсатҳо тибқи низомномаи худ барои вазифаҳои асосии зерин масъул аст: дар таҳия ва татбиқи сиёсат дар соҳаи кишоварзӣ ва зерсоҳаҳо (растанипарварӣ, чорводорӣ, истеҳсолоти кишоварзӣ ва ғайра) нақши пешбарро бозида, тағйиротҳои қонунгузорӣ дар самтҳои зерин амалӣ шуда истодаанд:

- ➢ ташкили машварат оид ба сохтори кишт;
- ➢ коркарди дурномаи соҳавӣ;
- ➢ ташкили иттилоот ва омори кишоварзӣ;

Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми марказии ҳокимияти иҷроия буда, барои таҳия ва пешбурди сиёсати ягонаи давлатӣ дар соҳаи муносибатҳои давлатии заминсозӣ, кадастри замин, корҳои топографӣ-геодезӣ, аэрокайҳонӣ, харитасозӣ, бақайдгирии давлатии амволи ғайриманқул ва ҳуқуқ ба он, назорати давлатӣ аз болои истифодаю ҳифзи замин, назорати давлатии корҳои топографӣ-геодезӣ, харитасозӣ масъул ба шумор меравад.

Бахши ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ (ТҒҲ) ба таври васеъ аз ҷониби ташкилотҳои байналмилалӣ ва маҳаллӣ намояндагӣ карда мешавад. Ташкилотҳои байналмилалии ғайриҳукуматӣ (СБҒҲ), ки дар соҳаи кишоварзии Тоҷикистон иштирок мекунанд, инҳоянд: Бунёди Оғохон, Миссияи Шарқ, ACTED, Oxfam, Helvetas ва дигар ТҒҲ -и маҳаллӣ, ки дар соҳаи кишоварзӣ фаъолият мекунанд: Маркази тренингу машваратҳои кишоварзӣ (ATAC), ассотсиатсияҳои деҳқонӣ

(фермерӣ), хоҷагиҳои собиқадорон, Бунёди биотехнология ва чанде дигарон. Ин ташкилотҳои ғайридавлатӣ асосан, зерпудратчиёни донорҳо (Бонки ҷаҳонӣ, ФАО ва ғ.) барои татбиқи лоиҳаю барномаҳо ба шумор рафта, дар аксар ҳолатҳо бо муассисаҳои махсусгардонидашуда (техникӣ), ба монанди ФАО, БРСММ ва ғайра рақобат мекунанд. Фаъолияти онҳо ба ширкатҳои машваратии тиҷоратӣ хеле монанд аст. Ба институтҳои бахши хусусӣ дар соҳаи кишоварзӣ, инчунин брокирон (тухмиҳо, нуриҳо ва ғ.), коркардкунандагон, пешниҳодкунандагони хизматрасониҳо (байтории хусусӣ, чорводорӣ, машваратӣ ва ғ.) мансубанд.



Расми 5. - Омилҳои истифодаи захираҳои замин ва об.
***Сарчашма:** тахияи муаллиф дар асоси [14.].

Самтҳои асосии дигаргунсозии институтсионалӣ дар дурнамои наздик чунинанд:

- Муайян намудани стратегияи сиёсати рушди устувори соҳаи кишоварзӣ;
- Амалигардонии маҳакҳои (индикаторҳо) Стратегияи миллии рушд барои давраи то 2030;
- Амалигардонии максадҳои БМР барои солҳои 2021-2025.

Барномаи миёнамуҳлати рушд барои солҳои 2021–2025 идомаи барномаи пешина буда, ба баланд бардоштани устувории экосистемаҳо ва гуногунии биологии мавҷуда ба тағйирёбии иқлим дар доираи идоракунии хавфҳои тағйирёбии иқлим ва офатҳои табиӣ равона шудааст. Зимни тахияи тадбирҳои комплексӣ оид ба барқарорсозии ҳалнопазирии экосистемаҳои табиӣ ва муҳофизати гуногунии биологӣ вазифаҳои зерин гузошта шуданд: зиёд намудани ниҳолҳои ҷангал (ба ҳисоби миёна 1,5 ҳазор гектар дар як сол), барқарор кардани экосистемаҳои таназзулёфта (аз 20% то 39%), тариқи муҳофизату барқарор кардани захираҳои обии экосистемаҳои ба онҳо алоқаманд ва бздошти раванди талафёбии гуногунии биологӣ.

Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 вазифаҳои самтҳои устувории соҳаи кишоварзӣ чунинанд:
• таъмини шароити мусоид барои рушди соҳаи кишоварзӣ;
• мустақилият дар истеҳсолот ва фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ;
• таъмини дастрасӣ ба маводҳо (тухмӣ, нурӣ ва ғайра);
• зиёд намудани истеҳсоли маҳсулоти хӯроки чорво;
• беҳтар намудани идоракунии соҳаи об;
• боло бурдани маърифати деҳқонон;
• ислоҳоти истифодаи замин;
• таъмини системаи соддакардашудаи бақайдгирӣ;
• мусоидат ба рушди бозори истифодаи замин.

Расми 6. - Самтҳои устувории соҳаи кишоварзӣ дар СМР - 2030

***Сарчашма:** таҳияи муаллиф мувофиқи [32.].

Дар оянда, мо бояд бастаи санадҳои меъёрҳои ҳуқуқӣ оид ба коркарди дурнамо ва танзими давлатии комплекси агросаноатиро бо мақсади таъмини бехатарии озуқаворию мамлакат қабул кунем.

Бояд қайд кард, ки солҳои пешин дар асоси методикаи муайян намудани сатҳи камбизоатӣ, методикаи Вазорати меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба эътибор гирифта мешуд. Нишондиҳандаҳои чен кардани меъёрҳои оқилонаи истеъмол дигар ҷанбаҳои ҳалли ин масъаларо ба назар намегирифт. Дар меъёрҳои амалкунандаи истеъмолӣ таносуби гӯшт, шир, сабзавот ва меваҳо камтар шудаанд, маҳсулоти моҳигӣ хориҷ шудааст, ки ташкилотҳои шаҳрвандӣ онро ҷонибдорӣ намекунанд.

Таъмини ғизои кофӣ барои табақаҳои гуногуни аҳолӣ дар нишондиҳандаҳои «Сабади истеъмолӣ» дар давраҳои муайян, вобаста ба ҷойгиршавии аҳолии дар қаламрави мамлакат, сохтори синну солӣ, тарзи ҳаёт, фаъолияти ҷисмонии аҳолӣ, таносуби сокинони шаҳр ва деҳот ба назар гирифта мешавад.

Амалисозии тавсияҳо оид ба анвои озуқаворӣ, дар самти рушди истеҳсоли озуқа якчанд ҷанбаро ба назар мегиранд:

❖ гурӯҳбандии ғизои пешгирикунанда;

❖ гурӯҳи ғизои функсионалӣ;

❖ гурӯҳи парҳезӣ.

Бояд қайд намуд, ки дар ин раванд рушди саноати коркарди хӯрока барои кӯдаконро дар дурнамои наздик рушд дод, нигоҳ накарда ба ҳолати вазнин дар ин соҳа.

Қонунҳо ва санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқие, ки ба гурӯҳи дуюм ва сеюм дохил мешаванд, хусусиятҳои тавсиявӣ доранд, онҳо ба зиёдшавии даромади аҳолӣ, танзими нарх дар бозорҳои озуқаворӣ, баланд бардоштани қобилияти харидорӣ, рушди инфрасохтори савдои хӯрокаро танзим менамоянд:

Ба гурӯҳи чорум қонун ва санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқие, дохил мешаванд, ки сифат ва бехатарии маҳсулоти озуқавориро дар робита бо саломатии аҳолӣ танзим менамоянд. Ба гурӯҳи зерин зиёда аз 8 конуне, ки раванди дар боло кайдшударо танзим менамоянд, дохил мешаванд.

Бояд қайд намуд, ки қонунҳои мазкур танзими сифат ва бехатарии маҳсулоти озуқавориро таъмин менамоянд, аз он ҷумла онҳо танзими

ғайритарифӣ, пешгирии воридоти маҳсулоти хӯрокаи камсифатро аз дигар давлатҳо бо бозори озуқавории мамлакатро мониторинг менамоянд, барои таъмини ин вазифаҳо «Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ» дар таҳрири нав қабул шудааст.

Дар мамлакатҳои рӯ ба инкишоф солҳои 70-ми асри гузашта ҳангоми камчинии маҳсулоти кишоварзӣ масъалагузорӣ карда шуд, ки «Кумитаи бехатарии озуқаворӣ»-и СММ ташкил карда шавад.

Барои зиёд намудани истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва худтаъминкунӣ бо озуқа чунин қадамҳо амалӣ шудаанд:

- рушди истеҳсолоти кишоварзӣ;
- беҳтар намудани сифати хӯрокворӣ;
- коркарди фарҳанги истеъмоли ғизо;
- ҳалли қазияи нимгуруснагӣ.

Истифодаи воситаҳои бозорӣ, пеш аз ҳама, дигаргунсозии институтсионалиро дар назар дорад. В Суровтсев, «...Сиёсати давлатҳои Аврупоро таҳлил намуда ба хулоса омад, ки комплекси агросаноатӣ бояд дастгирии давлатии бевосита дошта бошад» [39, с 79.]. Дар давлатҳои камбизоат «...дар давраи 2008-2009 (буҳрони иқтисодӣ) консепсияи нави таъмини бехатарии озуқаворӣ, барои паст кардани нархи озуқаворӣ, коҳиш додани сатҳи таваррум ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум қабул карда шудаанд» [47.].

Таҳқиқотҳо нишон доданд, ки дар шароити муосир рушди комплекси агросаноатӣ, пеш аз ҳама аз пешрафти илмӣ-техникӣ, аз ҷумла рушди селексия, генетика, дар соҳаи чорводорӣ, чорӣ намудани технологияҳои муосир, истеҳсоли маҳсулоти экологӣ вобастагии калон дорад.

Дар солҳои охир монополизатсияи бозори ҷаҳонии озуқа аз тарафи давлатҳои калон, ки потенсиали калони содиротӣ доранд, диверсификатсияи соҳаи кишоварзии худро ба роҳ монданд, чӣ тавре, ки Ҷ. Алстон, К. Кастер, В. Смит қайд намуданд «...Қисми зиёди озуқа ба ин давлатҳо рост меояд» [44, с 1000.].

Буҳрони ҷаҳонии солҳои 2008-2009 ба нархи ҷаҳонии озуқаворӣ таъсири манфӣ расонид, содироти озуқаворӣ дар ҷаҳон коҳиш ёфт. Баъзе давлатҳо содироти маҳсулоти худро аз Америкаи Лотинӣ қариб ду маротиба зиёд намуданд ва ба бозингари асосии содиркунандаи озуқа мубаддал шуданд.

Рушди баланди соҳаи кишоварзӣ дар он минтақаҳо мушоҳида мешавад, аз он ҷумла, давлатҳои Аврупои Шарқӣ дар натиҷаи амалигардонии чорабиниҳои зиёд тавонистанд, нархи озуқавориро паст кунанд, чунин ҳолат дар давлатҳои Америкаи Лотинӣ низ мушоҳида шуд.

Таҳқиқотҳо нишон доданд, ки баъди буҳрони ҷаҳонӣ мамлакатҳои Иттиҳоди Аврупо истеҳсоли маҳсулоти кишоварзиро ду маротиба зиёд намуданд. Дар ин шароит давлатҳои Аврупои Шаркӣ паст шудани нархҳои маҳсулоти озуқавориро таъмин намуда, ҳосили баланди маҳсулоти кишоварзиро ба даст оварданд.

Принсипҳои сиёсати аграрии ягона ва дар асоси онҳо амалӣ намудани тағдиди соҳаи кишоварзӣ, ҳамчун бартараф намудани оқибатҳои буҳрон амалӣ карда шуд, масъалан ИМА ҳуҷҷатҳои махсус оиди пешгирии хатарҳо дар соҳаи кишоварзӣ, инчунин дар Канада санади маҳсулоти хӯрокворӣ, ҳамчун сарфаи нерӯи барқ дар соҳаи кишоварзӣ амалӣ карда шуд.

Мушкилоти муосири паст шудани сатҳи бехатарии озуқаворӣ бо як қатор сабабҳо вобаста аст. Дар муддати сӣ соли охир бемайлон пастравии нархи маҳсулоти кишоварзӣ, сабаби паст шудани ҷалби сармоягузории комплекси агросаноатӣ ва бухрони истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ гардид. . Паст гардидани сармоягузории соҳа дар солҳои охир ба кам шудани ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ боис гашта, таъминоти аҳолиро ба озуқа коҳиш дод, ки ба рақобатпазирии давлатҳои рӯ ба инкишоф таъсири манфӣ расонид.

Таҳқиқотҳо нишон доданд, ки дар соҳаи кишварзии давлатҳои рӯ ба тараққӣ аз киштгардон, ба монанди заминҳои кишоварзӣ тамоюли зиёдшавӣ дорад.

Дар соҳаи истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ, ашёи хом ва озуқаворӣ кооператсияи байналмилалии меҳнат, низоми молиякунонии истеҳсолот, ҳамчун низоми ҷаҳонии озуқаворӣ ташаккул ёфта истодааст.

Таснифоти таъмини бехатарии озуқаворӣ дар давлатҳои ҷаҳон:	
Гурӯҳҳо	**Таъмини бехатарии озуқаворӣ**
1.	Давлатҳои содироткунандаи озуқаворӣ;
2.	Кишварҳои хурд, ки қисми истеҳсоли хӯрокаро содирот мекунанд;
3.	Давлатҳое, ки аз норасоии хӯрока азият мекашанд;
4.	Мамлакатҳое, ки қисман худро бо маҳсулоти истеҳсоли худӣ таъмин мекунанд;
5.	Давлатҳое, ки ба бехатарии озуқавории ҷаҳонӣ таъсир намерасонанд;
6.	Кишварҳое, ки ба норасоии хӯрока рӯ ба рӯ ҳастанд;
7.	Давлатҳое, ки дар онҳо таъмини озуқа шадид аст;
8.	Кишварҳое, ки афзоиши аҳолӣ нисбат ба афзоиши хӯрока зиёд аст.

Расми 7. -Таснифоти таъмини бехатарии озуқаворӣ дар ҷаҳон
*** Сарчашма:** таҳияи муаллиф мувофиқи [47.].

Бояд қайд намуд, ки дар собиқ кишварҳои Иттиҳоди Шӯравӣ камбудиҳои ислоҳоти соҳаи кишоварзӣ ва мувозинати экологӣ мавҷуданд.

Ҳамзамон, проблемаи озуқаворӣ на худ аз худ, балки дар маҷмуъ бо дигар проблемаҳои глобалии сайёра - демографӣ, экологӣ, энергетикӣ, низомӣ вуҷуд дорад. Дар ҳалли он беш аз ҳар давраю замони дигар таъсири вазъияти байналмилалӣ назаррас аст.

Таҳқиқотҳо нишон доданд, ки «...давлатҳои тараққикарда, ки дар онҳо 17% аҳолии курраи замин зиндагӣ мекунад, зиёда аз се ду ҳиссаи озуқавории ҷаҳонро истеъмол мекунанд, ки содироти озуқа 64%, аз ҷумла 65 фоизи маҳсулоти тайёр ва 61 фоизи ашёи хомро ташкил медиҳад, дар 20 давлати сарватманд 86% ММД-и ҷаҳонро истеҳсол мекунанд»[43, с 138.].



Расми 8. - Нишондиҳандаҳои ҳамгирой дар ҷаҳон.
Сарчашма: таҳияи муаллиф мувофиқи [43, с 142.].

Ба шумори ин давлатҳо «20 давлати сарватмандтарини ҷаҳон, ки ҳиссаи онҳо дар ММД-и ҷаҳон - 86%, дар содироти ҷаҳон - 82%, дар сармоягузории мустақими хориҷӣ - 68%, дар истифодаи интернет - 93,3%-ро ташкил медиҳад, дохил мебошанд»[46.]. (ҷадвали 1).

Ҷадвали 1. - Тафовут байни кишварҳои сарватманду камбизоат (аз рӯйи маълумоти соли 2024)*

Гурӯҳи кишварҳо	Ҳисса (бо %)			
	Дар ММД-и ҷаҳон	Дар содироти ҷаҳон	Дар сармоягузории мустақими хориҷӣ	Дар истифодабарии Интернет
Аз ҳама сарватманд (20%)	86	82	68	93,3
Миёнаҳол (60%)	13	17	31	6,5
Аз ҳама камбизоат (20%)	1	1	1	0,2

***Сарчашма:** таҳияи муаллиф мувофиқи [46.].

Дар асоси рушди кластерҳо ташаккули низоми болобарии сатҳи бехатарии озуқаворӣ дар асоси иҷрои стандартҳои маъмулан кабулгардида муяссар мешавад.

«...Хусусияти муҳимми низоми таъмини бехатарии озуқаворӣ ИМА барномаҳои давлатии кумаки озуқаворӣ дохилӣ мебошанд, ки ба рафъи ихтилофоти иҷтимоӣ, ки бешубҳа дар ҷомеаи Амрико мавҷуданд, равона карда шудаанд»[31, с 23.].

Истифодаи технологияҳои муосир дар комплекси агросаноатӣ, имконият медиҳад, ки сатҳи бехатарии озуқаворӣ баланд шавад. Дар соҳаи кишоварзии Ҷопон сиёсати ҳимоятгарӣ, пешниҳоди субсидияҳо ҷойи махсусро ишғол мекунад, ки сурат ва сатҳи илман асоснок шудаи истифодаи маводҳои истеҳсолиро ҷоннок менамояд.

Дар Ҷопон ҳамагӣ чор ҷазира мавҷуд аст, ки масоҳати майдони он барои таъмини бехатарии озуқаворӣ нокифоя аст, зеро он 10% майдони умумии замини кишоварзиро ташкил медиҳад, лекин дар ин малакат бо истифода аз технологияҳои муосир ҳосили баланди маҳсулотҳои кишоварзиро таъмин мекунанд.

Дар таркиби маводи озуқаи ҷопониҳо биринҷ ҳамчун зироати асосӣ ба ҳисоб меравад. Бинобар ин, дар тавозуни озуқавории Ҷопон

парвариши ин зироат дақиқона таҳлил карда мешавад. Таҳқиқотҳо нишон доданд, ки дар Ҷопон, Индонезия, Ҳиндустон ва Чин, дастгирии давлатии истеҳсоли биринҷ хеле калон аст ва ин дастгирӣ яке аз самтҳои асосии бехатарии озуқавории ин мамлакатҳо мебошад, корхонаҳои кишоварзии Ҷопон аз ҷиҳати таъминнокӣ бо техника дар ҷаҳон ҷойи аввалро ишғол мекунад. Дар ин мамлакат худтаъминкунӣ бо маҳсулоти асосии истеъмолкунандагон, яъне истеҳсоли худии биринҷ ва тухм бо дастгирии бевоситаи давлат ба роҳ монда шудааст.

Таъмини аҳолӣ бо озуқаворӣ, пешгирии ҳолатҳои фавқулодда дар таъминоти хӯрокаи Канада ба воситаи сиёсати федералии аграрӣ амалӣ карда мешавад, дар амалисозии ин сиёсат Вазорати кишоварзӣ ва озуқавории Канада, шурои миллии маҳсулоти кишоварзӣ, Ширкати қарзии фермерӣ ва дигар ташкилотҳо нақши муҳим доранд.

Канада дар таъмини бехатарии озуқавории ҷаҳонӣ нақши муҳим дорад, ки дар ин раванд хоҷагиҳои фермерии рушд карда, ба ҳосили баланди маҳсулоти истеҳсолшуда мусоидат мекунанд.

Барои истеҳсол, коркард ва фурӯши маводи озуқаворӣ ба мамлакатҳои харидор субсидияҳои давлат ҳамасола ҷудо мешаванд. Ҳангоми коркарди шир дар Канада нархҳои мақсаднок, ки асоси онҳоро субсидияҳо ташкил медиҳанд ва дар соҳаи паррандапарварӣ ва истеҳсоли тамоку истифода мешаванд.

Таҷрибаи ҳалли масъалаҳои бехатарии озуқаворӣ дар давлатҳои Осиёи Марказӣ бо суботи сиёсӣ дар ин минтақа вобаста аст, ки солҳои охир таъминнокӣ бо озуқаи истеҳсоли худӣ зиёд шуда истодааст.

Бо вуҷуди он ки дар тамоми кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ ба масъалаи бехатарии озуқаворӣ афзалияти баланд дода мешавад, вазъ ҳамоно ташвишовар боқӣ мемонад. «...Дар Қирғизистон, тибқи арзёбии коршиносон, дар давраи пандемия сатҳи камбизоатӣ 5% афзоиш ёфта, соли 2020 бошад, он 25,3%-ро ташкил дод. Тибқи маълумоти Бонки Ҷаҳонӣ дар соли 2019 ин нишондиҳанда дар сатҳи 20,1% буд» [48.].

Барномаи бехатарии озуқаворӣ ва ғизо дар Ҷумҳурии Қирғизистон барои солҳои 2018-2024 нишон медиҳад, ки сатҳи камбизоатии шадид дар кишвар 5% афзудааст. Ин нишондиҳанда сатҳи аз ҷониби аҳолӣ истеъмолшавии маҳсулоти хӯрокворирo муайян мекунад. Миқдори ғизои аҳолии камбизоат боз ҳам камтар аст, аз ин рӯ, ҳиссаи хароҷоти ғизо дар оилаҳои онҳо меафзояд. Дар таркиби хӯроки онҳо истеъмоли орду маҳсулоти он бартарӣ дорад. Айни ҳол 34%-и орд ба Қирғизистон, асосан, аз Қазоқистони ҳамсоя ворид карда мешавад, зеро маҳдудияти майдони кишт ва шароити иқлимӣ ба деҳқонони маҳаллӣ имкон намедиҳад, ки гандумро бо сатҳи кофии глютен парвариш кунанд.

Гарчанде ки дар ояндаи наздик дар Узбекистон тағйироти ҷиддии бехатарии озуқаворӣ пешбинӣ нашуда бошад ҳам, аммо хавфҳое мавҷуданд, ки метавонанд ба бехатарии озуқаворӣ на танҳо дар Узбекистон, балки дар тамоми минтақа таъсири манфӣ расонанд. Дар навбати аввал, ин проблемаҳои вобаста ба обу обёрӣ ва суръати шадиди

динамикии афзоиши аҳолии кишварҳои Осиёи Марказӣ мебошад, ҳангоме ки афзоиши захираҳои озуқаворию кишварҳо ва афзоиши ММД на ҳамеша дар таносуби миқдорӣ мувофиқат мекунанд.

Ҷорӣ намудани технологияҳои нави инноватсионӣ дар соҳаи кишоварзӣ, ба монанди обёрии қатрагӣ ва кластерии кишоварзӣ дар кишвари мо дар ҳолест, ки атрофи корхонаҳои истеҳсолӣ парвариши зироатҳои кишоварзии мувофиқ ба роҳ монда шуда истодааст ва дар ҳоли рушд қарор дорад.

Таҳқиқотҳо нишон доданд, ки бисёри ҳукуматҳои мамлакатҳо рушди корхонаҳои калони кишоварзиро дастгирӣ менамоянд. Самараи чунин лоиҳаҳо аксар вақт комилан эътимодбахш аст, лекин аз давлатҳои Осиёи Марказӣ ягонтоаш аз хусуси иқтисодӣ қудрат надорад, ки дар муддати кӯтоҳ миқдори барои тағйиротҳои зарурии чунин корхонаҳои таъминкунандаи талабот ё содиротро ташкил намояд. Аз ин рӯ, бо маҳсулнокии истеҳсолкунандагони хурд кор бояд кард. Ба иборае дигар, дастрасии пурраи озуқаворӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ ҳанӯз боло нарафтааст.

Дар боби дуюм «Асосҳои методӣ ва методологии таъмини бехатарии озуқаворию Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити диверсификатсияи иқтисодиёти миллӣ» равишҳои методӣ асоснок карда шуда, методологияи муайян кардани сатҳи бехатарии озуқаворӣ дар шароити диверсификатсияи иқтисодиёти миллӣ пешниҳод гардида, шароиту механизмҳои зарурии таъмини он тавассути кӯмаки молиявии давлат ба соҳаи кишоварзӣ ва тағйир додани сиёсати давлатии кишоварзӣ ошкор карда шуда, ҳамзамон нақши давлат дар таъмини бехатарии озуқаворию кишвар аниқ карда шудааст.

Таҳлили гузаронидаи мо маълум кард, ки дар низоми меъёру индикаторҳои муайянкунандаи сатҳи бехатарии озуқаворӣ дар байни олимони хориҷӣ ва ватанӣ, ки имкони дар маҷмуъ, арзёбӣ намудани вазъи рушди КАС ва бозорҳои маҳсулоти кишоварзиро фароҳам меорад, мавқеи ягона мушоҳида намешавад. «...Ин нишондиҳанда дар сатҳи макроиқтисодии низоми индикативии арзёбии бехатарии озуқаворӣ таҳия шуда бошад ҳам, афзоиши номгӯйи индикаторҳоро дар сатҳи зарурии бехатарии озуқаворӣ талаб менамояд, ки барои ба ҳисоб гирифтани хусусиятҳои фаъолияти низомҳои сатҳи мезоиқтисод ва муайян намудани меъёрҳои ҳозираи ҳудудии рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо ба инобат гирифта намешавад»[25, с 29.].

Аз руйи ҷамъбасти фикру ақидаи олимони иқтисодшинос: «...Индикаторҳое, ки равандҳои иқтисодиро муайян мекунанд, бояд ба се гурӯҳи асосӣ тақсим карда шаванд: индикаторҳои сабқаткунанда, мувофиқаткунанда ва таъхиркунанда» [25, с 274].



Расми 9. - Методологияи арзёбии сатҳи бехатарии иқтисодӣ
***Сарчашма:** таҳияи муаллиф мувофики [6, с 2.].

Гурӯҳи якуми индикаторҳо бояд тавре рафтор намоянд, ки таъсири мусбати онҳо ба пешгӯйи равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ расида, ҳангоми таҳияи барномаву нақшаҳои стратегӣ аз он истифода намоянд. Ҳамчунин, ин индикаторҳо дар баробари пешгӯйӣ равандҳои иҷтимоиву иқтисодӣ метавонанд дар пешрафту такмили ин равандҳо хизмат намоянд. Фаъолгардонии сармоягузорӣ ва дигар нишондиҳандаҳои фаъолияти сармоягузориро ба гурӯҳи якуми маҳакҳои таъсиррасон дохил кардан мумкин аст.

Ба гурӯҳи дуюми маҳакҳо (индикаторҳо) нишондиҳандаҳои мувофиқаткунанда, яъне нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодиро, ки динамикаи нишондиҳандаҳоро пешниҳод мекунанд, дохил кардан мумкин аст.

Дар ин миён қайд намудан зарур аст, ки дар нишондиҳандаҳои зикршуда, ба ғайр аз таъсири индикаторҳои гурӯҳи дуюм таъсири индикаторҳои гурӯҳи сеюмро низ манфиатбахш ҳисоб кардан мумкин аст. Индикаторҳои гурӯҳи сеюм бо номи таъхиркунанда, асосан ба устувории молиявию иқтисодии комплексҳои ҳудудӣ-соҳавӣ таъсири мусбат расонида, дар ин асос ҳолати аниқи ӯро муайян намудан мумкин аст. Инчунин ҳолати молиявии субъектҳои хоҷагидорӣ ва суботи онро низ ҳамин гурӯҳи индикаторҳо муайян мекунанд.

Корбасти қиматҳои сарҳадӣ дар арзёбии сатҳи бехатарии озуқаворӣ имкон медиҳанд, то ба равандҳои иҷтимоӣ- иқтисодии дар КАС рухдиҳанда дақиқтар баҳо дода шавад. Нишондиҳандаҳои заминавии фаъолияти КАС-ро фарогиранда низоми динамикии мушаххасоте мебошанд, ки барои ташаккул додани гурӯҳбандии индикаторҳои муайянкунандаи сатҳи бехатарии озуқаворӣ муосидат мекунанд. Дар шароити муайянсозии мушаххасоти динамикии низоми иқтисодӣ, таҳлили сохтории хусусиятҳои бехатарии иқтисодӣ ва қисми таркибии озуқаворию онро низ ба назар мегиранд. Истифодаи маҷмуи нишондиҳандаҳои нисбию сохторӣ, ба монанди суръати афзоиш ё зиёдшавӣ, вазни хос ва ғайра бинобар ҳамин сабаб мувофиқ ба мақсад мебошанд.

Коркарди иловагиро гурӯҳбандии пешниҳодшудаи индикаторҳо бо дарназардошти зарурияти ба анҷом расонидани таҳлилу омӯзиши минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон талаб мекунанд. Дар ҳудуди мамлакат қисми зиёди усулҳои вуҷуддошта, барои муайян кардани бехатарии озуқаворӣ мувофиқ ҳастанд. Мувофиқи нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоӣ- иқтисодӣ тақсимоти

муосири минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил гардида, истифодаи «...бисёр индикаторҳои серсамту бо душворӣ муқоисашаванда талаб мекунад, ки шарҳи натиҷаҳои дастрасшударо ба ақидаи профессор Қудратов Р.Р. мушкил намояд» [25, с 66.].

Барои дар амал татбиқ намудани рушди устувори миллӣ ва рушди иқтисодӣ, пеш аз ҳама, бояд сармояи инсонӣ ва низоми инноватсионӣ рушд дода шавад, зеро бе ин омилҳо ба пеш бурдани нишондиҳандаҳои номбаршуда ғайриимкон аст. Сармояи инсонӣ, низоми инноватсионӣ дар асоси афзоиши сармоягузорӣ, ҳамчун омилҳои пешбаранда, ба фикри мо роҳи дуруст мебошад. Барои дар амал татбиқ намудани вазифаҳои дар пеш гузошта, бояд индикаторҳои дуруст ва таъсирнок интихоб карда шавад, чунки ба ин восита таъмин намудани бехатарии озуқаворӣ, вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии минтақаҳо, комплексҳои ҳудудӣ-соҳавӣ ва ғайра имконпазир мегардад. Ҳамчунин, барои муайян намудани тарафҳои қавӣ ва заифии рушди соҳаҳо таҳлили ҳамаҷониба гузаронида, индикаторҳои мувофиқ ба онро интихоб намудан зарур аст.

- **Хангоми интихоби индикаторҳо барои арзёбии бехатарии иқтисодӣ ва озуқавори истифодаи қоидаҳои зеринро пешниҳод менамоем:**
1. ченшаванда ва миқдорию санҷишпазир будани нишондиҳандаҳо;
2. ба хадди камтарин расонидани шумораи индикаторҳо (5–7) вобастаба меъёрҳои комплексии кисмхои алохидаи бехатарии озуқавори бо истифода аз методҳои эконометрикӣ ва ҳамгирошаванда;
3. муайянсозии мушаххасоти динамикӣ ва сохтории низоми иқтисодӣ вобаста ба кисмҳои бехатарии озуқаворӣ;
4. таҳияи консепсияю стратегияҳои таъмини бехатарии иқтисодӣ мувофики ҷузъҳои таркибии бехатарии озуқаворӣ ва рушди самтҳои мақсадноки он;
4. афзоиши фаъолияти сармоягузорӣ дар КАС дар асоси заминаҳои институтсионали;
5. дар сатҳи макроиктисодиёт ва мезоиктисодиёт имкони истифодаи индикаторҳо;
6. маҷмуи индикаторҳои мутлақ, нисбӣ ва сохториро истифода бурдан.

Расми 10. - Қазияҳои арзёбии бехатарии озуқаворӣ.
***Сарчашма:** таҳияи муаллиф мувофиқи [37, с 93.].

Муайян намудани меъёрҳои хӯрока ба як нафар бо дарназардошти мавҷудияти захираҳои зарурии озуқаворӣ барои таъмини бехатарии озуқаворӣ хеле зарур мебошад. Дар шароити ҷаҳонишавӣ интихоби маҳакҳои ягонаи муаррификунандаи бехатарии озуқаворӣ, ҳангоми ошкор кардани таҳдидҳои эҳтимолӣ кифоя нест.

Ҳарчанд ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ сиёсати «.дарҳои кушод»-ро пеш гирифтааст, аммо дар асоси ҳуқуқҳои байналмилалӣ, аз ҷумла тибқи талаботи СУС, ки ҷумҳурӣ аъзои он мебошад, дар самти тиҷорати беруна баъзе маҳдудиятҳо мавҷуд аст. Ба бехатарии озуқаворӣ дар

ҳуқуқи байналмилалӣ, ба назар гирифтани маҳдудиятҳо ва уҳдадориҳо, ки ба бехатарии озуқаворӣ таъсири манфӣ мерасонанд, зарур аст.

Сатҳи таъмини техникӣ ва технологӣ дар истеҳсолот ва истифодаи технологияҳои инноватсионӣ бо дарназардошти истифодаи кофии захираҳои табиӣ ва мутобиқат ба стандартҳои истеъмолӣ дар соҳаи кишоварзӣ хеле муҳим мебошад. Баҳодиҳии маҳакҳои бехатарии озуқаворӣ тақозо менамояд, ки таҳияи низоми умумии индикативиро бояд коркард намуд.

Дар таркиби ҷории номгӯйи нишондиҳандаҳои бехатарии озуқаворӣ, истеъмоли маҳсулоти коркарди ғалла хеле батафсил қайд гаштааст. Агар дар номгӯйи соли 2018 меъёри оқилонаи истеъмолии маҳсулоти нонию макаронӣ (аз ҷумла, маҳсулоти бо микронутриентҳо ғанигардонидашуда) дар сурати бозшуморӣ шакли орд бо тафсили орди гандумӣ, ҳамчунин бо микронутриентҳо ғанигардонидашуда муайян гардад, пас дар номгӯйи соли 2021 истеъмоли орд барои пухтани маҳсулоти нонӣ ва қаннодӣ бо шумули намудҳои мушаххаси он ҷавӣ, гандумӣ (аз ҷумла, орди ғанигардонидашуда), ҷавию гандумӣ, истеъмоли ғалладона, маҳсулоти макаронӣ ва лӯбиёгиҳо – якҷоя бо биринҷ ва ғалладонагиҳою макарону лӯбиёгиҳо ва ғайра ботафсил пешниҳод карда шудааст.

Дар қисмати истеъмоли сабзавоту зироатҳои полезӣ бехатарии озуқаворӣ бо мурури дастрас гардидани мушаххасоти истеъмолии карами сафед, гулкарам, помидор, бодиринг ва меваҷот – себ, нок, ангур, буттамевагиҳо ва ғайра назорат карда мешавад.

Бояд тибқи нишондиҳандаҳо ба ҳисоби миёна барои як истеъмолкунанда дар як сол шумораи кӯдакон дар оилаҳо, мувофиқи ҷойи истиқомат, минтақаҳо ва ғайраро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба назар гирифта, тибқи барномаву стратегияҳои давлатӣ сатҳи истеъмоли маҳсулоти хӯрокворӣ барои ҳар як нафар аҳолӣ, асосан, аз ҳисоби намудҳои маҳсулотҳои гурӯҳҳои 10% (даҳгона) муайян карда шавад.

Барои таъмини бехатарии озуқаворӣ дар сатҳи давлат, пеш аз ҳама, ба омилҳои зерин аҳаммияти махсус бояд дод:

- дастрасӣ ба ғизои солим;
- дастрасӣ ба хӯрокаи хушсифат;
- дастрасии ҷисмонии хӯрока;
- таъминот бо маҳсулоти озуқавории истеҳсоли худӣ;
- захираҳои кифояи давлатӣ;
- таъминот ба ҳар як сари аҳолӣ, мувофиқи меъёрҳои истеъмолии қабулшуда.

Таҳқиқотҳо нишон доданд, ки усули дигари муайян намудани бехатарии озуқаворӣ аз рӯйи назарияи иқтисодӣ «…ин муайян намудани меъёрҳои истеъмолӣ ба ҳар як одам (маҳсулоти нонӣ, гӯшт, сабзавот, шир, ва ғайра)» [26, с 92.]. Ду усули муайян кардани бехатарии озуқаворӣ мавҷуд аст: якум – кифоягии таъминоти аҳолӣ бо озуқа; Дуюм- таъмини ҳадди ақалли зерини таъминот бо озуқа.



Расми 11. - Меъёрҳои вазъи бехатарии озуқавории мамлакат
*** Сарчашма:** таҳияи муаллиф мувофиқи [26, с 92.].

Нишондиҳандаҳои сатҳи кофӣ ва ҳадди ақалли зарурии ғизои аҳолӣ, махсус қайд кардан зарур аст, ки барои мушаххас кардани бисёр муқаррароти ин равиш мувофиқ мебошанд. Дар рафти муайян кардани сатҳи бехатарии озуқаворӣ, асосан, аз равишҳои гуногун истфода менамоянд, ки ба онҳо бехатарии озуқаворӣ дар сатҳи минтақа ва шахсиро дохил намудан мумкин аст.

Хусусиятҳои методӣ ва методологии таъмини бехатарии озуқавории ҷумҳуриро ҷамъбаст намуда, ба эътибор гирифтани он, ки дар кишвари мо нишондиҳандаҳое, ки ҳолати муосири қисмҳои таркибии бехатарии озуқавориро бо дарназардошти хусусиятҳои динамикӣ ва фазоӣ тавсиф мекунанд, истифода бурда мешаванд.

Қиматҳои сарҳадии нишондиҳандаҳои истифодашаванда ҳудуди поёнӣ ва болоии мувозинати низоми иҷтимоӣ ва иқтисодиро тавсиф мекунанд. Асосан донишҳои байналмилалии эталонии (меъёрии) кишварҳои рушдкардаи иқтисодӣ ба сифати асоси қиматҳои сарҳадӣ, эътироф шудаанд. Тақрибан 200 таърифу шарҳ ва 450 омили бехатарии озуқаворӣ дар таҳқиқотҳои иқтисодшиносони хориҷӣ истифода бурда мешаванд.

Шарти зарурии ташаккули бехатарии озуқаворӣ мувофиқи ақидаи пешниходнамудаи олимони тоҷик, аз истифодаи индикаторҳое вобаста мебошад, ки бевосита дар механизми танзими давлатии равандҳои иқтисодӣ иштирок мекунанд.

Мо индикаторҳо ва омилҳои асосие, ки ба бехатарии озуқавории ҷумҳурӣ таъсир мерасонанд, ба таври зерин гурӯҳбандӣ намудем:

- истифода намудани технологияи муосир баҳри таъмини аҳолӣ бо маводи озуқаворӣ ва кишоварзӣ, инчунин дар ин замина, такмили механизмҳои рушди соҳаи кишоварзӣ;
- талош баҳри ноилгардии ҳадафҳои стратегӣ ва таъмини аҳолӣ бо маводи озуқаворӣ;
- ташкили рақобат дар байни молистеҳсолкунандагони маҳсулоти озуқаворӣ ва корхонаҳои кишоварзӣ бо мақсади таъмини сифати маҳсулоти хӯрокворӣ;

- аз истеҳсолкунанда то истеъмолкунанда ташаккули таъмини давра ба давраи бехатарии озуқаворӣ;
- барои ҷалби фаъолияти сармоягузорӣ ба сохаи кишоварзии мамлакат татбиқ намудани тағйироти институтсионалӣ.

Дар натиҷаи таҳқиқот ба хулосае омадан мумкин аст, ки индикаторҳои зерин муҳим ва асосӣ ба ҳисоб мераванд:

1. Таъмин будани аҳолӣ бо маводи озуқаворӣ ва дастрасии сатҳи баланди онҳо ба ин маводҳо (дар сатҳи 80%);
2. Афзоиш додан ва ба стандартҳову талаботи байналмилалӣ баробар намудани ҳаҷми захираҳои давлатии ғалла;
3. Ба стандартҳои байналмилалӣ мутобиқ сохтани хусусияти бозори озуқаворииҷумҳуриявӣ;
4. Ба ҳадди аксар расонидани калориянокии маводи озуқаворӣ ба ҳар як аҳолии кишвар (2500 ккал/ шабонарӯз);
5. Ба танзим даровардани воридоти маҳсулоти озуқаворӣ ва кишоварзӣ (30%-и ҳиссаи воридот дар бозори дохилӣ) ва бештар таъмин намудани бозори дохилӣ аз ҳисоби истеҳсоли маҳсулоти ватанӣ.

Ба андешаи мо, таъмини бехатарии озуқаворӣ ва дастгирии кишоварзии ҷумҳурӣ бояд чорабиниҳои зерини дастгирии давлатиро дар бар гирад:

- устуворият;
- унвонӣ будан;
- кафолатнок будан;
- фарқкунонии ваколатҳо;
- риояи шароити баробари истеҳсолкунандагони кишоварзӣ.

Дар боби сеюм «Таҳлили тамоюлҳои муосир ва хусусиятҳои бехатарии озуқаворииҶумҳурии Тоҷикистон дар шароити диверсификатсияи иқтисодиёти миллӣ» тамоюлҳои худтаъминкунии кишвар бо озуқаворӣ ва нақши КАС дар таъмини аҳолӣ бо озуқаворӣ ошкор гардида, таъсири тиҷорати хориҷӣ ба бехатарии озуқавориикишвар муайян карда шуда, меъёрҳо ва нишондиҳандаю маҳакҳои таъминоти устувории аҳолӣ бо озуқаворӣ дар шароити диверсификатсияи иқтисодиёти миллӣ баррасӣ гардидаанд.

Дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи ислоҳоти бозорӣ тағйироти объективӣ барои ба эътидол овардани КАС (комплекси агросаноатӣ) зарурию иқтисодӣ ва ташкилӣ ба вуҷуд омад, ки натиҷаҳои онҳо бояд самаранок истифода шаванд. Дар шакли хусусигардонии корхонаҳои кишоварзӣ, коркард ва хизматрасонии он, марҳилаи гузариш ба иқтисодиёти омехта дар соҳаи кишоварзӣ ифода ёфт. Баъди як қатор ислоҳотҳо пас аз барҳам хурдани ИҶШС дар кишвар ташкили кооперативҳои истеҳсолӣ, хоҷагиҳои хурди хонавондагӣ, агрофирмаҳо ва дигар шаклҳои холдинг, ки хосияти кишоварзӣ доштан ташаккул ёфтанд.

Бо самаранокии фаъолияташон дар бахши хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) хоҷагиҳои пешкадаму намунавӣ ташкил карда шуданд, ки боиси пайравист. Дар натиҷаи ислоҳоти замин зиёд гардидани шумораи хоҷагиҳои ёрирасони шахсии аҳолӣ масъалаи худтаъминкунии онҳоро бо озуқаворӣ зиёд намуда,

омили устувории иҷтимоии ҷумҳурӣ гардидааст. Ба талаботи бозор маҳсулоти кишоварзӣ дар он вакт чавобгу мешавад, ки агар истеҳсоли махсулот сифатан хуб бошад ва ҳангоми афзоиши талабот истеҳсолотро зиёд намудан ва ҳангоми кам шудани талабот онро коҳиш додан лозим аст.

Дар таҷрибаи давлатдорӣ боназардошти шароитҳои созгори рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ қайд кардан зарур аст, ки сифати зиндагии аҳолӣ механизмҳои баҳодиҳии хуро дорад. Аз ин лиҳоз, ба андешаи мо таъмини суботи зиндагии аҳолӣ ва беҳтаргардонии сифати он аз имконияти иқтидорҳои онҳо вобаста буда аз рӯйи он вазъи иҷтимоии давлатро баҳо медиҳанд. Дар ҳар як давлати мустақил махсусан давлатҳои пешрафта ба сифати зиндагии аҳолӣ аз рӯйи як қатор индикаторҳо баҳо медиҳанд ва чунин индикаторҳо дар кишвари мо он қадар мушаххас нест.

Аз ин хотир, мо дар самти мушаххасоти ин масъала зарур мешуморем, ки дар муайян намудани сифати зиндагии аҳолӣ бояд: сатҳи фарогирии аҳолӣ, дараҷаи музди маош, даромадҳои иловагӣ ва сатҳи захиракунию пасандозгузорӣ баҳо диҳанд. Ҳамчунин мо бар он назарем, ки айни замон сатҳи зиндагии аҳолиро айни замон метавон дар доираи гурӯҳҳои алоҳидаи нишондиҳандаҳо баҳо додан ба мақсад мувофиқ аст. Бинобар ҳамин дар баъзе мавридҳо сатҳи зиндагиро аз рӯйи қобилияти харидории аҳолӣ дар сатҳи маҳсулотҳои кишоварзӣ ва дар афзоиши музди маош ва даромад низ баҳо медиҳанд.

Дар низоми муносибатҳои иқтисодӣ дар муайян намудани қобилияти харидории аҳолӣ дар ҳолати воқеӣ номғӯйи маҳсулотҳои кишоварзӣ бо ин нишондиҳанда қиёс ва муайян карда мешавад. Ҳамчунин эквиваленти даромади пулии аҳолӣ ё музди маош ба номғӯйи маҳсулотҳои истеъмолӣ муаян карда мешавад.

Дар ҳамин замина қайд кардан зарур аст, ки дар муайян намудани талаботҳои физиологии аҳолӣ ҳаҷми муайяни маҳсулотҳои озуқавориро метавон ошкор намуд. Илова бар ин, дар сатҳи кишвар чи қадаре, ки фарогирии аҳолӣ бештар ва сатҳи даромаднокии онҳо зиёд гарданд то ҳамон андоза таваҷҷӯҳ ба сифат ва ҳаҷми истеҳсолоти кишоварзӣ афзоиш меёбад.

Дар шароити имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон махсусан дар солҳои 2018-2024 нишондиҳандаҳои асосие, ки аз рӯйи он сатҳ ва сифати зиндагии аҳолиро таъмин мекунанд, инҳоро дохил намудан мумкин аст: сатҳи даромади аҳолӣ дар нишондиҳандаҳои воқеӣ, музди меҳнати воқеии ҳисобшуда ва монанди инҳо ҳисоб карда мешавад.

Худтаъминкунӣ шарти муҳимми амнияти озуқавории кишвар мебошад, ки он аз ҳисоби истеҳсолоти ватанӣ таъмин намудани талаботи ахолӣ бо ғизо мебошад. Истеъмоли маҳсулоти растанӣ дар даҳсолаи охир дар таркиби истеъмоли озуқавории аҳолии кишвар, нисбат ба истеъмоли маҳсулоти чорводорӣ (хосияти кишварҳои мутараққӣ) бартарият дорад. Новобаста аз пур шудани бозори озуқаворӣ сатҳи ғизохӯрии аҳолӣ назар ба давраи пеш аз ислоҳот, хубтар шуда истодаст (ҷадвали 2.).

Ҷадвали 2. - Истеҳсоли воқеии маҳсулоти асосии озуқаворӣ ба ҳар сари аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (кг/одам)

Намудҳои озуқаворӣ	Истеъмоли воқеӣ								2024 бо % ба 1991
	1991	2018	2019	2020	2021	2022	2023	2024	
Ғалладона	54,3	141,5	152,2	165,0	161,8	175,0	172,3	174,1	114,4
Картошка	32,3	106,8	107,9	108,7	106,2	109,6	112,4	121,6	113,0
Сабзавот	112,1	234,7	236,7	263,5	264,9	272,0	297,2	317,2	134,0
Полезӣ	31,2	71,1	76,1	80,5	83,5	84,4	99,2	110,1	144,7
Мева ва бутта мева	31,6	49,6	51,4	49,7	45,3	51,3	65,2	79	154,0
Ангур	21,6	26,8	26,8	25,4	27,3	30,2	18,7	27	104,1
Гӯшт (дар вазни кушташуда)	13,4	14,5	14,8	16,0	16,7	17,5	19,6	20,0	135,1
Шир	104,9	108,9	108,9	108,5	106,3	106,6	109,8	113,3	104,4
Тухм, дона	81,1	49,9	78,7	104,5	107,4	121,4	120,2	121,7	154,6

***Сарчашма:** тахияи муаллиф дар асоси [2, с 15.].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои охир ислоҳоти дар соҳаи кишоварзӣ гузаронидашуда (ҷадвали 2) шаҳодат аз он медиҳад, ки истеъмоли воқеии маҳсулоти асосии хӯрокворӣ ба ҳар сари аҳолӣ беҳтар гардидааст. Ҳамин тариқ, дар соли 2024 нисбат ба соли 1991 пешниҳоди маҳсулоти нонӣ ба 3,2%, картошка ба 3,8%, сабзавоту зироатҳои полезӣ ба 10,1%, равғани растанӣ ба 44,4%, афзудааст, танҳо дар ин давра аз рӯйи ду намуди махсулот гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ ҳамагӣ 1,5%, шир ва маҳсулоти ширӣ 1,0% таъминнокиро ташкил медиҳад, гарчанде таъмин будан бо тухм дар ин давра ба 1,5% расид.

Беҳуда Роҳбари давлат «Саломатии миллатро бойгарии давлат» нагуфтааст аз ин хотир зарур аст, ки барои ҳифз ва татбиқи ин масъала мо пайваста чораҳои зарурӣ андешида таъмини амнияти ғизоии кишварро дар амал татбиқ намоем. Истеҳсоли маҳсулотҳои аз лиҳози экологӣ тоза роҳи ягонаи расидан ба нишондиҳандаҳои сифатӣ ва беҳтаргардонии сатҳи зиндагии аҳолӣ мебошад. Дар ҳамин ҳошия заррияти таҷдид ва муайян намудани сохтори истеъмоли маҳсулоҳои ниёзи аввали озуқаворӣ ба монанди: (шир, гӯшт, нон, картошка, шакар, меваю сабзавот) метавонад истеҳсолкунандагонро ба он водор намояд, ки дар истеҳсоли номгӯйи маҳсулотҳои номбаргардида пайваста талош намоянд.

Тибқи мушоҳидаҳо чӣ қадаре, ки дараҷаи таъмини аҳолӣ бо маҳсулотҳои кишоварзӣ дар сатҳи кофӣ бошад то ҳамон андоза имконияти ба берун содир намудани маҳсулотҳои кишоварзӣ барои истеҳсолкунангон як ҳавасмандии нав мебошад. Ва ин амал метавонад дар дохили давлат хосияти минтақавӣ ва фаромитақавиро гирад.

Солҳои охир аз маҳсулоти кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мамлакатҳои дигар, асосан пиёз содирот мешавад. Аз ҷумла, соли 2023 он 66,5 ҳазор тоннаро ташкил намуд. Тамоюли воридоти маҳсулоти озуқаворӣ

ба Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дод, ки соли 2023 нисбат ба соли 2018 воридоти гӯшти тару тоза ва коркардшуда 34,3%, гӯшти парранда 61,8% - камтар, моҳӣ 2,3 баробар, ҷав 34 баробар, ҷуворимакка 98 баробар, орди гандумӣ 67,4%, равғани соя 45 баробар, рағани офтобпараст 74 баробар ва шакар 56% зиёд шудааст, ки ин ҳолат ташвишовар аст.

Ҷадвали 3. - Сохтори тиҷорати берунии Ҷумҳурии Тоҷикистон (%)

Солҳо / Маҳсулот	2018	2019	2020	2021	2022	2023	2023 бо % ба 2018
Содирот							
Ҳамагӣ:	100,0	100,0	100,0	100,0	100,0	100,0	100,0
Маҳсулоти озуқаворӣ ва ашёи хоми кишоварзӣ	2,3	2,8	2,5	2,2	3,4	3,6	156,5
Маҳсулоти маъданӣ	50,7	56,3	27,5	29,0	41,7	41,0	80,9
Масолеҳи саноати кимиёвӣ	0,7	0,8	0,5	0,7	0,8	1,2	171,4
Масолеҳи чарму ва мӯина	0,3	0,2	0,2	0,2	0,2	0,2	66,7
Масолеҳи чӯбӣ ва коғазию селлюлоза	0,1	0,1	0,1	0,2	0,2	0,2	2,0 раза
Газвор	21.1	17,1	14,0	13,0	12,9	12,8	61,1
Сангҳо ва филизи қиматбаҳо	21,9	18,6	53,2	54,1	39,2	39,2	1,8 раза
Мошинҳо, таҷҳизот, воситаҳои нақлиёт	1,6	1,4	0,9	0,9	0,9	1,0	-62,5
Дигар молҳо	3,6	2,7	0,6	0,7	0,7	0,7	-19,4
Воридот							
Ҳамагӣ:	100,0	100,0	100,0	100,0	100,0	100,0	100,0
Маҳсулоти озуқаворӣ ва ашёи хоми кишоварзӣ	19,6	22,6	26,0	23,1	22,3	23,0	117,3
Маҳсулоти маъданӣ	18,5	18,8	17,5	17,6	19,3	18,5	100,0
Масолеҳи саноати кимиёвӣ	13,0	13,6	14,2	11,6	13,5	13,2	110,0
Масолеҳи чӯбӣ ва коғазию селлюлоза	5,5	5,1	5,1	4,7	5,3	5,4	98,2
Газвор	1,9	2,4	2,1	2,6	2,4	2,5	131,5
Металлҳо (филизҳо)	12,9	9,7	10,7	9,6	10,0	10,2	-79,1
Мошинҳо, таҷҳизот, воситаҳои нақлиёт	23,3	22,4	18,0	24,7	21,6	21,8	93,6
Дигар молҳо	5,3	3,4	6,4	6,1	5,6	5,4	101,9

***Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси [1, с 221.].

Тибқи маълумотҳои мавҷудаи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2023 маълум гардид, ки аз ҳисоби додани имконият ба истеҳсолкунандагони ватанӣ ва маҳдуд кардани ҳиссаи хориҷиҳо ва бар замми ҳамаи ин бо афзоиши талабот воридоти маҳсулоти ғизоӣ нисбат ба соли гузашта мутаносибан дар ҳаҷми 23% зиёд гардидааст. Дар ҳаҷми умумии захираҳои молии озуқаворӣ хиссаи маҳсулоти воридотии озуқаворӣ беш аз 40%-ро ташкил медиҳад. (Ҷадвали 3.).

Дар иқтисодиёти ҷаҳон бо дарназардошти ду нишондиҳандаи асосӣ дараҷаи амнияти озуқаворӣ муайян карда мешавад: «...ҳаҷми истеҳсоли ғалладона ба ҳар сари аҳолӣ ва бузургии ҳаҷми захираҳои ғалладонагӣ. Инчунин, амнияти озуқаворӣ ҳолати зарурӣ ба ҳисоб меравад, агар ҳангоми

воридоти ғалла дар сохтори маҳсулоти хӯрокворӣ аз меъёри 23% зиёд бошад» [31, с 31.]. (ҷадвали 4.).

Ҷадвали 4. - Истехсоли маҳсулоти асосии кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Номгӯйи маҳсулот	Солҳо							2023 бо %
	2018	2019	2020	2021	2022	2023	2024	нисбат ба 2018
Ғалладона ва лубиёгиҳо (бо назардошти	1296169	1561356	1586292	1756364	1754890	1828321	1561356	129,2
Пахтаи хом	300342	403008	396015	388804	404657	344350	253736	-63,0
Картошка	964643	994433	1022545	1041316	1094438	1144883	1239950	127,1
Сабзавот	2119392	2182556	2479360	2597577	2714825	3026223	3298693	151,0
Полезии озуқаворӣ	641784	701262	756962	818829	842635	1009916	1144806	145,0
Гушт	261927	272500	300100	327700	349100	398000	416000	152,7
Шир	983053	1000600	1020900	1042600	1064200	1118500	1177400	117,7
Тухм ҳаз. дона	450284	725700	983100	1053500	1212200	1223700	1265600	174,4
Пашм	7638	777,1	8017	8152	8376	8755	9094	177,0

***Сарчашма:** тахияии муаллиф дар асоси [3, с 32,33.].

Таҳқиқотҳои анҷомдодаи мо нишон доданд, ки аз рӯйи меъёри тасдиқшудаи ғизо ба ҳар сар аҳолӣ, мо ҳанӯз дар доираи имкониятҳои мавҷуда ва иқтидорҳои ҷорӣ ба дараҷаи худтаъминкунии маҳсулотҳои кишоварзии ниёзи аввал ба таври чашмрас нарасидем, новобаста аз оне, рушди соҳаи кишоварзӣ дар таносуб ба ҳар сари аҳолӣ дар давоми даҳ соли охир рӯ ба афзоиш дорад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон айни замон ҷиҳати таъмини сифати маҳсулоти чорводорӣ, Кумитаи давлатии бехатарии озуқаворӣ дар асоси озмоиши байторӣ-санитарӣ, инчунин бехатарии байтории ашёи хоми ғизоро назорат намуда, масъалаи таъмини сифатро назорат мебарад. Дар солҳои охир ба Ҷумҳурии Тоҷикистон воридоти маҳсулоти гӯштӣ аз минтақаҳои гуногуни ҷаҳон, ки шароити эпизоотикии вазнин доранд, хеле зиёд шудааст. Вобаста ба ин, бо мақсади нигоҳ доштани вазъи нисбатан муътадили эпизоотикӣ ҳангоми воридоти ин гуна маҳсулот тартиботи сахт ҷорӣ карда мешавад (ҷадвали 5).

Таъминоти шаҳрҳо дар муқоиса бо замони шуравӣ аз ҳисоби ду манбаи асосӣ ба амал бароварда мешуд. Манбаи якум, ин ташкил намудани минтақаҳои кишоварзии наздишаҳрӣ буд, ки онҳо барои дар муддати тӯлонӣ таъминоти афзалиятноки молиявию захиравӣ, аз солҳои 50-ум хоҷагиҳои махсуси сабзавоту картошкапарварӣ ва баъдан, аз солҳои 60-70-ум маҳсулоти ширӣ, фабрикаи парандапарварӣ, гармхонаҳо фаъолият доштанд. Натиҷаҳои истеҳсоли ин корхонаҳо барои таъмини сокинони шаҳрҳо пешбинӣ карда шуда, як қисми он аз хоҷагиҳои оилавии наздишаҳрӣ ва аз дигар минтақаҳо ба бозорҳои шаҳр оварда мешуд

Ҷадвали 5. – Сохтори сифати маҳсулоти озуқавории ватанӣ ва воридотӣ, ки дар бозори истеъмолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба талабот ҷавобгӯй нест

№	Номгӯй	Воҳид	Ҳаҷм	Ба стандарт ҷавобгӯ нест (%)
1.	Гӯшт	кг	84360	7,4
2.	Равғани растанӣ	кг	134826	11,7
3.	Нушокиҳои спиртӣ	Литр	272308	24,0
4.	Нушокиҳои ғайриспиртӣ	Литр	144573	10,2
5.	Маҳсулоти қоннодӣ	кг	65100	5,7
6.	Маҳсулоти ширӣ	кг	22974	2,0
7.	Иловагиҳои ғизоӣ	кг	73845	6,5
8.	Намак	кг	367440	32,4
9.	Тухми мурғ	кг	272308	0,1
10.	Ҳамагӣ:	*	1259	100

***Манбаъ**: таҳияи муаалиф дар асоси [27.].

Баъди гузаштани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Созмони Умумиҷаҳонии Савдо дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ислоҳоти ҷиддии институтсионалӣ оид ба уҳдадориҳои ба зимма гирифтаи Ҳукумат вобаста ба Созмони Умумиҷаҳонии Савдо гузаронида шуда, бисёр стандартҳо бо дарназардошти уҳдадориҳои байналмилалӣ аз нав қабул карда шуданд. Талабот нисбат ба сифати маҳсулоти кишоварзӣ, махсусан, ҳангоми аз ҷумҳурӣ баровардани маҳсулот сахттар буд. Манбаи дуюми таъминоти шаҳрҳои калон аз ҳисоби фондҳои мутамаркази озуқавории дохилӣ ва воридотӣ ҷудо кардани захираҳо буд.

Дар сатҳи истеҳсолоти кишоварзӣ ва тағйирёбии сатҳи нархҳо ба он далолат менамояд, ки асоси чунин тамоилро дар кишвар як қатор тағйирёбандагиҳо дар бар гирифта, баъзе маврид ба паст гардидани сатҳи шуғл, тағйир ёфтани музди меҳнат ва монанди инҳоро дар бар мегирад. Ин тамоюл агар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ аз ҳисоби барҳамхурии ИҶШС бошад, он дар давраи соҳибистиқлолӣ бо тамоюлҳои дигар ҳамроҳ мебошад. Одатан масъалаҳои мубрами бартараф кардани мушкилотҳои ба муҳити беруна алоқамандро аксар маврид дараҷаи худтаъминкунии раванди истеҳсолот дар мӯҳлати миёна ва дароз мебошад.

Дар шароити паст шудани қобилияти пардохтпазирии аҳолӣ ба озуқаворӣ, ба фикри мо, дар оянда бояд иқтисодиёти ба иҷтимоиёт нигаронидашуда бо таъсири фаъолонаи танзими давлатӣ ташкил карда шавад. Қайд кардан зарур аст, ки вобаста ба стандартҳои ҷаҳонии истеъмоли ғизо дар сатҳи истеҳсолоти баъзе маҳсулотҳои кишоварзӣ тағйиротҳои нархӣ ва ғайринархӣ ба вуҷуд омад ва ин моро ба он водор сохт, ки таҳқиқи ин масъаларо ҷиддӣ баррасӣ намоем.

Инчунин муқаррароти мо чунин аст, ки консепсияи умумии рушди иқтисодиёти соҳаи кашоварзӣ бояд таъминоти асосии озуқавории кишвар гардад. Қисми таркибии ин консепсия бояд дастгирии давлатии истеҳсол-кунандагони кишоварзии доманакӯҳҳо, кӯҳҳо ва баландкӯҳҳои ҷумҳурӣ бошад.

Ба сатҳ ва сохтори истеъмол гузариш ба муносибатҳои бозорӣ таъсири амиқ гузошт, аз ҷумла:



Расми 12. - Сохтори миллии истеъмол
***Сарчашма:** таҳияи муаллиф мувофиқи [17.].

Омӯзиш нишон дод, ки кам шудани истеҳсоли маҳсулоти озуқа ба ҳар сари аҳолӣ ва саҳми воридот ба он далолат мекунад, ки дар ҷумҳурӣ мушкилоти ҷиддии таъмини амнияти озуқаворӣ вуҷуд дорад.

Дар шароити гузариш ба муносибатҳои комилан пешрафтаи бозорӣ ва торафт аҳамият пайдо намудани таъмини амнияти ғизоии кишвар КАС ҳамчун масъалаи муҳим дар татбиқи ҳадафҳои стратегӣ маҳсуб ёфта, ин соҳа таъминкунандаи асосии аҳолӣ бо ғизои хушсифат мебошад.

Низоми мураккаби сатҳи бисёрзинагӣ ин комплекси агросаноатии ҷумҳурӣ буда, инкишофи онро тамоюлҳо ва нишондихандаҳои фаъолияти иқтисодиёти кишвар ифода мекунад.

Дар комплекси агросаноатӣ зиёда аз 60% шумораи умумии кормандони соҳаи истеҳсолоти моддӣ меҳнат карда, мавриди зикр аст, ки қариб панҷяки фондҳои истеҳсолии кишвар дар ин ниход мутамарказ гардонида шудаанд. Бо соҳаи кишоварзӣ, чи тавре, ки исбот шудааст зиёда аз сеяки бахшҳои иқтисодии кишвар алоқаманд мебошанд. Мутобики акидаи мутахассисон, як коргари деҳот метавонад 5-6 нафарро дар дигар соҳаҳои иқтисод бо ҷойи корӣ ивазу таъмин намояд. Мувофиқи ҳисобҳои Институти байналхалқии сиёсати озуқаворӣ: «...1% афзоиш додани истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ сабаби ба 2,3% афзудани тамоми иқтисодиёт мегардад» [46.].

Дар соли 2024 нисбат ба соли 2018 истеҳсоли нон ва маҳсулоти нонӣ ва равғани ҳайвонот каме коҳиш ёфтааст. Тамоюли коҳишёбии истеҳсоли маҳсулот дар саноати орд ва хӯроки чорво бартараф карда нашудааст.

Дар асоси «...Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2016 Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ба тасвиб расид, ки дар он ҳадафҳои расидан ба сатҳи даромад ва сифати зиндагӣ то соли 2030, ки хоси иқтисоди кишварҳои пешрафта мебошад, муайян карда шудааст. Сатҳи саломатии инсон, бешубҳа ба сифати ғизо вобастааст, ки он дар навбати худ бевосита ба сатҳи даромади аҳолӣ вобаста мебошад» [15.].

Нишондиҳандаи ҷудонашавандаи таъмини сифат ва сатҳи зиндагии мардум маҷмуи маҳсулоти дохилӣ (ММД) ба ҳар сари аҳолӣ мебошад, ки аз рӯйи паритети қобилияти харидорӣ (ПҚХ) ҳисоб карда мешавад.

Ҷадвали 6. - Истеҳсоли навъҳои асосии маҳсулоти саноати озуқаворӣ ва коркарди маҳсулот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Намудҳои маҳсулот	Воҳиди ченкунӣ	Солҳо							2024 бо % ба 2018
		2018	2019	2020	2021	2022	**2023**	**2024**	
Маҳсулоти қаннодӣ	ҳаз.т	13,9	15,3	17,4	31,3	25,8	27,7	45,4	3.3 мар
Маҳсулоти макаронӣ	ҳаз.т	4,4	3,4	6,0	9,5	10,0	13,0	14,6	3.3 мар
Консерваҳо - ҳамагӣ	млн. қуттӣ	23,6	27,1	62,4	66,5	66,4	70,0	82,8	3,0 мар
Гӯшт	ҳаз.т	59,0	65,0	69,5	67,6	70,7	72,8	80,6	124,0
Консерваҳо	млн. қуттӣ	10,8	23,2	28,1	32,8	31,7	21,2	20,1	1,9 мар
Маҳсулоти ҳасиб	ҳаз.т	4,6	5,0	7,1	5,9	4,5	4,5	4,6	-92,0
Равғани чорво	тонна	153,6	175,0	186,6	103,0	103,2	103,2	228,6	-18,6
Маҳсулоти ширӣ	ҳаз.т	14,6	15,1	15,4	16,4	17,3	19,0	19,6	134,2
Панирҳои равғанин, аз ҷумла бринза	тонна	256	224	226	227	290	511	590	2,3 мар
Маҳсулоти макаронӣ	ҳаз.т	4,2	3,4	6,0	9,5	10,0	13,0	14,6	4,3 мар

***Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси [5, с 47,53.].

Дар маҷмуъ, нишондиҳандаи истеҳсолоти соҳа дар соли 2024- 95,2%, аз ҷумла, нисбат ба соли 2018 дар саноати орд ва ғалладонагии саноати хӯрокворӣ 13,5%-ро ташкил дод. Маълумот дар бораи ҳаҷми истеҳсоли навъҳои асосии маҳсулоти саноати хурокворӣ ва коркард дар ҷадвали 6 оварда шудааст.

Маълумотҳои ҷадвали 6 нишон медиҳад, ки дар солҳои охир дар ҷумҳурӣ тамоюли пай дар пай болоравии истеҳсоли нон ва маҳсулотҳои нонӣ, маҳсулоти қаннодӣ, истеҳсоли макарон, консерваҳо ва хӯрокҳои чорво аз 1,8 то 5,5 маротибаро ташкил медиҳад.

Нишондиҳандаҳои баҳодиҳии рушди ММД-и кишварро вобаста ба ҳар сари аҳолӣ: «...Кишварҳои дорои даромади баланд – аз 12616 доллар зиёд; кишварҳои дорои даромади миёнаи болоӣ аз 4036 доллар то 12616 доллар; кишварҳои дорои даромади миёнаашон паст - аз 1035 долл.то 4035 доллар; кишварҳои камдаромад – камтар аз 1035 доллар поён» [41, с 16.].

Сарфи назар аз он ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба гуруҳи кишварҳои дорои нишондоди дар ИДМ баланд дохил шуд, дар давраи аз соли 2018 то 2024 мавқеашро пасттар намуда, аз зинаи 153 ба 147-ум фаромад. Ҳамзамон, дар ин давра Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи байналхалқии худро аз рӯйи ҳаҷми ММД ба ҳар сари аҳолӣ беҳтар намуд.

Барои тавсифи нобаробарии байни минтақавӣ дар сифат ва сатҳи зиндагӣ дар баробари стандартҳои боло зикргардидаи иҷтимоии сифат ва сатҳи зиндагӣ нишондиҳандаҳои зерин истифода мешаванд: коэффисиенти қобилияти харидории даромади пулӣ, шумораи маҷмуи молҳо ва хизматрасониҳои ба буҷети сатҳи зиндагӣ дохилшаванда мебошад, ки бо

харидорӣ аз даромади миёнаи пулии ҳар сари аҳолӣ истифода бурдан мумкин аст.



Расми 13. - Иқтидори бозори минтақавии мол ва хизматрасониҳо.
***Сарчашма:** таҳияи муаллиф мувофиқи [17.].

Тавозуни даромад ва харочоти аҳолӣ ва корфармоён ин буҷетҳои сердаромади истеъмолӣ (БСИ) буда, инчунин маблағҳои низоми давлатии молиявиро ифода намуда, қонеъ гардонидани талаботи шахсони хеле пешрафта ва аъзои оилаи онҳоро, баланд бардоштани сатҳи инфиродӣ ва иҷтимоиро таъмин мекунанд.

Барои шахсони танҳо, бе оила ва бефарзанд буҷетҳои ҳадди ақалли маблағ (БҲМ) пешбинӣшуда, маблағҳои низоми давлатии молиявиро дар бар гирифта, тавозуни ҳадди ақалли даромад ва харочоти аҳолӣ ва корфармоёнро нишон дода, қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти асосиро таъмин намуда, барои ҷуброни харочоти меҳнати сабук, ки омодагии касбиро талаб намекунад, нигаронида мешавад. Ин буҷетҳо имкониятҳои иҷтимоии шахсонро дар соҳаи меҳнат маҳдуд намуда, барои иҷрои вазифаҳои иҷтимоии падару модарон нокифоя мебошанд.

Тавозуни ҳадди ақалли даромаду харочоти аҳолӣ ва корфармоёнро буҷетҳои барқарорсозии истеъмолӣ (ББИ) ифода намуда, ҳамгироии иҷтимоии қисми асосии ахолиро ба ҳаёти ҷомеа таъмин намуда, барои ҷуброни зарари зиёдшавии харочоти фаъолияти ҷисмонӣ ва бошиддат, ки бо мураккабии кори иҷрошаванда ва омодагии касбиро талаб мекунад, инчунин барои ташкили оила, таъмин ва тарбияи фарзандон кифоя аст.

Сатҳи камбизоатии даромадҳои пулӣ ин ҳиссаи аҳолие мебошад, ки даромадашон аз ҳадди ниҳоии буҷети расмӣ камтар аст.

Барои дуруст таъмин намудани аҳолӣ ба маводҳои ғизоӣ ва ғайриғизоӣ дар заминаи дароммаднокӣ ва дигар имкониятҳои аҳолӣ, ки онро қобилияти харидорӣ низ меноманд, давлат ҳар семоҳа ин масъаларо ҳисоб намуда имкониятҳои мавҷударо барои давраҳои оянда баррасӣ ва муайян менамояд.

Арзиши зиндагӣ мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳадди ақалли зиндагӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» арзиши сабади истеъмолӣ, инчунин пардохтҳои ҳатмӣ ва андӯхтҳо мебошад.



Расми 14.- Андозаи коэффитсиенти камбизоатӣ.
***Сарчашма:** таҳияи муаллиф мувофиқи [17.].

Дар сатҳи арзёбии дараҷаи гурӯҳбандии сатҳи даромад ё камдаромадӣ ва ё дар мавриди дигар додани ҳуқуқ ба пардохтҳои иҷтимоӣ, буҷети сатҳи зиндагӣ барои муайян кардани андозаи ҳадди ақалли музди меҳнат ва ҳадди ақалли нафақаи пиронсолӣ асос буда, истифода мешавад.

Дар баробари ин, арзиши зиндагӣ талаботи воқеии шахсро, ки барои фаъолияти муътадили ӯ ва оилааш заруранд, инъикос намекунад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маоши ҳадди ақалл барои як нафар коргар муайян мегардад, аммо дар ин масъала дараҷаи маъюбият ва дигар масъалаҳои ба ин баробар муайян нестанд ва танҳо дар марҳалаҳои дигар аз тарафи давлат ба инобат гирифта мешаванд.

Сатҳи истеъмоли озуқа бевосита аз сатҳи даромад вобаста аст, ки даромади паст дастрасӣ ба ғизоии мувофиқро маҳдуд мекунад. Маълум аст, ки сатҳи даромад чӣ қадар паст бошад, қисми зиёди даромад барои озуқа сарф мешавад.

Дар баробари ин, зимни баҳодиҳии сатҳи худтаъминкунии озуқаворӣ дар ҷумҳурӣ метавон ба хулосае омад, ки солҳои охир нокифоя боқӣ монда, параметрҳои воридоти маводи озуқа ба Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо аз рӯйи маҳсулоти тухм ва сабзавот кам шуда истодаанд.

Мутаносибан масъулияти таъминоти озуқаворӣ ва хусусияти муносибатҳои бозорӣ вазъи имрӯзаи бозорҳои озуқаворӣ ва амнияти озуқаворӣ, махсусан дар минтақаҳоро нишон медиҳад, ки худидоракунии бозор ба афзоиши зарурии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ таъсир надошта, сарфи назар гардидааст. Дар баробари ин барои аҳолие, ки минтақаҳои ҷумҳурӣ ва гирду атрофи он баробар зиндагӣ мекунанд, дастрасии ҷисмонӣ ва иқтисодии озуқаворӣ, сатҳи истеъмол, сифат ва сохтори ғизо ҳам аҳамияти калон дорад.

Маҷмуи омилҳо васеъ ва гуногунанд. Мураккаб будани истеҳсолоти кишоварзӣ ва хусусиятҳои он, хусусияти ягонагии муносибат ва усулҳои хоҷагидорӣ, пурзӯр намудани нақши давлат дар ҳавасмандгардонӣ ва дастгирии рушди он пешакӣ муайян мегардад.

Бояд таъкид кард, ки мураккабӣ ва хусусиятҳои комплекси агросаноатӣ бо сатҳи баланди хатарҳо хос аст: вобаста ба шароити табиию иқлимӣ мавҷуд будани хавфи маблағгузорӣ, муайян набудани талабот ба маҳсулот, барои сармоягузорӣ,

набудани диққати махсус аз тарафи рушди на танҳо сармоягузорон, балки ҳатто иштирокчиёни алоқаманди агробизнес ва ғайра. Масъалаи идоракунии хавфҳои иқтисодӣ ва молиявӣ хеле тезу тунд боқӣ мемонад, ки аҳаммияти самти интихоб шудаи тахқиқоти диссертатсиониро муайян мекунад.

Дар боби чорум «Танзими ислоҳоти кишоварзӣ дар шароити бехатарии озуқавории Ҷумҳурии Тоҷикистон» усулҳои танзими истеҳсолоти кишоварзӣ, мукаммалгардонии раванди қарзӣ, танзими сармоягузорӣ, андозӣ, буҷетӣ дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоқикистон баррасӣ шудаанд**.** Дастгирии рушди соҳаи кишоварзӣ дар ҳамоҳангӣ бо ҳамгироишавии КАС дар шароити имрӯзаи Тоҷикистон ҳамчун омили асосӣ ва ояндадори кишвар муҳим ва зарурӣ буда, бароварда кардани эҳтиёҷотҳои молиявию пулии ин самти муҳими иқтисодӣ шарти зарурист. Зеро қисми зиёди ҳадафҳои стратегии кишвар ба КАС вобастагӣ дорад ва тавассути рушд ва дастгирии ин соҳа таъмини амнияти ғизоии кишвар ва кумак ба саноатикунонии босуръат дар лаҳзаҳои кутоҳтарин имконпазир мегардад.

Маҳз самти маблағгузорию қарздиҳӣ ба соҳаи кишоварзӣ имкониятҳои нави рақобатро дар сатҳи институтсионалӣ, дар гирифтани қарз ва тавлиди маҳсулотҳои нави кишоварзӣ ба миён меоварад. Аз давраи аввали соҳибистиқлолӣ соҳаи кишоварзӣ ҳамчун соҳаи осебпазир ҳамеша ба маблағгузорӣ эҳтиёҷ дорад ва онро тавассути роҳу воситаҳои гуногун таъмин кардан имконпазир мебошад.

Имрӯз таъмини соҳаи кишоварзиро бо пул ва қарз, тавассути бахши бонкии кишвар ва ҳавасмандгардонии онҳо ба ин самт таъмин кардан имконпазир мебошад. Новобаста аз оне, ки дар солҳои аввали соҳибистиқолӣ низоми бонкӣ ба як бӯҳрони сарбаста дучор гардида буд, то як андоза камфаъолии онҳоро дар ин соҳа ба миён овард. Новобаста аз чунин тамоил дар ду даҳсолаи охир низоми бонкӣ рушди низоми қарздиҳиро ба соҳаи кишоварзӣ тақвият дода, дастгирии қарзии ин соҳаро вобаста ба нишондиҳандаҳо бештар намуд.

Дар сатҳи нокифоя қарор доштани ҳамкориҳои тарафайни соҳавӣ ба хотири бунёди хатти қарз ва дар ин масир ҳамроҳ намудани институтҳои дигари молиявӣ, ки имконияти қарздиҳӣ ба соҳаро доро мебошанд.

Бодарназардошти васеъ будани муҳити фаъолияти субъектҳои кишоварзӣ ва бисёр будани вобастагии он ба шароити обу иқлим, мавсимӣ будани истеҳсолоти кишоварзӣ, кам будани давраи ҳаёти маҳсулотҳои кишоварзӣ, бисёр будани хавфҳои истеҳсолӣ ва дигар хавфҳои ба соҳа хос тақозо менамояд, ки диққати махсус дода шавад.

Аз сабаби оне, ки дар шароити имрӯза фаъолияти асосии бонкҳо аз ҳисоби воситаҳои ҷалбкардашуда ба роҳ монда мешавад, бояд эҳтимолияти ба вуҷуд омадани хавфро ба инбоат гирад. Дар баъзе ҳолатҳо андозаи қарз тибқи арзиши гарав ва имкониятҳои кафил муайян карда мешавад, ки дар он меъёри муқарраршуда, ки таъмини бехатариро имконпазир мегардонад муайян карда мешавад. Илова бар ин, дар ин мукаррарот бонкҳои Тоҷикистон ба ҳадди масималӣ онро дар ҳаҷми 60% қабул намудаанд. Масъалаи ҷаримапулӣ ва дигар пардохтҳои ба фоиз ва мӯҳлат алоқаманд аз тарафи бонк муқаррар карда мешавад. Аз рӯйи чунин тамоил раванди қарздиҳии низоми бонкӣ низ дар ҳоли болоравӣ қарор дорад, ки онро дар ҷадвали 7. дидан мумкин аст.

Бунёди институтҳои монобонкӣ ба хотири ташкили хатти қарзӣ ба соҳаи кишоварзӣ дар заминаи ин муайян намудани иқтидорҳои бозпасгардонии онҳо дар сатҳи зарурӣ. (ҷадвали 7.).

Ҷадвали 7. – Асоси сохтории низоми қарздиҳии кишоварзӣ

Асоси қонунгузорӣ	Сохтори ташкилӣ	Зернизоми молиявию иқтисодӣ
Кодексҳо: Граждани, Замин, Андоз, Ҷиноятӣ	Қарзгирандаи «Амонатбонк»	Меъёри фоиз
Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ»	Дигар бонкҳои тиҷоратии ба кишоварзӣ нигаронидашуда	Арзиши объекти гарав
Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими давлатии истеҳсолоти кишоварзӣ»	Мақосоти идоракунии давлатӣ (Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, маъмурияти субъектҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, бонкҳои ҷумҳурӣ	Низоми усулҳо ва меъёрҳои арзёбии қарзгирандагон ва лоиҳаҳои сармоягузории кишоварзӣ
Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гарави молу мулки манқул ва бақайдгирии уҳдадориҳои таъминшуда»	Бюрои қарзӣ	Механизми қарзӣ (усулҳо, шаклҳои қарздиҳӣ ва пардохти қарз)
Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ипотека»	Муассисаҳои адлия оид ба бақайдгирии ҳуқуққо	Воситаҳои бақайдгирӣ ва таъмини муносибатҳои қарзӣ (қоғазҳои қиматноки қарзӣ, аз ҷумла вексел ва вомбаргҳо, шаҳодатномаҳои анборӣ, кафолат ва кафилон, амонатӣ, интихобӣ ва фючетсӣ полиси суғуртавӣ).
Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он»	Идораи нотариалӣ	Шартҳо ва усулҳои сафарбаркунии захираҳои қарзии дорои хислати дарозмуддат
Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гардиши заминҳои таъиноти кишоварзӣ»	Ниҳодҳои ипотекӣ (бонкҳо, агентиҳо, иттоҳодиҳо)	Коҳишдиҳӣ ва суғуртакунии таваккал
Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷораи молиявӣ (лизинг)»	Субъектҳои баҳодиҳӣ, ҳуқуқӣ, суғуртавӣ ва дигар ашхоси машғул ба фаъолияти иҷозатномадор ва хизматрасонии машваратӣ	—
Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кооператсияҳои кишоварзӣ»	Биржаҳои молӣ ва фондӣ	—

***Сарчашма:** таҳияи муаллиф.

Дар амалияи татбиқи қарздиҳии кишоварзӣ дар минтақаҳои аз ҷиҳати саноатӣ тараққикарда як қатор мушкилотро ҷудо намудан мумкин аст:

- сатҳи нокифояи қарор доштани чандирии қарздиҳии рушди КАС дар шароити нави хоҷагидорӣ;
- вобаста ба талаботҳо фарояндҳои рушди соҳаи кишоварзӣ кофӣ набудани дастгоҳҳои истеҳсолӣ барои коркарди маҳсулотҳои кишоварзӣ ва дар баробари ин нокифоя будани қарздиҳӣ ва захираҳо ё фондҳои қарзӣ ба соҳа;
- ғайримутаммарказ будани фаъолнокии субъектҳои қарзӣ барои тезонидани такрористеҳсол дар шароити имрӯзаи доштани хоҷагии мукаммал;

➢ сатҳи нокифояи ҳамкории байнисоҳавӣ бо мақсади ташаккули ниҳодҳои қарзӣ ва ҷалби дигар институтҳои молиявӣ, ки имкониятҳои қарздиҳии соҳаро доранд.

Ҷадвали 8. - Динамикаи инкишофи маблағҷудокунии давлатӣ ба соҳаи кишоварзӣ дар солҳои 2019-2024 **(млн. сомонӣ)**

Нишондиҳандаҳо	**2019**	**2020**	**2021**	**2022**	2023	**2024**	**2024 да муқоис 2019, б**
Ҳамагӣ :	79109,8	83958,3	101076,3	118181,7	132781,9	153402,2	
аз ҷумла:							
Соҳаи кишоварзӣ, хоҷагии ҷангал ва моҳипарварӣ	16507,9	19050,5	22690,7	27104,8	30352,5	34954,8	2,1 мароти
Саноати коркард	10626,3	13119,2	15260,3	17893,5	19402,9	12894,9	121,3
Таъминоти неърӯи	3505,5	3890,1	4189,5	4728,3	4817,5	5785,1	165,0
Об таъминкунӣ, полоиш, коркарди партов ва гирифтани ашёи такрора	99,7	91,3	119,5	113,0	115,2	173,9	1,7 мароти
Сохтмон	9281,6	8863,7	11417,3	13250,1	14923,6	12451,7	134,1

*Сарчашма: **таҳияи муаллиф аз рӯйи** [3, с 165, 220.].

Таҳлили ҷадвали 4.2.3 нишон медиҳад, ки сармоягузории давлатӣ дар солҳои охир тамоюли болоравӣ дорад. Тибқи маълумоти таҳқиқотӣ, қарздиҳӣ ба кишоварзӣ дар соли 2024 нисбат ба соли 2019 65% афзоиш ёфтааст.

Дар ҳошияи ин гуфтаҳо мо бар он назарем, ки бояд дар солҳои минбаъда барои рушди ҳаматарфаи КАС ба самтҳои зерин таваҷҷӯҳи махсус зоҳир намояд:

✓ додани қарзҳои имтиёзнок ба КАС ва ба таври иловагӣ сармоягузорӣ ба баъзе шаклҳои истеҳсолоти кишоварзӣ;

✓ иштирок дар мақсаднок истифода бурдани қарз вобаста ба шаклҳои алоҳидаи истеҳсолот ва ҳамзамон назорати имконияти бозпасгардонии қарз;

✓ пешниҳоди қарзҳои дарозмуддат ва имтиёзнок барои дастгири КАС ва махсусан ба бунёдкунандагони коргоҳҳои саноатӣ;

✓ ҳиссаҷудокуниҳои фондӣ барои муҷаҳҳаз намудани соҳаи кишоварзӣ бо техника ва технологияҳои муосир, ба корхонаҳои кишоварзие, ки ба лизинг эҳтиёҷ доранд;

✓ ташкили фондҳои махсуси буҷетӣ ва ба зиммаи бонкҳои ваколатдор вогузор намудани назорати он;

✓ ба таври иловагӣ дар корпоративҳо ташкил намудани фондҳои қарзии барои соҳаи кишоварзӣ нигаронидашуда;

✓ назорати иҷрои қарзҳои ба рушди соҳаи кишоварзӣ ҷудогардида ба таври қатъӣ.

Қайд кардан зарур аст, ки дар иҷрои барномаҳои қарзӣ ва сармоягузории рушди соҳаи кишоварзӣ ҳолати техникии ин соҳа низ муҳим мебошад, ки дар он нақши техникаи кишоварзӣ муҳим ва зарурӣ

мебошад. Вобаста ба ин гуфтан мумкин аст, ки сатҳи бо техника таъмин намудани соҳаи кишоварзӣ дар муқоиса бо марказ дар манотиқи дурдаст ин вазъият пастар мебошад.

Ҷадвали 9. - Маълумот дар бораи сармоягузории хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2025, (ҳазор доллар)

Нишондиҳандаҳо	**Ҳамагӣ**	**Аз он ҷумла**		**Дигар сармоягузориҳо**
Ҳамагӣ сармоягузориҳо,	5073827,8	459094,3	802,1	4613931,3
аз он ҷумла				
хоҷагии қишлоқ, шикор, хоҷагии ҷангал	7004,6	1906,3	-	5098,3

***Сарчашма**: таҳияи муаллиф аз рӯйи [1, с 14.].

Тибқи маълумоти Кумитаи давлатии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2025 ҳаҷми маблағгузорӣ ба сармояи асосӣ ҷиҳати рушди соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо нархҳои ҷорӣ (бе назардошти ААИ) 5 миллиард сомониро ташкил дод, ки ҳамагӣ 3,1%-и ҳаҷми умумии сармоягузорӣ ба сармояи асосии кишварро ташкил медиҳад. Тасдиқи онро аз маълумотҳои ҷадвали 9. мушоҳида кардан мумкин аст.

Дар таҳқиқоти илмии худ мо мукаммалан иброз намуда будем, ки заминаҳои бунёдии даст ёфтан ба ҳар гуна имконияту имтиёзҳои рушд ба монанди сармоягузориҳо, ҷалби маблағҳои қарзӣ ва монанди инҳо, пеш аз ҳама, воситаҳои худии корхонаҳо мебошанд. Аз ҳамин лиҳо, дар самти сармоягузорӣ ба сармояи асосии корхонаҳои кишоварзӣ ва истеҳсолоти ба ин соҳа хос, ин манбаҳоро бо нишондиҳандаҳои мавҷуда дар ҷадвали 10. овардаем.

Ҷадвали 10. - Динамикаи маблағгузории давлатии соҳаи кишоварзӣ дар сатҳи низоми буҷетӣ давраи солҳои 2015-2023

	2015	**2019**	**2020**	**2021**	**2022**	**2023**	**2023 бо % ба 2015**
Буҷетӣ ҷумҳуриявӣ, млн. Сомони	106,4	111,2	164,4	143,1	156,1	170,7	160,4
бо % аз буҷети давлатӣ	30,1	24,7	23,8	25,0	24, 1	27,9	-92,7
Буҷети маҳаллӣ, млн.сом.	58,4	80,2	86,9	44,5	36,2	25,8	- 44,2
бо % аз буҷети давлатӣ	16,5	17,8	12,6	7,8	5,7	4,2	-25,5

***Сарчашма**: таҳияи муаллиф аз рӯйи [3, с 677.].

Маълумоти ҷадвали 10 нишон медиҳад, ки динамикаи сармоягузориҳои соҳавӣ дар солҳои охир афзоиш ёфтааст. Ҳамин тариқ, дар тӯли солҳои 2015-2023 ҳаҷми умумии сармоягузориҳо 64,6% афзоиш ёфтааст. Таҳлили манбаъҳои асосии сармоягузориҳо нишон медихад, ки дар солҳои охир сармоягузории давлатӣ 25,9%, сармоягузории аҳолӣ бошад - 2,3 маротиба ва сармоягузорӣ аз ҷониби ташкилотҳо 2 маротиба афзудааст.

Аз ҳамин лиҳоз дар ташкили шаклҳои нави хоҷагидорӣ яке аз

фишангҳои таъсиррасон ин истифодаи дурусти сиёсати андозию буҷетӣ мебошад ва дар доираи ин як қатор муаммоҳои мавҷуда ҳал карда мешаванд. Дар дастгирии КАС ва дар заминаи ин додани имкониятҳои нави истеҳсолӣ тавассути механизмҳои андозию буҷетӣ метавонад имконпазир гардад. Зеро агар тавассути сиёсати андозӣ имтиёз ба истеҳсолкунанддагони кишоварзӣ дода шавад, тавассути маблағгузориҳои буҷетӣ рушди истеҳсолоти кишоварзӣ таъмин карда мешавад. Аз ҳамин хотир моро зарур аст, ки роҳҳои самаранок иҷро кардани сиёсати андозию буҷетиро дар марҳалаи нави рушди иқтисодӣ ва дар заминаи ин рушди соҳаи кишоварзиро имконпазир гардонем. Ба ҳамин хотир, дар доираи сиёсати андозию буҷетӣ ба андешаи мо додани имтиёзҳои зерин ба истеҳсолкунандагони кишоварзӣ муҳим ва зарурӣ мебошад:

❖ таҳияи сиёсати нави андозии ба имтиёз нигаронидашуда дар бахши воқеии иқтисодиёт ва дар радифи ин пешниҳоди имтиёзҳои дигари андозӣ;

❖ пурра ё қисман озод намудани истеҳсолкунандагони маҳсулотҳои кишоварзӣ дар давоми то 5 соли фаъолияти истеҳсолӣ;

❖ субсидия намудани як қисми хароҷотҳо ва қарзҳои гирифташуда аз тарафи бонку ташкилотҳои қарзӣ;

❖ ба таври нақшавӣ ба баъзе шаклҳои истеҳсолоти кишоварзӣ ҷудо намудани як миқдори муайяни маблағ ва назорати мақсаднок истифода намудани он ва ғ.

Меъёри баланди андоз низ дар ҳар як кишвари алоҳида метавонад садди роҳи рушди иқтисодиёт ва махсусан, истеҳсолкунандгони кишоварзӣ гардад. Зеро аз як тараф хавф дар истеҳсолоти кишоварзӣ баланд аст, аз дигар тараф ин соҳа ба таври доимӣ ба дастгирии молиявию сохторӣ эҳтиёҷ дорад. Аз ин лиҳоз, додани имтиёзҳои андозӣ ба КАС метавонад як қатор имкониятҳои навро ба ин бахши муҳимми иқтисодӣ фароҳам оварад. Аз ин лиҳоз гуфтан мумкин аст, ки баланд будани меъёри андоз метавонад ба рушди соҳа ва татбиқи ҳадафҳои стратегӣ як қатор монеаҳоро эҷод намояд.

Яке аз вазифаҳои муҳимми Ҳукумати Тоҷикистон таъмини амнияти миллии озуқаворӣ маҳсуб мешавад. Дар ҷумҳурӣ вобаста ба баланд бардоштани сатҳу сифати маҳсулотҳои кишоварзӣ ва дар заминаи ин дастрасии содда пайдо намудан ба ашёи хом, имконият медиҳад, ки сатҳи иқтисодиёти давлат боло ва сатҳи некуаҳолии мардум дар сатҳи имконпазир таъмин карда шавад.

Илова бар ин, ҳамеша давлат дар таъмини шароити созгор барои аҳолӣ масъул буда, ин мақсадро бештар тавассути субъектҳои мустақили кишоварӣ дар амал татбиқ менамояд. Инчунин як қатор имконияту омилҳо метавонанд шароити амниятии давлатро дар соҳаи кишоварзӣ таъмин намоянд: ҳамкории зичи давлат дар таъмини шуғли пурмаҳсул ва тақсимоти дурусти ҷамъиятии меҳнат, имконият фароҳам овардан ҷиҳати ворид шудан ба бозорҳои ҷаҳонии озуқаворӣ, ташкили муҳити рақобатпазирӣ барои истеҳсолкунандагони маҳсулотҳои кишоварзӣ ва монанди инҳо.

Ҷадвали 11. - Истеҳсоли маҳсулоти умумии кишоварзӣ, дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (миллион сомонӣ)

Номгӯй	Ҳаҷми маҳсулоти умумӣ дар моҳи январи соли 2024 (бо нархҳои соли 2024)	Ҳаҷми маҳсулоти умумӣ дар моҳи январи соли 2024) (бо нархҳои соли 2023)	*Ҳиссаи бо фоиз*			
			Январи соли 2024. Нисбат ба соли 2023	*Хоҷагиҳои ҷамъиятӣ*	*Ҳамаи хоҷагиҳои (фермерӣ) деҳқонӣ*	*Аҳолии ба хоҷагидорӣ машғул*
Ҳачми маҳсулоти умумӣ	77529,8	73976,6	110,6	11,4	38,2	50,4
ВМКБ	1088,0	980,2	104,6	18,5	16,4	65,1
Вилояти Суғд	23573,6	22383,2	113,0	17,8	44,9	37,3
Вилояти Хатлон	41235,9	39148,4	109,0	7,8	35,1	57,1
НТҶ	11632,3	11464,8	110,0	11,0	37,4	51,6
Зироаткорӣ	51216,8	5098,8	113,4	11,3	52,6	36,1
ВМКБ	558,6	510,5	107,5	35,4	29,5	35,1
Вилояти Суғд	16549,8	15471,6	113,9	14,4	60,7	24,9
Вилояти Хатлон	27088,5	27352,0	112,6	10,0	48,4	41,6
НТҶ	7415,9	7650,7	115,6	8,1	53,2	38,1
Чорводорӣ	25917,0	22991,8	104,8	11,8	6,1	82,1
ВМКБ	529,4	469,7	101,6	0,1	2,0	97,9
Вилояти Суғд	7023,8	6911,6	111,0	25,3	9,6	65,1
Вилояти Хатлон	14147,4	11796,4	103,2	2,7	4,3	93,0
НТҶ	4216,4	3814,1	100,2	16,9	5,6	77,5

***Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси [1, с 22.].

Новобаста аз оне, ки дар соҳа хавфи баланд ҷой дорад, нишондиҳандаҳои он рӯ ба афзоиш аст ва истеҳсолкунандагонро зарур аст, ки аз бонкҳо ва самоягузорон қарзу сармояи зиёд ҷалб намоянд. Таҳлили мо нишон дод, ки вилояти Хатлон аз ҷиҳати истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар байни минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аввалро ишғол менамояд (ҷадвали 11.).

Ҳиссаи хоҷагиҳои ҷамъиятӣ 11,4 фоизро дар моҳи январи соли 2024 ташкил намуда, дар ҳаҷми маҳсулоти умумӣ ҳиссаи хоҷагиҳои вилояти Суғд 25,0%, вилояти Хатлон 7,2 % ташкил дод. Бояд қайд намуд, ки дар ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзӣ хоҷагиҳои (фермерӣ) деҳқонӣ 38,2%-ро ишғол менамоянд. (ҷадвали 11).

Омилҳои асосии таваҷҷӯҳ зоҳир намудан ба истеҳсолоти кишоварзӣ аз як тараф қонеъ гардонидани талаботҳои дохилӣ, аз тарафи дигар афзоиш додани содироти маҳсулотҳои кишоварзӣ ба таври доимӣ мебошад. Аз ин хотир, барои баланд бардоштани иқтидори содиротӣ ва дар заминаи ин таъмини доимии содирот чораҳои заруриро андешидан

муҳим ва зарурӣ мебошад. Барои ин бунёди коргоҳҳои истеҳсолӣ ва таъмин намудани такрористеҳсол шарти асосии расидан ба ин ҳадафҳо мебошад.

Дар боби панҷум «Самтҳои асосии баланд бардоштани таъминоти озуқавории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити диверсификатсияи иқтисодиёти миллӣ» консепсияи таъмини бехатарии озуқавории миллӣ таҳия шуда, самтҳои асосии ташаккули захираҳои озуқавории худӣ тавассути болобарии сифату бехатарии маҳсулоти кишоварзӣ, ашёи хом ва озуқаворӣ пешниҳод гардида, таъмини бехатарии озуқавории кишвар дар шароити диверсификатсияи иқтисодиёти миллӣ ва ҳангоми шомил шудани он ба узвияти Созмони умумиҷаҳонии савдо арзёбӣ шудааст. Дар муқаррароти асосии сиёсати кишоварзии Ҳукумат дар «Барномаи амнияти озуқавории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2026-2030» омадааст, ки «...вазифаи асосии комплекси агросаноатӣ таъмини амнияти озуқавории ҷумҳурӣ мебошад»[16, с 36.]. Бо дарназардошти ин давлат ӯҳдадор аст, ки нисбат ба татбиқи он сиёсати оқилонаи макроиқтисодиро пеш барад ва барои иҷрои ин вазифа мусоидат кунад. Мисоли мушаххас меорем. Дар ибтидои солҳои 90-уми асри гузашта коҳиш ёфтани маблағҳои буҷетӣ дар самти дастгирии давлатии соҳаи кишоварзӣ ба мушоҳида мерасид. Агар соли 1990 ҳиссаи хароҷот ба хоҷагии қишлоқ ва моҳидорӣ дар бахши хароҷоти буҷетҳои ҳамаи сатҳҳо 15 фоизро ташкил дода бошад, пас дар соли 2024 ҳамагӣ 2 фоизро ташкил дод. Масъалаи паст гардидани сатҳи ҳосилхезии замин ва дар заминаи ин коҳиш ёфтани сифати тухмипарварӣ ва камҳосилии он ва ҳамчунин чорво воқеан натиҷаи камтаваҷҷӯҳӣ дар баъзе масъалаҳои КАС мебошад.

Ҳаҷми сармоягузорӣ ба иқтисодиёти ҷумҳурӣ дар соли 2024 то 0,8 баробар афзуд. Қобили зикр аст, ки дар соли 2024 афзоиши ҳаҷми сармоягузорӣ бо мушоҳидахо чун дар ин давра ба сармояи асосӣ 22543,0 миллион сомонӣ сармоягузорӣ шудааст, ки қариб 2 баробар зиёд нисбат ба соли 2023 мебошад. Мутаносибан ҳаҷми сармоягузорӣ ба ҳар сари аҳолӣ аз 1,5 ҳазор сомонӣ дар соли 2024 афзоиш ёфт, ки ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки айни замон тамоюли афзоиши сармояи асосӣ ба назар мерасад.

Динамикаи сармоягузорӣ ба фондҳои асосӣ дар давраи таҳлилшуда мусбат аст, аммо динамикаи индекси ҳаҷми ҷисмонии сармоягузорӣ ба сармояи асосиро дар муқоиса бо нишондиҳандаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои муайян кардани таносуби ҳаҷми сармоягузорӣ ба сармояи асосӣ бояд баррасӣ кард.

Ҳаҷми умумии сармоягузорӣ ба соҳаи кишоварзӣ 22543,0 миллион сомониро ташкил медиҳад, ки нисбат ба соли 2023 хеле зиёд аст. Ин нишондиҳанда аз он гувоҳӣ медиҳад, ки маблағгузорӣ ба бахши кишоварзӣ хеле кам аст, бинобар ин роҳҳои нави ҷалб намудани сармояро ҷустуҷӯ кардан лозим аст.

Ҷадвали 12. - Сохтори сармоягузорӣ ба сармояи асосӣ аз рӯйи намуди моликият барои соли 2024

Номгӯй	Январ-декабр соли 2024.		Барои маълумот:
	Млн. сомонӣ	Вазни қиёсии шаклҳои моликият дар ҳаҷми умумии маблағгузорӣ ба ҳисоби фоиз аз натиҷаи мохи январи соли 2024	Вазни қиёсии шаклҳои моликият дар ҳаҷми умумии маблағгузорӣ ба ҳисоби фоиз аз натиҷаи моҳи январи соли 2023
Сармоягузорӣ ба сармояи асосӣ	22543,0	100,0	100,0
Аз ҷумла аз рӯйи шаклҳои моликият:			
Давлатӣ	9830,5	43,6	39,9
Хусусӣ	8295	36,8	28,8
Муштарак	98,8	0,4	3,5
Хориҷӣ	4318,7	19,2	27,8

***Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси [1, с 37.].

Мушкилоти баҳодиҳии сатҳи дахолати давлат ба фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ дар комплекси агросаноатӣ бо шаффофияти нисбии механизм ва сарфи маблағҳои буҷетӣ алоқаманд аст.

Қайд кардан зарур аст, ки татбиқи лоиҳаҳо ва барномаҳои сармоягузоришаванда ба рушди соҳа мусоидат менамоянд ва агар ин татбиқ аз тарафи буҷет ба роҳ монда шавад метавонад як қатор мушкилотҳои иловагиро ба миён оварад. Илова бар ин, таснифоти буҷетие, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода мешавад, аз таснифоти байналмилалӣ тафовути куллӣ дорад ва дар раванди муқоисаи захираҳои сарфкардаи давлат бо захираҳои ҷаҳонӣ мушкилоти иловагӣ ба вуҷуд меорад.

Давлат ҳамчун ниҳод универсалӣ на танҳо дар таъмини амнияти озуқаворӣ, балки дар таъмини амнияти зиндагии шаҳрвандон бодарназардошти фароҳам овардани шароити созанда ва муҳити солими зиндагӣ нақши калидӣ ва нақши ҳалкунанда дошт, ҳамеша талош менамояд, ки дар арсаи пешрафта барои суботи ҷомеа тамоми талошҳои худро ба харҷ диҳад. Дар баробари таъмини сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ таъмини амнияти ғизоӣ, ки ба саломатии давлату миллат вобастагии зиёд дорад, давлат масъул мебошад.

Маблағгузорӣ ба фондҳои асосӣ барои сохтмони объектҳои истеҳсолӣ 22543,0 миллион сомонӣ истифода шуд. Ба сохтмони иншооти энергетикӣ хаҷми сармоягузориҳои азхудшуда нисбат ба моҳи январи соли 2024 12039,0 млн. сомонӣ сарф шуд.

Ҷадвали 13. - Ҳаҷми сармоягузорӣ ба фондҳои асосӣ аз рӯйи намуди фаъолияти иқтисодӣ дар моҳи январи соли 2024

Номгӯй	Соли 2024 млн. сомони	Соли 2024 % нисбат дар январи соли 2023 (бо нархҳои муқоисавӣ)	Ҳиссаи дар ҳаҷми умумии сармоягузориҳо (%) ба натиҷаи моҳи января соли 2023	Барои маълумот: ҳиссаи ҳаҷми умумии сармоягузорӣ ҳамчун фоиз аз ҳаҷми умумии соли 2023
Ҳамагӣ:	22543,0	108,4	100,0	100,0
Аз он ҷумла :				
Объектҳои истеҳсолӣ	12039,0	102,4	53,4	56,5
Кишоварзӣ, шикор ва ҷангал	36,6	37,8	0,2	0,5
Истихроҷи маъданӣ	960,2	49,5	4,3	9,3
Истеҳсолоти коркард	1139,9	4,9 баробар	5,2	1,2
Аз ҷумла соҳаҳои бофандагӣ ва дузандагӣ	1139,9	6,3 баробар	5,1	0,9

***Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси [1, с 174.].

Маблағгузорӣ ба фондҳои асосӣ барои сохтмони объектҳои истеҳсолӣ 22543,0 миллион сомонӣ буда, 65,4 фоиз истифода шуд. Ба сохтмони иншооти энергетикӣ ҳаҷми сармоягузориҳои азхудшуда нисбат ба моҳи январи соли 2024 5,4 баробар (бо нархҳои қиёсӣ) афзуд.

Ҷадвали 14. - Динамикаи сармоягузорӣ ба соҳаҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2022-2024 **(ҳазор доллар)**

Номгӯйи бахши иқтисодиёт	2022			2023			2024		
	Ҳамагӣ	Аз он ҷумла		Ҳамагӣ	Аз он ҷумла		Ҳамагӣ	Аз он ҷумла	
		Мустақим	Сармоягузориҳои дигар		Мустақим	Сармоягузориҳои дигар		Мустақим	Сармоягузориҳои дигар
ҳамагӣ	2576796,6	618400,0	1958179,4	2783975,2	284076,9	249977,5	5073827,8	459094,3	4613931,3
Кишоварзӣ, хоҷагии ҷангал, моҳипарварӣ,	407,8	407,8	0,00	21605,1	21527,5	77,6	7004,6	1906,3	5098,3
Бо ҳисоби % ба сармоягузории умумӣ	0,2	*	*	0,8	*	*	0,1	*	*

***Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси [3, с 245, 253, 220, 344, 345, 666, 675].

Чи тавре ки дар боло зикр кардем, соҳаҳои кишоварзӣ ҳамчун истеҳсолкунандаи озуқа аҳаммияти иҷтимоӣ доранд. Бинобар ин, давлат бояд иқтисодиёти кишоварзиро аз ҷиҳати моддӣ дастгирӣ кунад. Аз нишондоди ҷадвали 14. маълум мегардад, ки ҳаҷми маблағгузории буҷет дар соли 2024 5,073 миллион доллари ИМА-ро ташкил медиҳад ё 6,4 маротиба зиёд шудааст.

Танзим ва дастгирии давлатии комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи татбиқи барномаи миёнамӯҳлати мақсадноки рушди соҳаи кишоварзӣ ва танзими бозорҳои маҳсулоти кишоварзӣ ва озуқаворӣ барои солҳои 2021-2025 дар соҳаҳои зерин амалӣ карда мешавад.

Сатҳи дастгирии давлатии субъектҳои кишоварзии минтақа бо кӯшишҳои баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти истеҳсоли субъектҳои кишоварзии минтақа ва кам кардани таъсиргузории фаъолияти иқтисодии хориҷӣ арзёбӣ мешавад.

Инчунин, самтҳои таҳлилшудаи танзими давлатӣ ва дастгирии комплекси агросаноатӣ дар доираи татбиқи Барномаи миёнамӯҳлати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 ба мо имкон дод, ки ба хулосаи зерин биёем:

• Дараҷаи дастгирии давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон умуман, ба субъектҳои баррасишуда тафовут дошта, дар ҳаҷми захираҳои молиявии шолипарварӣ, чорводории гӯштӣ ва ширӣ ҷудошуда, яъне дар минтақаҳо якбора поён рафтани онҳо ифода меёбад.

• Бо сабаби ҷидду ҷаҳди доимии давлат ҷиҳати ба эътидол овардани вазъияти истеҳсоли маҳсулоти зарурии озуқаворӣ, минбаъд барои маблағгузориираванди афзоиши истеҳсолот, қафомонии техникӣ ва технологии кишоварзиро ва мураккабии истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир шаҳодат медиҳад,ки лоиҳаҳо барои инкишоф додани чорводорӣ, пашмпарварӣ, шолипарварӣ, чорводории гӯштӣ ва ширӣ коҳиш пайдо кардааст;

• Раванди афзоиши истеҳсолот, қафомонии техникӣ ва технологии кишоварзӣ, мураккабии истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир шаҳодат аз он медиҳад, кисарпарастӣва хароҷоти он вобаста ба навсозии техникӣ ва технологӣ, аз ҷумла, рушди инноватсия, ба ҷудо намудани субсидияҳо ба истеҳсолкунандагони техникаи кишоварзӣ ва татбиқи лоиҳаҳои инноватсионии ояндадори комплекси агросаноатӣ равона гардидааст, амалӣ намешавад;

• Нишондиҳандаи ҳисобшудаи стандарти самарабахши ҳифзи ЭПР бесамар будани тадбирҳо ва воситаҳои дастгирии давлатии комплекси агросаноатиро аз рӯйи чунин намудҳои мол, ба монанди ғалла, қанд ва равғани растанӣ нишон медиҳад.

Усули ҳамворкунии Браун асос ёфтааст, силсилаи вақтҳои татбиқшаванда ба модели ҳамворкунии экспоненсиалии Р ки бартарии он қобилияти инобат гирифтани арзиши вақти иттилоот, мутобиқ шудан ба шароити тағйирёбанда ва сохтани ҳисобҳои пешгӯишаванда мебошад, ки ҳангоми ба амал омадани равандҳо аҳамияти амалӣ дорад, ки таҷдид карда мешаванд, ноустувор мебошанд.



Диаграммаи 1.- Графики вобастагии дурнамои нишондиҳандаҳои бехатарии озуқаворӣ то соли 2030.

***Сарчашма**: таҳияи муаллиф бо истифода аз усули риёзӣ.

Дар мавриди минтақаҳо барои асоснок кардани тараққиёти дарозмуддати комплекси агросаноатӣ, усули пешгӯйии фаъолонаи усули аз боло ба поёнро истифода бурдан лозим аст. Бо истифода аз усули пешгӯйиҳо осонтар аст, зеро хатои нисбӣ нисбат ба хатогие, ки бо ҷамъбасти мустақими пешгӯйиҳои сатҳҳои поёнӣ ба даст омадааст, камтар аст (ин хулоса аз теоремаҳои лимити назарияи эҳтимолият барои арзишҳои миёна бармеояд) ва ба назар гирифтани маҳдудиятҳоро дар бораи захирахои мавчуда осонтар мекунад.

Ҷадвали 15. - Дурнамои истеҳсоли умумии маҳсулоти асосии кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030 дар асоси усулҳои риёзӣ

Сол	Ғалла ва ғалладона (ҳаз. тонн)	Картошка (ҳаз. тонн)	Сабзавот зироатҳои полезӣ (ҳаз. тонн)	Мева ва буттамева (ҳаз. тонн)	Гӯшт (ҳаз. тонн)	Шир(ҳаз. тонн)	Тухм (млн. дона.)
2023	1930	1170	2800	560	360	1100	1270
2024	2027	1260	2970	605	378	1180	1330
2025	2180	1330	3120	640	397	1250	1400
2026	2310	1420	3270	670	420	1310	1470
2027	2400	1510	3400	720	440	1390	1540
2028	2480	1620	3570	760	464	1480	1620
2029	2530	1710	3740	810	487	1520	1700
2030	2600	1840	3900	850	510	1610	1780

***Сарчашма:** аз ҷониби муаллиф бо истифода аз барномаи компютерии statustucolo бо истифода аз усулҳои пешгӯии математикӣ дар асоси тамоюлҳо барои солҳои 2013-2024 ҳисоб карда шудааст.

Коркарди маълумот бо истифода аз барномаи стандартии компютерӣ бо истифода аз усулҳои математикӣ (таҳлили коррелятсияи регрессионии бисёромилӣ) арзишҳои зерини пешгӯйии истеҳсоли маҳсулоти асосии

кишоварзиро барои солҳои 2023-2030 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дод (ҷадвали 15).

Аз рӯйи пешгӯйӣ дар вилояти Хатлон ҳолати зерин мушоҳида мешавад (ҷадвали 16).

Ҷадвали 16. - Дурнамои истеҳсоли умумии маҳсулоти асосии кишоварзӣ дар вилояти Хатлон то соли 2030 дар асоси усулҳои риёзӣ

Сол	Ғалла ва ғалладона (ҳ .тонн)	Картошка (ҳ .тонн)	Сабзавот зироатҳоиполезй (ҳ .тонн)	Мева ва буттамева (ҳ .тонн)	Гӯшт (тонн)	Шир (т.тонн)	Тухм(млн.д.)
2023	1220	231	1570	255	210	553	130
2024	1310	250	1650	237	223	590	139
2025	1400	265	1730	290	235	627	147
2026	1480	283	1820	306	250	658	156
2027	1490	297	1910	320	265	690	164
2028	1700	310	2020	339	278	730	170
2029	1780	330	2120	356	295	770	180
2030	1900	350	2230	370	310	808	191

***Сарчашма:** аз ҷониби муаллиф бо истифода аз барномаи компютерии statustucolo бо истифода аз усулҳои пешгӯйии математикӣ дар асоси тамоюлҳо барои солҳои 2012-2022 ҳисоб карда шудааст.

Вилояти Хатлон дар ҳудуди ҷумҳурӣ вилояти калонтарин ба шумор меравад. Дар вилоят ҳамасола зиёда аз 300 рӯзи офтобӣ мавҷуд аст. Шароити иқлими минтақа имконият медиҳад, ки дар ҳудуди он қариб тамоми маҳсулоти кишоварзӣ парвариш карда шавад.

Ҷадвали 17. - Пешгӯии истеҳсоли умумии маҳсулоти асосии кишоварзӣ дар вилояти Суғд то соли 2030, (ҳаз.тонн)дар асоси усулҳои риёзӣ

Сол	Ғалла ва ғалладона	Картошка	Сабзавот зироатҳои полезй	Мева ва буттамева	Гӯшт	Шир	Тухм(милл. дона)
2023	460	590	780	135	85	285	767
2024	490	625	820	143	90	302	805
2025	510	650	860	150	95	320	845
2026	535	680	905	160	99	336	880
2027	560	710	940	168	105	350	820
2028	595	760	985	177	111	374	860
2029	625	795	1030	187	117	390	900
2030	656	830	1080	198	124	415	950

***Сарчашма:** аз ҷониби муаллиф бо истифода аз барномаи компютерии statustucolo бо истифода аз усулҳои пешгӯии математикӣ дар асоси тамоюлҳо барои солҳои 2012-2022 ҳисоб карда шудааст.

Ҳамин тариқ, пешбиниҳо барои соли 2030 нишон медиҳанд, ки истеҳсоли ғалла 55,7 фоиз, картошка 51 фоиз, сабзавоту зироатҳои полезӣ 47,6 фоиз, меваю буттамева 45 фоиз, гӯшт 47,0 фоиз, шир 46 фоиз, тухм 46,9 фоиз зиёд гардад.

Вилояти Кӯҳистони Бадахшон асосан минтақаи кӯҳсор буда, захираҳои ночиз дорад. Ҳамин тавр, солҳои охир истеҳсоли ғалла дар сатҳи 70 ҳазор тонна аст, картошка 200-220 ҳазор тонна, сабзавот 110-120 ҳазор тонна, гӯшт қариб 10 ҳазор тонна, шир қариб 20 ҳазор тонна мебошад.

Ҷадвали 18. - Дурнамои истеҳсоли умумии маҳсулоти асосии кишоварзии ВМКБ то соли 2030 (ҳаз. тонн) дар асоси усулҳои риёзӣ

Сол	Ғалла ва ғалладона	Картошка	Сабзавот зироатҳои полезӣ	Мева ва буттамева	Гӯшт	Шир	Тухм(милл. дона.)
2023	78,0	25,0	121	234	10,0	20	4200
2024	82,0	27,0	128	248	10,6	21	4410
2025	86,0	28,0	135	260	11,2	22	4630
2026	90,0	30,0	142	276	11,8	23	4860
2027	96,0	30,0	142	276	11,8	23	5105
2028	100,0	35,0	159	304	13,0	25	5360
2029	107,0	37,0	167	320	13,8	27	5620
2030	112,0	40,0	175	335	14,6	29	5960

***Сарчашма:** аз ҷониби муаллиф бо истифода аз барномаи компютерии statustucolo бо истифода аз усулҳои пешгӯии математикӣ дар асоси тамоюлҳо барои солҳои 2012-2022 ҳисоб карда шудааст.

Вилоят барои зиёд намудани ҳаҷми маҳсулоти асосии озуқаворӣ ва дар оянда бо маҳсулоти асосии озуқаворӣ худтаъмин шудан, тибқи нишондоди дурнамои истеҳсолот дар ВМКБ то соли 2030 имкониятҳои калон дорад.

Маълумоти пешбинишуда оид ба ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти асосии озуқаворӣ то соли 2030 нишон медиҳад, ки минтақаҳои тобеи ҷумҳурӣ дар оянда талаботи рӯзафзуни пойтахтро бо озуқаворӣ таъмин карда метавонанд (ҷадвали 19).

Ҷадвали 19. - Дурнамои истеҳсоли умумии маҳсулоти асосии кишоварзӣ дар НТҶ то соли 2030 дар асоси усулҳои риёзӣ

Солҳо	Ғалла ва ғалладона (ҳ .тонн)	Картошка (х .тонн)	Сабзавот зироатҳои полезӣ (ҳ .тонн)	Мева ва буттамева (ҳ .тонн)	Гӯшт (ҳ.тонн)	Шир (ҳ. тонн)	Тухм (млн.дона.)
2023	244	290	470	132	62	217	322
2024	256	307	493	138	65	227	338
2025	268	322	510	145	68	239	355
2026	282	338	535	153	72	251	372
2027	296	355	562	160	76	264	391
2028	310	373	590	170	80	277	410
2029	325	392	620	178	83	290	430
2030	340	410	650	190	88	305	450

***Сарчашма:** аз ҷониби муаллиф бо истифода аз барномаи компютерии statustucolo бо истифода аз усулҳои пешгӯии математикӣ дар асоси тамоюлҳо барои солҳои 2012-2022 ҳисоб карда шудааст.

Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар атрофи пойтахти давлат ҷойгир буда, таъминкунандагони асосии озуқавории шаҳри Душанбе ба ҳисоб мераванд.

Дар маҷмуи тадбирҳои марбут ба таъмин намудани комплекси агросаноатӣ бо захираҳои меҳнатӣ, ҷойи кор ва кадрҳо босуръат тараққӣ додани системаи маълумоти касбии соҳаи кишоварзӣ ҳамчун вазифаи асосӣ ва ташаккули иқтисодиёти серсохти соҳаи кишоварзӣ тавсия мешавад. Ҳамчун варианти мувофиқтарини муносибатҳои кишоварзӣ тавсия дода мешавад, ки дар комплекси агросаноатӣ ба корҳонаҳои бузург ва миёна бо иктидори доштаи онҳо ва рушди интегратсияи агросаноатӣ таваҷҷуҳ зоҳир карда шавад.

Хулоса, маҷмуи тадбирҳои таъмин намудани комплекси агросаноатӣ бо захираҳои меҳнатӣ, ҷойи кор ва кадрҳо,босуръат инкишоф додани системаи маълумоти касбии хоҷагии қишлоқ ҳамчун вазифаи асосӣ ва ташаккули иқтисодиёти сершохаи аграрӣ тавсия мешавад. Он ҳамчун варианти мувофиқтарини муносибатҳои кишоварзӣ пешниҳод мешавад, ки дар комплекси агросаноатӣ ба корҳонаҳои калону миёна бо афзалияти шаклҳои кооперативии онҳо ва рушди интегратсияи агросаноатӣ диққат дода шавад.

Барои ҳамин дар сатҳи зарурӣ ташкил намудани фаъолиятҳои маркетингӣ ба мо имкон медиҳад, ки ҷанбаҳои идоракунии хоҷагии қишлоқро тақвият дошта ба таври доими дар истеҳсоли маҳсуллотҳои кишоварзӣ тағйиро ворид намоем. Аз ин лиҳоз зарурияти пурзур кардани низоми нави назораати давлатӣ ба хотири додани имкониятҳои бештар ба истеҳсолкунандагони ватанӣ мувофиқи мақсад ва шарти зарурӣ мебошад.

Дар асоси муносибатҳои доимии шартномавӣ хизмати сохторҳои миёнаравро коҳиш додан ва дар ин вазъият пешгӯйӣ намудани рушди бозорҳои озуқаворӣ асоснок шуда, мумкин мегардад. Дар хулоса хотирнишон намудан мукин аст, ки дар дар таъмини рушди усувори иқтисодӣ дар ҳамоҳангӣ бо КАС ва ҳамчунин таъмини амнияти озуқавории кишвар наши ниҳодҳои молиявӣ ва ғайри молиявӣ, давлатӣ ва ғайридавлатӣ назаррас ва муҳим буда аз ҳама онҳо талошҳои пайваста ва мақсаднок амал карданро тақозо менамояд. Дар ин сурат мо метавонем ба як давлати комилан пешрафта ва намуна дар муқоиса бо дигар давлатҳо расем.

Ҷиҳати гирифтани фоидаи пешбинигардида дар сатҳи сохторҳои малағгузорикунанда ва истеҳсолкунандагони маҳсулотҳои соҳаи кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор масъулиятҳои дтарафаеро ба вуҷуд меорад, ки аз як тараф даромади соҳа таъмин мегардад аз тараафи дигар бошад маблағҳои буҷетӣ самаранок истифода гардида ҳолати бозпасгардонии онҳо таъмин мегардад. Шикастани монополияи истеҳсол ва фурӯши маҳсулотҳои кишоварзӣ яке аз имкониятҳои асоссие мебошад, ки дар доираи он як қатор ҳавсмандиҳо ҳосил гарлдида рушди бомароми соҳа таъмин мегардад.

ХУЛОСА ВА ПЕШНИҲОДҲО

Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия:

1. Таҳқиқотҳои гузаронидашуда нишон медиҳад, ки таъмини бехатарии озуқаворӣ нақши муҳими иҷтимоӣ дорад. Омӯзиши назариявии ин масъала нишон дод, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бо бисёр намудҳои озуқавории истеҳсоли худӣ таъмин аст. Баъзе намудҳои озуқа (гӯшт, шир, қанд) аз дигар мамлакатҳои ҳамсоя ва дур ворид мешаванд.

Бояд қайд кард намуд, ки вазифаи асосии стратегияи миллии рушд то соли 2030 ҳалли ин масъаларо дар дурнамои наздик таъмин намудан аст.

Ташаккул ва рушди муносибатҳои беруниқтисодӣ, аз он ҷумла дар таъмини аҳолӣ бо озуқа қисми таркибии стратегияи таъмини бехатарии озуқаворӣ мебошад. Барои ҳалли ин масъалаҳои муҳими иқтисодӣ ва сиёсӣ,

ташаккули механизми ташкилӣ-иқтисодӣ, рушди инфрасохтори системаи таъминоти озуқа, рақобатпазирӣ байни субъектҳои соҳаи кишоварзӣ зарур мебошад [9-М], [12-М], [36-М].

2. Таҳлили гузаронидашуда нишон дод, ки таъминоти ҳуқуқии бехатарии озуқаворӣ мамлакат қазияҳои зиёд дорад.

Барои ҳалли қазияҳои бехатарии озуқаворӣ чорабиниҳои зеринро таъмин намудан лозим аст:

- ❖ Коркарди стратегияи нави таъминот бо озуқа;
- ❖ Дигаргунсозии санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ дар соҳаи кишоварзӣ;
- ❖ Мутобиқати сохтории вазифа ва мақсадҳо дар Вазоратҳои марбутаи соҳавии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- ❖ Рушди соҳа дар истеҳсол ва коркарди маҳсулоти озуқаворӣ.

Барои татбиқи равиши комплексӣ дар таъмини амнияти озуқаворӣ ҷумҳурӣ аз сиёсати ба таври қисм-қисм пешниҳоди қонунгузорӣ оид ба ин масъала даст кашида, маҷмуи санадҳои меъёрию ҳуқуқии бо ҳам алоқаманди дорои қувваи ҳуқуқии гуногунро бояд таҳия намуд, ки ба таъмини дастрасӣ ба уфуқҳои чашмдошти танзими давлатии комплекси озуқаворӣ мамлакат дар замони муайян равона шуда бошад [12-М], [14-М], [16-М], [22-М].

3. Барои ноил шудан ба мақсад ва вазифаҳои бехатарии озуқаворӣ муносибатҳои тиҷоратии байналмилалиро рушд додан лозим аст. Дар ин раванд оптималикунонии муносибатҳои байналмилалӣ, рушди савдо, сармоягузорӣ хеле муҳим мебошад. Дар ин асос муайян намудани самтҳои асосии таъминоти бехатарии озуқаворӣ саривақтӣ мебошад. Дар ин маврид самтҳои асосии миқдорӣ, сифатӣ ва сатҳи хароҷот ба озуқаро бояд таъмин намуд. Аз он ҷумла, риояи сохтори сифат ва истеъмолро ба таври ҳатмӣ бояд ба назар гирифт [10-М], [14-М], [38-М].

4. Яке аз самтҳои асосии таъминоти аҳолӣ бо озуқа ин таъминоти ҷисмонӣ ва сифатии озуқаворӣ мебошад. қайд намудан бамаврид аст, ки ҳангоми ба нақша гирифтани параметрҳои асосии таъминот бо озуқа бояд характери рушд ба таври ҳатмӣ ба назар гирифта шуда бошад. Барои амалӣ шудани ин мақсадҳо бояд методологияи нави таъминоти бехатарии озуқавориро коркард намуд. Самти дигари таъмини бехатарии озуқаворӣ ин баланд бардоштани сатҳи даромади пулии аҳолӣ, яъне дастрасии иқтисодӣ ба озуқа мебошад.

Бояд дар назар дошт, ки қазияи асосии таъминоти бехатарии озуқаворӣ ин дастрасии аҳолӣ дар минтақаҳои гуногуни мамлакат ба озуқаи хушсифат мебошад. Аз ин лиҳоз, ҳангоми қабули стратегияи таъминоти аҳолӣ бо озуқа ин қазияро ба назар гирифтан лозим аст [8-М], [12-М], [25-М].

5. Ташаккули механизми ташкилӣ-иқтисодии таъминоти бехатарии озуқаворӣ бояд дар оянда меъёрҳои иқтисоди бозориро бо назардошти дастгирии давлатӣ такмил дода, баъдан ба назар гирифт.

Ҳангоми коркарди механизми нави рушди соҳаи кишоварзӣ дар таъмини бехатарии озуқаворӣ ба васеъ намудани такрористеҳсол аҳамияти

ҷиддӣ додан лозим аст. Дар ин раванд чораҳои зерини дастгирии давлатиро риоя кардан зарур аст:

- Рушди маблағгузории соҳа;
- Паст намудани фоизи карзҳои бонкҳо;
- Ҷорӣ намудани танзими бозори озуқа;
- Самараноксозии идоракунӣ ва назорати давлатӣ дар соҳа [17-М], [18-М], [32-М].

6. Дар таъмини бехатарии озуқаворииҶумҳурии Тоҷикистон омилҳои дохила ва берунаро ба назар гирифтан лозим аст. Омӯзишҳо нишон доданд, ки барои ҳалли ин масъала дар оянда мамлакат системаи ягонаи таъминоти иттилоотии озуқавориро бояд таъсис диҳад. Вазорати кишоварзии мамлакат таҷдиди вазифаҳои идоракунии соҳаро бояд дар амал ҷорӣ намояд. Ин қадам асоси институтсионалии рушди устувори соҳаи кишоварзиро таъмин менамояд [4-М], [40-М], [42-М].

7. Дар оянда ҳангоми коркарди дурнамои таъмини бехатарии иқтисодӣ самтҳои зерин бояд ба назар гирифта шаванд:

- Таъмини самтҳои иҷтимоӣ дар барномаҳои оянда;
- Баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ;
- Таъмини дастгирии давлатии рушди устувори соҳаи кишоварзӣ;
- Рушди савдои байналмилалӣ;
- Дигаргунсозии инфрасохтори соҳаи кишоварзӣ;
- Баланд бардоштани самаранокии соҳа;
- Рушди дастгирии илмии соҳаи кишоварзӣ;
- Рушди инноватсияҳо дар соҳа;
- Рушди саноати коркарди маҳсулоти кишоварзӣ;
- Дигаргунсозии институтсионалӣ.

Ташаккули соҳаи кишоварзӣ дар оянда бояд иҷроиши мақсади асосӣ-рушди устувори соҳаро таъмин кунад. Дар ин шароит бехатарии озуқаворӣ таъмин мегардад, бозорҳои дохилӣ аз маҳсулоти асосии озуқаворииистеҳсоли соҳаи кишоварзии дохилӣ пурра мегарданд [4-М], [11-М], [15-М].

8. Барои расидан ба мақсади асосӣ, яъне инкишофи комплекси агросаноатӣ дар оянда, бояд рушди истеҳсолоти самарабахшу устувори агросаноатӣ бо таваҷҷӯҳ ба нишондиҳандаҳои муайяни мувофиқ ба сатҳи ҷаҳонӣ мусоидат намояд. Дар ҳамин асос ва дар ҳамин гуна шароит амнияти озуқаворииикишвар таъмин гардида, бозори дохилӣ бо маҳсулоти озуқаворииихушсифат, ки барои тамоми табақаҳои аҳолӣ дастрас мебошад, пурра гардонида шуда, даромад ва сатҳи рушди иҷтимоии аҳолииминтақаҳои алоҳида ба ҳамдигар наздик карда мешавад [16-М], [25-М], [32-М], [47-М].

9. Дар стратегияҳои ояндаи таъмини бехатарии озуқаворииимамлакат таъмини сифати маҳсулот бояд дар мадди аввал ба назар гирифта шавад. Дар ин раванд чораҳои зеринро амалӣ гардонидан лозим аст:

- Таҷдиди идоракунии сифати маҳсулот;
- Ҷорӣ намудани усулҳои ҳавасмандкунӣ;
- Рушди таъминоти иттилоотӣ;

- ❖ Таҷдиди низоми қонунгузорӣ;
- ❖ Тайёр намудани мутахассисони дорои донишҳои соҳавии замонавӣ;
- ❖ Рушди идоракунии инноватсионии соҳа [50-М], [51-М].

10. Сиёсати беруниқтисодӣ қисми таркибии системаи тадбирҳои таъмин намудани ҷумҳурӣ бо навъҳои асосии озуқа, самт ба ҳамгироии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба иқтисоди ҷаҳонӣ ва бозори ҷаҳонии озуқа мебошад. Вобаста ба ин, шомил шудани ҷумҳурӣ ба СУС мушкилоти зиёдеро ба миён оварда, зеро иқтисоди ватанӣ наметавонад аз чаҳорчӯбаи системаи иқтисодии ҷаҳонӣ, ҳамгироӣ ба иқтисоди ҷаҳонӣ ва тиҷорати алоҳида рушд кунад. Ҳамзамон, вазифаҳои асосии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи рушди комплекси агросаноатӣ ҳангоми ворид шуданаш ба СУС бояд аз инҳо иборат бошанд: баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти истеҳсоли ватанӣ, таъмини ҳамгироии бозорҳои минтақавӣ бо бозори умумиҷумҳуриявӣ ва ташаккули бозори умумии аграрии кишварҳои ИДМ; таъмини дастрасии озуқаворӣ бо нархҳои муътадил барои тамоми табақаҳои аҳолӣ; иҷрои уҳдадориҳои асосие, ки дар марҳилаи гуфтушуниди пешакии бисёртарафа ва дутарафа оид ба дохил шудан ба СУС қабул шудаанд [20-М], [29-М], [33-М], [39-М], [41-М].

11. Афзоиши ноустувории омилҳои эндогенӣ ва экзогенӣ таҳияи стратегияи дурнамои баланд бардоштани сатҳи амнияти озуқаворӣ, дар асоси муайян намудани траекторияҳои оптималии рушди бахши миллии кишоварзиро аз рӯйи ҳар як сенарияи имконпазир талаб мекунад. Натиҷаҳои муайян намудани вариантҳои асосии стратегияи амнияти озуқаворӣ собит карданд, ки самти умедбахши ҳалли мушкилоти дар таҳқиқот зикргардида, татбиқи сенария оид ба афзоиши ҳадди аксари иқтидори содиротии соҳаи кишоварзӣ ва ҳавасмандгардонии равандҳои ба ивазкунии воридот равона гардида мебошад [16-М], [22-М], [23-М], [31-М].

Тавсияҳо барои истифодаи амалии натиҷаҳои диссертатсия.

Таҳқиқотҳои дар доираи диссертатсия анҷом дода шуда, ба мо имкон медиҳад, ки тавсияҳои зеринро барои истифодаи амалӣ пешниҳод кунем:

1. Тараққиёти муътадили кишоварзӣ асоси низоми худтаъминкунии ҷумҳурӣ бо озуқаворӣ мебошад. Афзоиши иқтисодии кишоварзӣ ба зиёд шудани истеҳсоли маҳсулоти арзону дастраси тамоми аҳолӣ, такмил додани муносибатҳои истеҳсолӣ ва тадриҷан бартараф намудани тафовути ҷиддии байни табақаҳои гуногуни ҷомеа мусоидат мекунад, зеро дар баҳодиҳии кишоварзӣ маҳаки асосии нишондиҳандаи баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ мебошад.

Дар низоми кишоварзии ҷумҳурӣ иктисодиёти серсоҳа инкишоф ёфта истодааст. Хоҷагиҳои деҳқонии коллективию фардӣ ва заминҳои наздиҳавлигии сокинони деҳот, ки онҳоро хоҷагии деҳқонӣ ҳисоб кардан мумкин аст, бешубҳа дар истеҳсоли маҳсулоти асосии кишоварзӣ иштирок намуда, дар баробари мустаҳкам шудани базаи моддию техникиашон ҳиссаи онҳоро боз ҳам афзун хоҳанд кард [2-М], [4-М], [6-М], [9-М].

2. Рушди дарозмуддати истеҳсолоти кишоварзӣ ва зиёд кардани самараи он ба коркарда баромадан ва дар амал татбиқ намудани низоми маҷмуавии тадбирҳо вобаста аст. Дар байни онҳо, дар баробари мустаҳкам намудани базаи моддию техникӣ, аҳамияти муҳимро амалӣ намудани корҳои мелиоративӣ, тадбирҳои ба воситаҳои истеҳсолот дастрас будани онҳо, татбиқи комёбиҳои навтарини илмӣ дар истеҳсолоти кишоварзӣ ишғол мекунанд. Муносибатҳои байни ташкилотҳои кишоварзӣ бо давлат ва корхонахои соҳаҳои саноат, инчунин байни кормандони соҳаи кишоварзӣ ва давлат бояд бо назардошти истеҳсол, тақсим, мубодила ва истеъмол барпо карда шаванд [10-М], [12-М], [17-М], [18-М].

3. Тараққиёти истеҳсолоти кишоварзиро асоси таъмин намудани истиқлолияти озуқавории мамлакат дар шароити бозор ба назар гирифта, қайд кардан лозим аст, ки муаммоҳои асосии дар доираи он муҳокимашаванда гуногунҷанба ва серпаҳлу мебошанд, зеро худи раванди таъсири ислоҳоти аграрӣ ба натиҷаҳои фаъолияти молиявию иқтисодии корхонаҳои азнавташкилшуда мухталиф буда, аз омилҳои объективӣ, аз вазъи умумии сиёсию иҷтимоӣ ва иқтисодии кишвар вобаста аст, ки аз бисёр ҷиҳат ноустувор аст ва пешгӯйии тағйироти он на ҳамеша имконпазир аст [23-М], [24-М], [28-М], [32-М].

4. Дар шароити маҳдудиятҳои муосири тиҷорати хориҷӣ, байни меъёрҳои амнияти озуқавории ҷумҳурӣ, ки онро СМР-2030 муайян кардааст (ҳиссаи озуқавории ватанӣ дар бозори дохилӣ), ихтилоф ба назар мерасад. Зеро аз нуқтаи назари он вазъи амнияти озуқаворӣ беҳтар шуда, истеъмоли маводи озуқа кам мешавад, ки ин тағйироти вазъи амнияти озуқавориро манфӣ тавсиф мекунад. Ҳамин тавр, ҳиссаи озуқавории ватанӣ дар ҳаҷми умумии захираҳои бозори молии дохилӣ наметавонад ягона меъёри арзёбии амнияти озуқаворӣ бошад. Дар шароити маҳдудияти савдои берунӣ барои баҳодиҳии устувории таъминоти озукаворӣ, аз ҷумла нишондодҳоеро истифода бурдан лозим аст, ки бевосита аз ҳаҷми воридот ва содироти маҳсулоти озуқаворӣ вобаста нестанд [25-М], [28-М], [30-М], [42-М], [43-М].

